**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ**

**АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**УДК: 9тоҷик+32+327+9каз(574)**

**ББК: 63.3(2тоҷик)+66.49+66.5(2)+66.4(06)**

**К-65**

**КОМИЛЗОДА НАСИМ ИБРОҲИМ**

# ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ БИСЁРСАМТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ (СОЛҲОИ 1991-2021)

Ихтисос: 07.00.15 - Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои таърих,
дотсент Шарипов А.Н.

**Кӯлоб – 2025**

# МУНДАРИҶА

**РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО..........................................................................3**

**МУҚАДДИМА..........................................................................................4-24**

**БОБИ I. ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ: ЗАМИНА ВА МАРҲАЛАҲОИ ТАШАККУЛИ ДИПЛОМАТИЯИ БИСЁРСАМТАИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚАЗОҚИСТОН (солҳои 1991-2000)..............................................................25-75**

1.1. Ташаккули самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................................25-52

1.2. Самтгирии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон дар охири асри XX.........................................................................................53-75

**БОБИ II. ТАҲАВВУЛИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚАЗОҚИСТОН ДАР ИБТИДОИ АСРИ XXI (солҳои 2001-2015).......76-107**

2.1.Зарурати ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон дар ибтидои ҳазораи сеюм.........................................................................76-94

2.2.Заминаҳои ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Қазоқистон ва таҳаввули он...............................................................................95-107

**БОБИ III. ДАСТОВАРДҲО ВА ДУРНАМОИ СИЁСАТИ БИСЁРСАМТАИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚАЗОҚИСТОН....................108-148**

3.1. Марҳалаҳои асосии ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон...................................................108-127

3.2. Дастовардҳо ва дурнамои рушди сиёсати хориҷии бисёрсамтаи кишварҳо.....................................................................................128-148

**ХУЛОСА...............................................................................................149-152**

**ТАВСИЯҲО...........................................................................................153-154**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.........................................................................155-181**

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО

ААД - Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ

АПНАҲ - Аҳднома дар бораи паҳн накардани аслиҳаи ҳастаӣ

АСЕАН – Ассосиатсияи кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ

ББНА -Бунёди байналмилалии наҷоти Арал

ВКХ - Вазорати корҳои хориҷӣ

ИДМ - Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ИА – Иттиҳоди Аврупо

ИҶШС - Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

МАГАТЭ – Агентии байналмилалии нерӯи атомӣ

МҲТБО -Машварат оид ба ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё

НАТО - Созмони аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ

СААД - Созмони аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

САҲА - Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо

СҲШ - Созмони ҳамкории Шанхай

СКИ - Созмони конференсияи исломӣ

СҲИ - Созмони ҳамкории иқтисодӣ

ҶИАО - Ҷомеаи иқтисодии Авруосиё

ЮНЕСКО – Созмони омӯзишӣ, илмӣ ва фарҳангии Милали Муттаҳид

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Баъди ба даст овардани истиқлоли сиёсӣ кишварҳои Осиёи Марказӣ ба мушкилоти наве рӯ ба рӯ шуданд, ки яке аз масъалаҳои асосӣ таҳкими сиёсати хориҷӣ ва хадамоти дипломатӣ дар минтақа маҳсуб меёфт. Ҳарчанд, дар давраи Иттиҳоди Шуравӣ дар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ таҷрибаи идораи иқтисодӣ ва ҳамгироӣ фароҳам шуда буд, вале рушди сиёсати хориҷӣ ба таваҷҷуҳи бештар ниёз дошт. Маҳз, ташхиси дурусти моҳият ва самтҳои сиёсати хориҷӣ метавонист заминае барои таҳкими низоми давлатдорӣ ва бақои кишварҳои тозаистиқлол фароҳам созад.

Сиёсати хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон новобаста аз робитаҳои якҷоя дар даврони шуравӣ ва вобастагӣ дар соҳаҳои гуногун зарурати муайян намудани самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷӣ ва таҳкими муносибатҳои дипломатиро бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) возеҳ сохт. Дар баробари ин, таҳдиди хатарҳои муосир, надоштани артиши муназзам, буҳрони иқтисодӣ ва сиёсӣ, мушкилиҳои иҷтимоии замони истиқлол дар сиёсати хориҷии кишварҳо зарурати ҳамкориҳои байнидавлатӣ ва рушди робитаҳои иқтисодию фарҳангӣ бо ҷумҳуриҳои пасошуравӣ, махсусан бо Федератсияи Русияро пеш овард.

Дар солҳои аввали касби истиқлоли давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон самти афзалиятноки ҳамкориҳоро дар сиёсати хориҷӣ бо кишварҳи аъзои ИДМ ва Федератсияи Русия медонистанд. Вале зуҳури мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар худи Русия ба барномаи сармоягузорӣ ва иқтисодии он дар шароитиислоҳоти иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ (Тоҷикистон ва Қазоқистон) таъсири номатлуб гузошт.

Афзун гардидани нуфузи минтақа дар соҳаи сиёсӣ ва иқтисодӣ таваҷҷуҳи кишварҳои қудратманди ҷаҳонро бинобар сабаби ҳамчун минтақаи транзитӣ фаъолият намудан ба худ ҷалб намуд. Ҳамчунин, кишварҳои Осиёи Марказӣ бо оғози амалиёти байналмилалии

зиддитеррористӣ дар Афғонистон ва ҷалби сармоягузориҳои мустақим ҷиҳати татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ, инъикоси арзишҳои миллӣ ва фарҳангии халқҳо зарурати эъломи сиёсати дарҳои кушодаро возеҳ намуданд, ки аз оғози ҳазораи навин Тоҷикистон ва Қазоқистон ба сиёсати бисёрсамта ба таври амалӣ рӯй овrouted.

Дар баробари ин, афзалияти ҳамгироии минтақавӣ дар сиёсати хориҷии кишварҳо дар шароити рушди истиқлоли давлатӣ возеҳ буд. Мавқеи Ҷумҳурии Қазоқистон дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз махсусияте ба ҳисоб меравад, ки Президенти кишвар дар ин замина ҳамеша ҳамкори бо ин кишварро бобати рушди сиёсати хориҷии бисёрсамта муҳим медонанд. Сарвари давлат дар Иҷлосияи XVIII Шурои Олӣ нисбат ба кишварҳои минтақа, ки Ҷумҳурии Қазоқиистон яке аз онҳо аст, қайд карда буданд: «Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи мавқеи геополитикӣ, маҳалли ҷуғрофӣ, ва манофеи иқтисодӣ ба панҷ ҳавзаи сиёсӣ дохил шудааст», ки ҳавзаи дуюми он «Осиёи Марказӣ мебошад, ки акнун рӯ ба ваҳдати иқтисодию сиёсӣ қарор дорад»[1]. Ин нуктаи боло аз он шаҳодат медиҳад, ки дар пешбурди сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҳамкорӣ бо Қазоқистон ҷойгоҳи муносиб дорад ва то имрӯз робитаи кишварҳо дар асоси ҳусни тафоҳуми дӯстӣ дар минтақа таҳким меёбанд.

Самти афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати кишварҳои Осиёи Марказӣ дар тамоми асноди марбут ба сиёсати хориҷӣ инъикос ёфта, суханрониҳои Пешвои миллат аз тамоми минбарҳои дохиливу хориҷӣ ва Паёмҳои солона ба Парлумони кишвар таваҷҷуҳи хоссаи кишварро ба он ифода менамуд[2].

Албатта, дар ин радиф Ҷумҳурии Қазоқистон бо назардошти нақши пешсафӣ дар Осиёи Марказӣ, нуфуз дар ИДМ ва дар арсаи байналмилалӣ,

[1] Дипломатияи Тоҷикистон [Матн]: дирӯз ва имрӯз / зери назари Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2009. – Ҷ.1. – С.16.
[2] Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]: бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст. – Низоми дастрасӣ: https://www.mfa.tj/tg/main/view/4255/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston (санаи муроҷиат 20.10.2021).

иқтидори нисбатан беҳтари илмӣ-техникӣ ва истеҳсолӣ, пешбурди сиёсати дурусту дурандешонаи хориҷӣ, инчунин робитаҳои суннатии дӯстонаи ду халқ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба унвони шарики стратегӣ дар минтақа чӣ дар самти ҳарбӣ-сиёсӣ ва ҳам дар самти рушди ҳамкориҳои бисёрҷанбаи иқтисодӣ ва фарҳангӣ ҷойгоҳи муҳим дорад[1].

Бояд қайд намуд, ки тамоюли рушди сиёсати хориҷии ҳар ду кишвар дар даврони истиқлол шабоҳати зиёд дошта, дар шароити мураккаби буҳрони низоми муносибатҳои байналхалқӣ тадриҷан ташаккул ёфта, шакли нави сиёсат, яъне сиёсати хориҷии бисёрсамтаро касб намудааст. Эълони сиёсати «дарҳои кушода»-и Тоҷикистон ва сиёсати бисёрсамтаи Қазоқистон низ бо равандҳои ташаккули низоми нави муносибатҳои байналхалқӣ дар оғози ҳазораи навин ва зарурати рушди ҳамкориҳои мутақобила бо кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ алоқаманд аст.

Дар заминаи таҳлили масъалаи таҳқиқшаванда метавон гуфт, ки аҳамияти омӯзиши ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон дар нуктаҳои зерин ифода меёбад:

- омӯзиши моҳияти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон барои қиёси минтақавии марҳалаҳои инкишоф ва дастовардҳо муштарак имкон фароҳам меорад ва метавонад ба унвони мактаби судманди ташаккули минбаъдаи робитаҳои байнидавлатӣ таъсири мусбат расонад;

- истифодаи имкониятҳои иқтисодӣ, истеҳсолӣ ва ҷалби сармоягузориҳои Қазоқистон ба кишвар ҷиҳати татбиқи муваффақонаи ислоҳоти соҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ ва татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- омӯзиши ғояҳои ҳамгироӣ, ташаккули сиёсати хорҷии кишварҳо ҷиҳати пайдо намудани ниҳодҳои фарогир ва таъмини дастаҷамъонаи амнияти минтақа;

---

[1] Саидов, З. Основные внешнеполитические интересы Таджикистана на рубеже веков [Текст] / З. Саидов. – 4-е, доп. изд. – Душанбе: Контраст, 2011. – С.33.

- зарурати дарки таҳдидҳои муосир ва пешниҳоди ташаббусҳои муштарак ҷиҳати пешгирии онҳо дар марҳалаҳои ибтидоӣ;

- имконияти омӯзиши дастовардҳои якдигар, дурнамои эҳтимолии истифодаи онҳо бо назардошти махсусиятҳои миллӣ ва таҳкими ниҳоди сиёсати хориҷӣ ва хадамоти дипломатӣ.

**Сатҳ ва дараҷаи омӯзиши илмии мавзуи таҳқиқӣ.** Мавзуи «Ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021)» дар маркази таваҷҷуҳи донишмандони ватанӣ, Осиёи Марказӣ, доираҳои илмии кишварҳои пасошуравӣ ва ғарбӣ қарор дорад.

Ҳарчанд, ҷанбаҳои алоҳидаи мавзуъ дар шакли мақола ва диссертатсияҳои илмӣ мушаххас баррасӣ шудааст, вале матлаби онҳо дар маҷмуъ, барои инъикос, таҳлил ва муқоисаи тамоми паҳлуҳои марҳалаҳои ташаккули сиёсати хориҷии кишварҳо кофӣ нест. Аз ҷониби дигар, муқоисаи давраҳои ташаккули сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон барои ташхиси масоили умумӣ ва ҷузъӣ ба шакли ҷомеъ ва мукаммал сурат нагирифтааст. Аз ин рӯ, зарурати таҳқиқоти маҷмуӣ-муқоисавӣ дар ин самт ва таълифи диссертатсия бо забони тоҷикӣ ба миён омад. Дар рафти таълифи диссертатсия адабиёт ва осори илмии нав доир ба паҳлуҳои мухталифи мавзуъ мавриди истифода қарор гирифтанд.

Бо мақсади дастёбӣ ба ҳадафҳои таҳқиқот ва матолиби адабиёти мавҷударо метавон дар чанд гурӯҳи зерин таҳлил намуд:

**Ба гурӯҳи якум** таҳқиқи олимоне дохил мешаванд, ки паҳлуҳои гуногуни ташаккули дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор доданд[1].

Дар китоби Ҳ. Зарифӣ[2] сиёсати бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамкориҳои он бо кишварҳои алоҳида ва созмонҳои байналмилалӣ ифода ёфта, китобҳои зери таҳрири ӯ чопшуда оид ба дирӯз ва имрӯзи дипломатияи

---

[1] Дипломатияи Тоҷикистон [Матн]: дирӯз ва имрӯз / зери назари Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2009. – Ҷ.1. – 296 с.

[2] Зарифи, Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана [Текст] / Х. Зарифи. – Душанбе, 2010. – 352 с.

Тоҷикистон, саҳифаи нави дипломатияи тоҷик ва нақши Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун бунёдгузори сиёсати хориҷӣ таҳлил шудаанд.

Дар осори З. Сайидзода[1] муносибатҳои байнидавлатии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ дар қолаби дуҷониба ва бисёрҷониба, сиёсати хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, марҳалаҳои муосири ташаккули сиёсати хориҷӣ, масъалаҳои мубрами истиқлол ва сиёсати хориҷии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Бояд таъкид кард, ки дар ин осор дар радифи тавсифи мушаххаси инкишофи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа, аз ҷумла Ҷумҳурии Қазоқистон, масъалаҳои назариявии инкишоф ва вижагиҳои пешбурди сиёсати хориҷии кишвари мо таҳлил шудааст.

Дар асари Т. Назаров ва А. Сатторзода[2] моҳияти дипломатияи муосири тоҷик ва заминаҳои ҳуқуқии ташаккули он инъикос ёфтааст. Дар осори А. Сатторзода[3] масъалаҳои мубрами сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моҳияти бисёрсамтаи он ва арзишҳои Ваҳдати миллӣ ба таври муфассал баррасӣ шудаанд.

Дар китобе, ки зери таҳрири С. Аслов[4] чоп шуд, таърихи мухтасари фаъолияти 30-солаи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муваффақият ва

---

[1] Саидов, З. Межгосударственные отношения Республики Таджикистан в двустороннем формате [Текст] / З. Саидов. – Душанбе, 2001. – 112 с.; Ҳамон муаллиф. Внешняя политика Президента Рахмонова [Текст] / З. Саидов. – Душанбе, 2000. – 162 с.; Ҳамон муаллиф. Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе [Текст] / З. Саидов. – Душанбе, 2006. – 560 с.; Ҳамон муаллиф. Политика открытых дверей [Текст] / З. Саидов. – Душанбе, 2003. – 224 с.; Ҳамон муаллиф. Внешняя политика Таджикистана в период его становления как суверенного независимого государства (1992-2004 гг.) [Текст] / З. Саидов. – Душанбе, 2010. – 446 с.; Ҳамон муаллиф. Таджикистан [Текст]: межгосударственные отношения в период становления внешней политик / З. Саидов. – 4-е, доп. изд. – Душанбе, 2012. – 628 с.; Саҳифаи нави дипломатияи тоҷик [Матн] / зери таҳрири умумии Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 160 с.; Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият [Матн] / зери назари Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – 340 с.; 25 қадам дар паҳнои олам [Матн] / зери назари С. Аслов. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 220 с.; Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон [Матн] / зери таҳрири умумии Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе, 2012. – 272 с.; Назриев, Д. Республика Таджикистан [Текст]: история независимости год 1991-й / Д. Назриев, И. Саттаров. – Душанбе: Ирфон, 2002. – Т.1. – 336 с.; Ҳамон муаллиф. Республика Таджикистан [Текст]: история независимости год 1992-й / Д. Назриев, И. Саттаров. – Душанбе: Ирфон, 2005. – Т.2. – 337 с.; Ҳамон муаллиф. Республика Таджикистан [Текст]: история независимости год 1993-й / Д. Назриев, И. Саттаров. – Душанбе: Ирфон, 2006. – Т.3. – 903 с.

[2] Назаров, Т. Дипломатияи муосири тоҷик [Матн] / Т. Назаров, А. Сатторзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 224 с.

[3] Сатторзода, А. Актуальные проблемы внешней политики Таджикистана [Текст]: многовекторность в действии / А. Сатторзода. – Душанбе, 2014. – 520 с.; Ҳамон муаллиф. Арзишҳои ваҳдати миллӣ [Матн] / А. Сатторзода. – Душанбе, 2017. – 252 с.

[4] 25 қадам дар паҳнои олам [Матн] / зери назари С. Аслов. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С.170.

пешрафт дар арсаи байналмилалӣ, ташаббусҳои давлат ва ҳамкорӣ бо кишварҳои ҷаҳон дар шакли дуҷониба ва бисёрҷониба мавриди арзёбӣ қарор гирифтанд.

Умуман, истифодаи ин адабиёт барои муайян намудани моҳияти сиёсати хориҷии Тоҷикистон, инкишофи марҳалаҳои он, нақши Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бунёд ва пешрафти сиёсати хориҷӣ матолиби судмандеро дар ихтиёри мо гузоштанд.

**Ба гурӯҳи дуюм** осори муҳаққиқони қазоқ дохил мешаванд, ки ба таҳлили сиёсати хориҷӣ, моҳият ва марҳалаҳои он бахшида шудаанд.

Дар асари дастаҷамъонаи К.И. Байзакова, Ф.Т. Кукеева ва М.Ш. Губайдуллина[1] мазмун, мундариҷа ва марҳалаҳои инкишофи сиёсати хориҷии Қазоқистон таҳлил шудааст.

Дар китобҳои Қосим Жомарт Токаев[2] моҳият ва марҳалаҳои инкишофи сиёсати хориҷӣ, хадамоти дипломатии Қазоқистон, сиёсати хориҷии кишвар дар шароити ҷаҳонишавӣ, ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ дар замони истиқлол мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Боиси таъкид аст, ки бо назардошти вазифаҳои муҳимми муаллиф дар сохтори давлатӣ ва дастрасии ӯ ба асноди зиёди ҳуқуқӣ, ин китоб дар самти сиёсати хориҷӣ ба гурӯҳи аввали адабиёт дохил мешавад.

Дар осори Б.К. Султанов[3] нақши Қазоқистон дар ҷаҳони муосир, воқеият ва дурнамо, таърихи 20 соли истиқлоли кишвар, тавсифи дастовардҳо дар самти сиёсати хориҷӣ, мушкилоти ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва пешраафти муосири кишвар ва афзалияти сиёсати хориҷии Қазоқистон мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

---

[1] Внешняя политика Республики Казахстан [Текст]: учебник / под общ. ред. К.И. Байзакова, Ф.Т. Кукеева, М.Ш. Губайдуллина и др. – Алматы: Қазақ университети, 2006. – 303 с.

[2] Дипломатическая служба Республики Казахстан [Текст]: учеб. пособие / под общ. ред. К.К. Токаева. – Алматы: Эдельвейс, 2004. – 543 с.; Казахстан в современном мире: реалии и перспективы [Текст]. – Алматы: КИСИ, 2008. – 348 с.

[3] Казахстан: 20 лет независимости [Текст]: монография / под общ. ред. Б.К. Султанова. – Алматы: КИСИ, 2011. – 408 с.; Современное экономическое развитие Казахстана [Текст]: отраслевые, региональные, внешнеэкономические приоритеты / под общ. ред. Б.К. Султанова. – Алматы: КИСИ, 2011. – 236 с.

Дар китоби С.К. Кушкумбаев[1] масъалаҳои ҳамгироии Осиёи Марказӣ дар оғози ҳазораи навин, аз ҷумла масоили умумӣ ва вижагиҳои усули ҳамгироӣ ва дурнамои пешрафти он баррасӣ шудаанд.

Лапин Н.С.[2] зимни баррасии нақши Президенти аввалини Ҷумҳурии Қазоқистон Н.А. Назарбоев дар ташаккули мафкураи таърихии қазоқистониҳо хадамоти ӯро дар ташхиси арзишҳои сиёсати хориҷӣ ва пешрафти самтҳои асосии он инъикос кардааст.

Дар асари М.Т. Лаумулин[3] масъалаҳои умдаи таърихи Қазоқистон ва Осиёи Марказӣ дар шарқшиносии ҷаҳонӣ матраҳ шуда, умури давлатдории халқи қазоқ аз назари таърих ва муосир, масъалаҳои асосии сиёсати хориҷӣ дар низоми навини давлатдорӣ таҳлил шудаанд.

Матолиби ин адабиёт ба муаллиф имкон дод, ки моҳияти сиёсати хориҷии Қазоқистон ва марҳалаҳои инкишофи онро дуруст ташхис намояд ва дар таълифи диссертатсия, бахусус роҳи тайкардаи 30 - сола, самтҳои асосиии сиёсати хориҷӣ, мушкилоти мавҷуда ва дастовардҳои сиёсати хориҷии ду кишварро ҳамчун асоси илмӣ ва назариявӣ таҳлил намояд.

**Ба гурӯҳи сеюм** таҳқиқи диссертатсионӣ дохил мешаванд, ки баъзе паҳлуҳои алоҳидаи ҳамкориҳои Тоҷикистону Қазоқистонро ба таври барҷаста бозтоб месозанд.

Дар диссертатсияи А. Шарипов[4] масъалаҳои мубрами ҳамкориҳои Тоҷикистону Қазоқистон дар 15 соли аввали истиқлол инъикос ёфтааст. Муҳаққиқ ҳамкории халқҳоро аз асрҳои миёна марҳала ба марҳала то ба замони аввали истиқлол бо далелҳои мушаххас исбот кардааст.

---

[1] Казахстан в современном мире: реалии и перспективы [Текст]. – Алматы: КИСИ, 2008. – 348 с.; Кушкумбаев, С.К. Центральная Азия на путях интеграции [Текст]: геополитика, этничность, безопасность / С.К Кушкумбаев. – Алматы: Издательский дом Казахстан, 2002. – 196 с.

[2] Лапин, Н.С. Президент Республики Казахстан Н.А. Назарбаев и формирование исторического сознания казахстанцев [Текст] / Н.С. Лапин. – Астана: БиКА, 2017. – 296 с.

[3] Лаумулин, М.Т. История Казахстана и Центральной Азии в мировой ориенталистике [Текст]: к 550-летию Казахского ханства / М.Т. Лаумулин. – Астана: КИСИ, 2015. – Ч.1. – 416 с.

[4] Шарипов, А.Н. Дипломатические, торгово-экономические и культурные взаимоотношения Таджикистана с Казахстаном (1991-2006 гг.) [Текст]: дисс... канд. истор. наук / Шарипов Амриддин Нуридинович. – Душанбе, 2011. – 196 с.; Файзов, Н.Н. Ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар даврони истиқлолият [Мант]: дисс... ном. илм. таърих / Файзов Некруз Наврузович. – Душанбе, 2019. – 188 с.

Диссертатсияи С. Шарипов[1] ба таҳлили вижагиҳои пешрафти муносибатҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон дар ибтидои асри XXI (2001-2016) бахшида шудааст. Дар он муҳаққиқ ба вижагиҳои сиёсати хориҷии кишварҳо, аз ҷумла моҳияти сиёсати «дарҳои кушода»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сиёсати бисёрсамтаи Қазоқистон таваҷҷуҳ намудаст.

Диссертатсияи Н. Файзов[2] зимни баррасии ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ баъзе паҳлуҳои муҳимми инкишофи ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангӣ бо Қазоқистон дар сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба бозтоб шудаанд.

Диссертатсияи М. Бабаян[3] ба таҳқиқи ҳамкориҳои илмӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қирғизистон ва Қазоқистон дар солҳои 60-80-уми асри XX бахшида шудааст.

Таҳқиқи диссертатсионии Ф. Бобозода[4] дар баробари таҳқиқи таърихи зуҳур ва ташаккули ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба масъалаҳои мубрами сиёсати хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ, мушкилоти марзии минтақа ва таъсири онҳо ба равобити байнидавлатӣ, иқдомҳои бисёрҷонибаи минтақавӣ инъикос шудааст, ки дар маҷмуъ, ба ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳо бо Қазоқистон низ тааллуқ доранд.

Кори илмии Д. Фармонова[5] баррасии ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ бахшида шудаст, ки матолиби он дар мавриди ҳамкориҳои Тоҷикистону Қазоқистон дар бист соли истиқлол судманд мебошад.

---

[1] Шарипов, С.С. Особенности развития взаимоотношений Таджикистана с Казахстаном в начале XXI века (2001-2016 гг.) [Текст]: дисс... канд. истор. наук / Шарипов Сайхомид Сафармадович. – Душанбе, 2021. – 196 с.

[2] Файзов, Н.Н. Ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар даврони истиқлолият [Матн]: дисс... ном. илм. таърих / Файзов Некруз Наврузович. – Душанбе, 2019. – 188 с.

[3] Бабаян, М.Ш. Научные и культурные связи Республики Таджикистан с Республиками Кыргызстан и Казахстан в 60-80-е годы [Текст]: дисс... канд. истор. наук / Бабаян Мариэтта Шагеновна. – Душанбе, 1995. – 211 с.

[4] Бобозода, Ф.Т. История становления и развития взаимоотношения Таджикистана и Узбекистана в годы независимости (1991-2006) [Текст]: дисс... канд. истор. наук / Бобозода Фаридун Толибджон. – Душанбе, 2016. – 176 с.

[5] Фармонова, Д.Ж. Политическое, экономическое и культурное сотрудничество Республики Таджикистан с государствами Центральной Азии в период независимости (1992-2007 гг.) [Текст]: дисс... канд. истор. наук / Фармонова Дилрухсор Жумабоевна. – Худжанд, 2012. – 186 с.

Дар диссертатсияи доктории Қосим Жомарт Токаев[1] вижагиҳои сиёсати хориҷии Қазоқистон, марҳалаҳои ибтидоии он, рушди афзалиятноки муносибат бо кишварҳои ҷомеаи ҷаҳон ва дурнамои рушди онҳо дар оғози асри XXI ба таври мушаххас инъикос шудааст.

Досманбетова А.[2] дар таҳқиқи диссертатсионӣ асосан масъалаҳои афзалият ва дурнамои инкишофи ҳамкориҳои иқтисодии Қазоқистон ва Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Гирфанов Р.[3] дар диссертатсияи худ сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистонро дар қаринаи таъмини амнияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ таҳлил намудааст. Дар ин таҳқиқот масъалаҳои мубрами сиёсати хориҷии Қазоқистон дар самти таъмини амнияти минтақавӣ, ҳамкорӣ бо кишварҳои минтақа, нақши ниҳодҳои умури таъмини амният - Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) ва Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) бар асоси таҳлили сиёсатшиносӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Файзова Р.[4] дар таҳқиқи илмиаш зимни баррасии нақши Ҷумҳурии Қазоқистон дар равандҳои ҳамгироӣ дар фазои пасошуравӣ ба таҳлили омилҳои фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ, ташаккули сиёсати хориҷӣ ва нақши Қазоқистон дар равандҳои ҳамгироӣ дар минтақа, рушд ва умқи ҳамкории кишварҳои аъзо бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст.

Дар диссертатсияи А. Уразаева[5] нақши дипломатияи мардумӣ дар пешбурди манфиатҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст, ки дар чаҳорчӯбаи он таърихи ташаккули

---

[1] Токаев, К.Т. Внешняя политика Республики Казахстан в период становления нового мирового порядка [Текст]: дисс... д-ра полит. наук / Токаев Касым-Жомарт Кемелевич. – М., 2001. – 440 с.

[2] Досманбетова, А.С. Двусторонние экономические отношения Республики Казахстан и Республики Таджикистан: приоритеты и перспективы [Текст]: автореф. дисс... канд. эконом. наук / Досманбетова Алия Серикбаевна. – Алматы, 2007. – 26 с.

[3] Гирфанов, Р.М. Внешняя политика Республики Казахстан в контексте обеспечения глобальной и региональной безопасности (политологический анализ) [Текст]: дисс... д-ра философии (PhD) 23.00.00 – политические науки / Гирфанов Ринат Марсович. – Астана, 2010. – 140 с.

[4] Фаизова, Р.С. Роль Республики Казахстан в интеграционных процессах на постсоветском пространстве (1991-2010 гг.) [Текст]: дисс... канд. истор. наук / Фаизова Рената Сергеевна. – М., 2011. – 201 с.

[5] Уразаева, А.Т. Роль публичной дипломатии в продвижении внешнеполитических интересов РК на современном этапе [Текст]: дисс... д-ра Phd по профилю / Уразаева Асемгуль Талапкалиевна. – Нур-Султан, 2022. – 200 с.

дипломатия, вазифаҳои сиёсати хориҷӣ, манфиатҳои кишвар ва самтҳои афзалиятноки он барои анҷом додани таҳқиқи илмии мо бисёр судманданд.

Маводи ин гурӯҳи адабиёт барои баррасии ҳолату дурнамои рушди ҳамкориҳои мутақобилаи кишварҳо дар марҳалаҳои гуногун ва самтҳои мухталиф ва инъикоси таъсири равандҳои ҳамгироии минтақавӣ дар рушди муносибати байни кишварҳо заминаи муассир фароҳам овარданд.

**Ба гурӯҳи чорум** маҷмуи мақолаҳои илмии донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ дохил мешаванд, ки матолиби онҳо барои омӯзишу баррасии паҳлуҳои мухталифи ташаккули сиёсати хориҷии кишварҳо, марҳалаҳои инкишофи хадамоти дипломатӣ ва мақомоти сиёсати хориҷӣ, мушкилоти роҳандозии ҳамкориҳо бо кишварҳои ҷаҳон, самтҳои афзалиятноки муносибатҳои байналмилалӣ ва ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Қазоқистон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтаанд.

Коваленко Г.[1] дар мақолаи худ нақши моҳияти сиёсати бисёрсамтаро дар сиёсати хориҷии кишварҳои минтақа муайян карда, дар мақолаи С. Шарипов ва А. Шарипов[2] ҳолат ва дурнамои шарикии стратегӣ дар низоми муносибатҳои байнидавлатӣ дар мисоли Тоҷикистон ва Қазоқистон бахшида шудаанд. Дар баробари ин, А. Шарипов[3] марҳалаҳои асосии ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои афзалиятноки онро нисбат ба кишварҳои минтақа ба таври возеҳ арзёбӣ намудааст.

[1] Коваленко, Г.В. «Многовекторность» Во внешней политике государств Центральной Азии [Текст] / Г.В. Коваленко // Вестник ТНУ. – 2019. – №1. – С.75-79.; Лаумулин, М.Т. Внешнеполитическая стратегия Казахстана в современной геополитической обстановке [Текст] / М.Т. Лаумулин // Казахстан в глобальных процессах. – 2009. – №1. – С.88-101.; Нургалиев, Б.К. Наращивание экономического и инвестиционного сотрудничества приоритетное направление казахстанско-американского взаимодействия [Текст] / Б.К. Нургалиев // Приоритеты казахстанской дипломатии на обслуживания рубеже веков. – М., 2000. – С.201-211.; Идрисов, Е.А. Контуры казахстанской дипломатии до 2020 года. Концепция внешней политики РК на 2014-2020 годы и задачи по ее реализации [Текст] / Е.А. Идрисов // Материалы «круглого стола» (11 апреля 2014 г.). – Алматы, 2014. – С.108-112.; Губайдулина, М.Ш. Принципы и выбор внешнеполитических приоритетов Республики Казахстан в концептуально значимых документах [Текст]: выступление / М.Ш. Губайдулина // Вестник КазНУ. – 2009. – №4. – С.3-8.; Султанов, Б.К. Прикладное значение открытой политики. Концепция внешней политики РК на 2014-2020 годы и задачи по ее реализации [Текст] / Б.К. Султанов // Материалы «круглого стола» (11 апреля 2014 г.). – Алматы, 2014. – С.118.

[2] Шарипов, С.С. Шарикии стратегӣ дар низоми муносибатҳои байнидавлатӣ дар мисоли Тоҷикистон ва Қазоқистон [Матн] / С.С. Шарипов, А.Н. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2019. – №9. – С.173-180.

[3] Шарипов, А.Н. Основные этапы формирования внешней политики Республики Таджикистан [Текст] / А.Н. Шарипов // Журнал постсоветские исследования. – М., 2019. – Т.2. – №7. – С.1503-1510.

Таҳлили таҳаввули сиёсати хориҷии Қазоқистон дар солҳои 1991-2015 асоси мақолаи Ма Ифэнро[1] ташкил медиҳад.

Дар мақолаи М. Неъматова[2] сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Қазоқистон дар Осиёи Марказӣ шарҳу тавзеҳ ёфтааст.

Дар маҷмуъ, ин мақолаҳо паҳлуҳои гуногуни масъалаи таҳқиқотро равшан менамоянд. Дар ин гурӯҳ таълифоти илмӣ ва таҳқиқоте истифода шуданд, ки дар баробари муайян намудани моҳияти сиёсати хориҷии кишварҳо, мушкилоти мавҷуда, ҳамчунин таъсири қудратҳои ҷаҳониро дар умури сиёсати хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ инъикос месозанд.

Маҷмуи асарҳо ва мақолаҳои илмие, ки мавриди истифодаи муаллиф қарор гирифтаанд, дар заминаи омӯзишу баррасии таърихи ташаккули сиёсати хориҷӣ, инкишофи самтҳои асосии он ва вижагиҳои сиёсати бисёрсамтаи сиёсати хориҷии Тоҷикистон бо Қазоқистон ҳамчун асоси назариявӣ хизмат карданд.

**Асосҳои сарчашмавии** диссертатсия ба гурӯҳҳои зерин тақсим шудаанд:

**Гурӯҳи якуми сарчашмаҳо** китобҳо, суханрониҳои расмӣ, Паёмҳои солонаи Президентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон шомил мешаванд, ки дар баробари масъалаҳои дохилӣ, ҳамчунин самтҳои асосии сиёсати хориҷии кишварҳо, моҳияти сиёсати хориҷӣ ва вижагиҳои пешрафти сиёсати бисёрсамтаро дар ин ё он кишвар инъикос менамоянд[3].

---

[1] Ма Ифэн. Эволюция внешней политики Республики Казахстан в период 1991-2015 [Текст] / Ифэн Ма // Человеческий капитал. – 2019. – №7 (127). – С.18-28.

[2] Неъматова, М.М. Многовекторная внешняя политика Республики Казахстан в ЦА [Текст] / М.М. Неъматова // Таджикистан и современный мир. – 2009. – №4 (23). – С.40.

[3] Раҳмонов, Э. Тоҷикистон [Матн]: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ / Э. Раҳмонов. – Душанбе, 1995. – 208 с.; Ҳамон муаллиф. Таджики в зеркале истории [Текст] / Э. Рахмонов. – Лондон, 1999. – К.1. – 676 с.; Ҳамон муаллиф. Тоҷикон дар оинаи таърих [Матн]: аз Ориён то Сомониён / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – К.3. – 504 с.; Ҳамон муаллиф. Независимость Таджикистана и возрождение нации [Текст]: состоит из 12 томов / сост. С. Фаттоев. – Душанбе, 2006-2017.; Ҳамон муаллиф. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн]: иборат аз 21 чилд. – Душанбе, 2002-2022.; Эмомали Рахмон о современном мире и основных аспектах внешней политики Республики Таджикистан [Текст] / сост.: З.Ш. Саидов (З.Ш. Сайидзода), М.Р. Камолова. – Душанбе: Контраст, 2019. – 222 с.; Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ [Матн]: иборат аз 3 ҷилд / мурат. С. Фаттоев. – Душанбе, 2001.; Назарбаев, Н.А. В потоке истории [Текст] / Н.А. Назарбаев. – Алматы: Атамура, 1999. – 296 с.; Ҳамон муаллиф. В сердце Евразии [Текст] / Н. Назарбаев. – Алматы: Жибек жолы, 2010. – 312 с.; Десять лет, равные столетию [Текст]: выступление Н. Назарбаева на Торжественном собрании, посвященном 10-летию независимости РК. – Алматы: Атамура, 2001. – 112 с.; Ҳамон муаллиф. Евразийский Союз: идеи, практика, перспективы 1994-

**Гурӯҳи дуюм** асноди бойгонӣ дохил мешавад, ки дар ин маврид маълумоти нодир ва далелҳои муҳим аз бойгонии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас шуданд. Дар диссертатсия асноди бойгониҳои ҷории Вазорати корҳои хориҷӣ (ВКХ), Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ истифода шуданд[1].

Ин асноди бойгонӣ ҳамчун маъхазҳои хаттӣ ва тафоҳумнома барои омӯзиши ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соҳаи сиёсати хориҷӣ мусоидат намуданд.

**Ба гурӯҳи сеюм** ҳуҷҷатҳои расмӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии умури сиёсати хориҷӣ, созишномаҳо, асноди протоколи комиссияҳои байниҳукуматӣ, эъломияҳо ва асноди дигари марбутаи кишварҳои Осиёи Марказӣ дохил мешаванд. Асноди расмӣ заминаҳои ҳуқуқии ташаккулу инкишофи ҳамкории тарафҳоро аз замони роҳандозии муносибатҳо ба таври ҷомеъ таҷассум менамоянд.

**Ба гурӯҳи чорум** маводи нашрияҳои даврӣ, сомонаҳои расмии сарварони давлатҳо, муассисаҳои иттилоотии расмӣ ва сомонаҳои созмонҳои

---

1997 [Текст] / Н. Назарбаев. – М.: Фонд содействия развитию социальных и политических наук, 1997. – 480 с.; Ҳамон муаллиф. Избранные речи 1989-1991 гг. [Текст] / Н.А. Назарбаев. – Астана: Сарыарка, 2009. – Т.1. – 548 с.; Ҳамон муаллиф. Избранные речи 1991-1995 гг. [Текст] / Н.А. Назарбаев. – Астана: Сарыарка, 2009. – Т.2. – 672 с.; Ҳамон муаллиф. Избранные речи 1995-1998 гг. [Текст] / Н.А. Назарбаев. – Астана: Сарыарка, 2009. – Т.3. – 582 с.; Ҳамон муаллиф. Казахстанский путь [Текст] / Н. Назарбаев. – Караганда, 2006. – 372 с.; Ҳамон муаллиф. Критическое десятилетие [Текст] / Н.А. Назарбаев. – Алматы: Атамура, 2003. – 240 с.; Ҳамон муаллиф. Мыслями с народом поделюсь [Текст] / Н.А. Назарбаев. – Алматы: Мектеп, 2007. – 288 с.; Ҳамон муаллиф. Стратегия становления и развития Казахстана как суверенного государства «Дэуір» [Текст] / Н.А. Назарбаев. – Алма-Ата 1992. – 56 с.; Ҳамон муаллиф. На пороге XXI века [Текст] / Н.А. Назарбаев. – Алматы: Атамура, 2003. – 256 с.; Ҳамон муаллиф. Ассамблея народов Казахстана [Текст]: сборник докладов на 1-10 сессиях Ассамблеи народов Казахстана / Н.А. Назарбаев. – Астана: Елорда, 2005. – 440 с. (Текст на казахс. и русс. яз.); Ҳамон муаллиф. Пять лет независимости Казахстана [Текст] / Н.А. Назарбаев. – Алматы: Казахстан, 1996. – 624 с.; Ҳамон муаллиф. Казахстанско-Российские отношения [Текст]: доклады, выступления, статьи 1991-1997 годы / Н. Назарбаев. – М.: Русский раритет, 1997. – 464 с.; Ҳамон муаллиф. Стратегия независимости [Текст] / Н.А. Назарбаев. – Алматы: Атамура, 2003. – 312 с.; Ҳамон муаллиф. Эра независимости [Текст] / Н.А. Назарбаев. – Астана, 2017. – 508 с.; Ҳамон муаллиф. Эпицентр мира [Текст] / Н.А. Назарбаев. – Астана: Елорда, 2001. – 294 с.; Токаев, К. Преодоление. Дипломатические очерки [Текст] / К. Токаев. – Алматы: ОАО САК, 2003. – 653 с.; Ҳамон муаллиф. Дипломатия Республики Казахстан [Текст] / К. Токаев. – Астана: Елорда, 2001. – 552 с.; Ҳамон муаллиф. Под стягом независимости. Очерки о в.п. Казахстан [Текст] / К. Токаев. – Алматы: Білім, 1997. – 736 с.; Ҳамон муаллиф. Внешняя политика Казахстана в условиях глобализации [Текст] / К. Токаев. – Алматы, 2000. – 583 с.

[1]. Бойгонии ҷории Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисобот дар фаъолияти солҳои 1992-2020.; Раёсати кишварҳои ИДМ. Бойгонии ҷории Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

байналмилалӣ, сомонаҳои иттилоотии марбут ба мавзуи диссертатсия дохил мешаванд[1].

Ин мавод ба мо имкон дод, ки маълумоти ВАО ва мақолаҳои коршиносон бо асноди расмии умури сиёсати хориҷӣ қиёс карда шаванд. Истифодаи маводи ВАО ва сомонаҳои расмӣ ҷиҳати дарёфти тавозуни воқеӣ дар инъикоси масъалаҳои марбут ба сиёсати хориҷӣ хизмат намуданд.

## ТАВСИФИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии панҷсолаи кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ (пештар кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилӣ) - и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ зери унвони «Ҷанбаҳои назариявӣ-

---

[1] Сомонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.president.tj.; Сайт Президента Республики Казахстан [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.akorda.kz/ru.; Сомонаи расмии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: https://mts.tj.; Сайт КИСИ - Казахстанского института стратегических исследований при Президенте РК [Электронный ресурс]. – Режим доступа:https://kisi.kz.; Сомонаи Вазорати корҳои хориҷии ҶТ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: https://mfa.tj.; Сайт Министерства иностранних дел РК [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.gov.kz/memleket/entities/qriim?lang=ru.; Байгарин, М. Внешняя политика Казахстана совершенствуется, оставаясь многовекторной [Электронный ресурс] / М. Байгарин. – Режим доступа: https://www.inform.kz/ru/vneshnyaya-politika-kazahstana-sovershenstvuetsya-ostavayas-mnogovektornoy_a3550188 (дата обращения: 14.10.2021).; Внешняя политика Республики Казахстан [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://testent.ru/index/0-93 (дата обращения: 20.05.2021).; Внешняя политика Казахстана второй половины 90-х годов XX – начала XXI веков [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://testent.ru/publ/studenty/politologija/vneshnjaja_politika_kazakhstana_vtoroj_poloviny_90_kh_godov_khkh_nachala_xxi_vekov/54-1-0-2015 (дата обращения: 22.05.2020).; Деловарова, Л.Ф. Некоторые теоретические аспекты многовекторности [Электронный ресурс] / Л.Ф. Деловарова. – Режим доступа: https://articlekz.com/article/7012 (дата обращения: 26.09.2021).; Линевич, А. Многовекторная внешняя политика – веление времен [Электронный ресурс] / А. Линевич. – Режим доступа: https://camonitor.kz/31253-mnogovektornaya-vneshnyaya-politika-velenie-vremeni.html (дата обращения: 16.08.2021).; Калишевский, М. Казахстан: от «многовекторности» внешней политики к «многополярности» [Электронный ресурс] / М. Калишевский. – Режим доступа: www.ferghana.ru/article.php?id=4994 (дата обращения: 27.09.2021).; Лаумулин, М.Т. Многовекторность внешней политики Казахстана - плюсов больше, чем минусов [Электронный ресурс] / М.Т. Лаумулин. – Режим доступа: centrasia.ru/newsA.php?st=1078126740 (дата обращения: 22.09.2021).; Назарбаев, Н.А. Укреплять международные позиции Казахстана [Электронный ресурс] / Н.А.Назарбаев. – Режим доступа: president.kz (дата обращения: 12.04.2021).; Многовекторная внешняя политика Казахстана [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.kazportal.kz/mnogovektornaya-vneshnyaya-politika-kazahstana/ (дата обращения: 12.04.2021).; Основные черты внешней политики Казахстана [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.kazportal.kz/osnovnyie-chertyi-vneshney-politiki-kazahstana/ (дата обращения: 05.10.2021).; Сатторзода, А. Некоторые теоретические аспекты многовекторности во внешней политике государств Центральной Азии [Электронный ресурс] / А. Сатторзода. – Режим доступа: easttime.ru/analitic/1/206.html (дата обращения: 25.04.2021).; Тургамбаев, А. Основные этапы развития внешней политики Республики Казахстан [Электронный ресурс] / А. Тургамбаев. – Режим доступа: https://interaffairs.ru/jauthor/material/2212 (дата обращения: 29.11.2021).

амалии ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои солҳои 2018-2023 ба анҷом расидааст.

**Мақсади таҳқиқи диссертатсионӣ** таҳлили моҳияти инкишоф ва махсусияти ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021) аст.

Барои дастёбӣ ба ин ҳадаф ҳалли вазифаҳои зерин зарур мебошад:

- омӯзиш ва баррасии ташаккули самтҳои асосии сиёсати хориҷии кишвар;
- таҳлили самтгирии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон дар охири асри XX;
- зарурати ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон дар ибтидои ҳазораи сеюм;
- таҳқиқи заминаҳои ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Қазоқистон ва таҳаввули он;
- таҳлил ва муқоисаи марҳалаҳои таҳаввул ва ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон;
- баҳодиҳии натиҷа ва дастовардҳои самти нави сиёсати хориҷии давлатҳо;
- арзёбии ҳолати имрӯза ва дурнамои рушди сиёсати хориҷии бисёрсамтаи кишварҳо;
- муайян намудани мушкилот дар татбиқи сиёсати хориҷӣ ва пешниҳоди самтҳои дурнамои инкишофи он.

**Объекти диссертатсия** таҳқиқи ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони истиқлол (солҳои 1991-2021) мебошад.

**Предмети таҳқиқи диссертатсионӣ** давраҳои асосии истиқрору инкишофи сиёсати хориҷии кишварҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон ва таҳаввули он дар даврони истиқлол ба шумор меравад.

**Асоси методологии диссертатсия.** Пояи методологии таҳқиқи диссертатсионӣ аз назарияи муносибатҳои байналхалқӣ иборат мебошад. Дар рафти навиштани диссертатсия методҳои таърихият ва системавӣ, таҳлил ва муқоиса низ истифода шудаанд.

**Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқ.** Ҳангоми таълифи таҳқиқи диссертатсионӣ аз асноди ҳуқуқии умури сиёсати хориҷӣ, шартномаҳои байнидавлатӣ, суханронии доираҳои расмии кишварҳо ва осори олимони ватанию хориҷӣ истифода шуд, ки ҳамагӣ ба ташаккулу таҳаввули сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон иртибот доранд ва метавонанд заминаи назариявию методологии таҳқиқро ташкил диҳанд.

**Соҳаи таҳқиқ.** Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи Шурои диссертатсионии 6DKOA - 024 аз рӯйи ихтисоси - 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ мутобиқат менамояд.

**Марҳалаҳои таҳқиқ.** Давраҳои таҳқиқи диссертатсионӣ солҳои 2018-2023 –ро дар бар мегирад.

**Пойгоҳи иттилоотӣ ва таҳлилии таҳқиқро** Консепсияҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон, созишномаҳои байнидавлатӣ, асноди бойгониҳои ҷорӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва байналмилалӣ ташкил медиҳанд. Таҳқиқи диссертатсионӣ дар кафедраи муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом дода шуд.

**Муътамадии натиҷаҳои диссертатсия** ба маълумоти дақиқи сарчашмаҳои расмӣ, ҳаҷми маводи таҳқиқӣ ва таълифоти муаллиф асоснок мегардад. Дар натиҷаи таҳлили илмӣ хулосаҳову тавсияҳои зарурӣ пешниҳод ва самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон ташхис шудаанд.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар баррасӣ ва таҳлили илмии сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон дар даврони истиқлол ифода меёбад. Бояд қайд намуд, ки ин аввалин таҳқиқи илмӣ – маҷмуавӣ таҳлили қиёсӣ бо забони тоҷикӣ анҷомдода оид ба сиёсати хориҷии

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар даврони соҳибистиқлолӣ мебошад. Навгониҳои диссертатсия дар ҷанбаҳои зерин ифода меёбад:

- ташаккул ва таҳкими самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шуд;
- муайян намудани самтҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон дар охири асри XX таҳлил карда шуд;
- муҳиммияти ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон дар ибтидои ҳазораи сеюм таҳлилу баррасӣ шуд;
- заминаҳои ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Қазоқистон ва таҳаввули он мушаххас гардид;
- марҳалаҳои асосии ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон таҳлил ва вижагиҳои пешрафти он муайян карда шуданд;
- натиҷа ва дастовардҳои самти нави сиёсати хориҷии давлатҳо баҳогузорӣ карда шуд;
- мушкилот ва дурнамои рушди сиёсати хориҷии бисёрсамта арзёбӣ гардид;
- зарфиятҳои татбиқи сиёсати хориҷӣ ва пешниҳоди самтҳои афзалиятноки инкишофи он муайян гардиданд.

**Муқаррароти асосии таҳқиқ, ки барои ҳимоя пешниҳод мегардад:**

- Истиқлоли сиёсӣ барои халқи тоҷик имконияти мустақилона муайян намудани тақдири сиёсӣ ва самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷиро фароҳам овард. Новобаста аз душвориҳои даврони истиқлол, бӯҳрони сиёсӣ ва иқтисодӣ, ҷанги шаҳрвандӣ ва пайомадҳои он Тоҷикистон мақомоти сиёсати хориҷӣ ва хадамоти дипломатиро ташаккул дода, самтҳои асосии инкишофи муносибатҳои байнидавлатиро муайян намуд, ки дар он муносибат бо кишварҳои минтақа, аз ҷумла бо Қазоқистон хислати афзалиятнок дошт. Аз ин

лиҳоз аниқ намудани моҳият ва самтҳои сиёсати хориҷӣ боиси нуфуз ва мавқеи устувори кишварҳо дар саҳнаи байналхалқӣ гардид.

•Бо касби истиқлоли сиёсӣ Қазоқистон ба мушкилиҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ гардид. Яке аз душвориҳои асосӣ ин мероси ҳастаӣ аз замони шуравӣ буд, ки метавонист ҳам ба унвони кафили якпорчагии кишвар ва ҳам гирифторӣ ба бозиҳои шадиди геополитикӣ гардад. Роҳбарияти Қазоқистон ихтиёран аз ин aслиҳаи қатли ом даст кашид ва сиёсати дурусту воқеъбинонаро пеш гирифт, ки дар меҳвари он масоили рушди ҳамкорӣ бо кишварҳои пасошуравӣ дар сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба қарор дошт. Ҳадафу дурнамои сиёсати хориҷии кишварҳо дар асоси вазъи мавҷудаи муносибатҳои байналмилалӣ, мавқеи геополитикии Осиёи Марказӣ ва манфиатҳои миллӣ муайян шуданд.

•Дар асри XXI бинобар зуҳури таҳдиду хатарҳои муосир ва тағйироти воқеӣ дар низоми нави муносибатҳои байналмилалӣ лозим омад, кишварҳо аз сиёсати хориҷии фаъол кор гиранд. Оғози амалиёти байналхалқии зиддитеррористӣ дар Афғонистон ва хориҷ кардани сарбозони ҷамъшуда аз ҳудуди кишвар дар соли 2022, болоравии нархи нафт ва газ, густариши раванди ҷаҳонишавӣ ва бархӯрди манфиатҳо, зиёдшавии ҷангҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ, ташаккули организми иқтисодии ҷаҳонӣ дар шакли ниҳодҳои ҳамгироӣ тақозо намуд, ки Тоҷикистон ва Қазоқистон аз маҳдудаи ҳамкориҳои мутақобила бо кишварҳои пасошуравӣ хориҷ шаванд ва барои касби ҷойгоҳи муносиб дар арсаи ҷаҳонӣ сиёсати хориҷии фаъолтаре дошта бошанд.

• Эълони сиёсати нави хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радифи тағйироти куллии ҷаҳонӣ сурат гирифта, бо дарназардошти зарурати истодагарӣ бар муқобили хатарҳои замони муосир, инъикоси арзишҳои фарҳангию таърихӣ ва қадимии халқи тоҷик яъне дӯстиву ҳамсоягӣ дар сиёсати хориҷии мамлакат, роҳандозӣ намудани баробарӣ дар самтҳои асосии сиёсати хориҷии мамлакат, ҷалб гардидани сармояҳо дар бахшҳои гуногуни хоҷагии халқ, татбиқи ислоҳот дар самти рушди ҷумҳурӣ ва хубтар

намудани вазъи зиндагии шаҳрвандон сиёсати «дарҳои кушода» номида шуд. Ҳарчанд Ҷумҳурии Қазоқистон аллакай дар солҳои охири арси XX вобаста ба сиёсати бисёрсамта тасмим гирифта буд, вале ташаккули мунтазами он ба оғози асри XXI рост меояд.

- Баъди расидан ба мустақилияти давлатӣ робитаҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон барқарор ва марҳала ба марҳала рушд намуда, ба шакли сиёсати бисёрсамта расид. Дар рафти таҳқиқоти таърихи 30-солаи замони истиқлол, рушди сиёсати хориҷии кишварҳо ба се марҳала тақсим карда шуд. Марҳалаи ташаккули сиёсати хориҷӣ аз замони касби истиқлол то оғози асри XXI, ки дар ин раванд тағйироти бунёдӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ ва афзоиши мақоми Осиёи Марказӣ ба миён омад. Марҳалаи дуюми ҳамкориҳо – давраи инкишоф аз пешбурди расмии сиёсати бисёрсамта, қабули Консепсияи аввалини сиёсати хориҷии давлат (24.09.2002) ва эъломи сиёсати «дарҳои кушода» (31.12.2002) оғоз шуда, то 14 сентябри соли 2015 - гузариш ба сатҳи шарикии стратегӣ идома ёфтааст. Қазоқистон низ аз оғози ҳазораи навин ба татбиқи амалии сиёсати бисёрсамтаи хориҷӣ шурӯъ намуд, ки то соли 2014 ба марҳалаи рушд расид. Марҳалаи сеюм - таҳаввули сиёсати хориҷӣ, ки баъд аз қабули Консепсияҳои нави сиёсати хориҷӣ, табдил ба афзалияти бегузина маншаъ гирифт ва то ҳол ҷараён дорад.

- Пас аз соҳибихтиёрии сиёсӣ ба мо маълум гардид, ки интихоб ва амалӣ намудани сиёсати хориҷии «дарҳои кушода» ягона самти муайян ва асоснок ҷиҳати барқарор намудани робитаҳо бо давлатҳои хориҷӣ дар вазъияти тағйирёбии ҷаҳони муосир ба ҳисоб меравад. Натиҷа ва дастовардҳои самти нави сиёсати хориҷии давлатҳо дар истиқрори муносибатҳои дипломатӣ бо аксар кишварҳои ҷаҳон, узвият дар созмонҳои бонуфузтарини ҷаҳон ва минтақа, пешниҳоди чандин ташаббус доир ба масъалаҳои мубрами ҷаҳон, эътироф дар саҳнаи ҷаҳонӣ ва афзоиши сатҳи некуаҳволии мардум ифода меёбад.

•Тағйироти муҳимми таъсиргузор дар муносибатҳои байналмилалӣ ва дар кишварҳои мустақили минтақа солҳои 2011-2014 воқеияти навро пайдо намуд, ки дар он ҳама гуна вокунишҳо дар қиболи ҳодисаҳои замони муосир ва барои таҳкими истиқлоли давлатӣ роҳандозии сиёсати муваффақи хориҷӣ арзиши муҳим дониста мешавад. Дар баробари ин, зуҳури бемории сироятии COVID-19 ва буҳрони русу - украин ба моҳияти сиёсати хориҷии бисёрсамта таъсири номатлуб гузошта, дар оянда метавонад, дурнамои сиёсати хориҷии кишварҳоро дар шароити ҷаҳонишавӣ норавшан созад. Таҷрибаи 30 - солаи истиқлоли сиёсии кишварҳо тасмимҳои дурустро дар пешбурди низоми сиёсати хориҷӣ ба унвони яке аз роҳкорҳои асосии рушди муносибатҳои дохилӣ ва хориҷӣ муаррифӣ менамояд.

**Аҳамияти назариявии диссертатсия** бо истифода аз натиҷаҳои он ба барномаи таълими курсҳои «Моҳият ва хусусиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ» ва инчунин, курсҳои махсус оид ба марҳалаҳои ташаккули сиёсати хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мактабҳои олии кишвар ҳамоҳанг мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд, ҳангоми навиштани корҳои таҳқиқотӣ оид ба сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, монографияҳо, маводи таълимӣ, курси лексияҳо доир ба таърихи ватанӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ истифода шавад.

**Аҳамияти амалии диссертатсия** дар он ифода меёбад, ки вижагиҳои инкишофи сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои Тоҷикистону Қазоқистонро инъикос ва мушкилоти татбиқи сиёсати бисёрсамта ва дурнамои инкишофи онро пешбинӣ мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқро метавон барои такмил додани барномаҳои умури сиёсати хориҷии Тоҷикистон, ташхиси самтҳои афзалиятноки он, тақвияти ҳамкориҳо бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус, Қазоқистон мавриди истифода қарор дод.

**Чаҳорчӯбаи хронологии таҳқиқи диссертатсионӣ** аз ибтидои касби истиқлоли кишварҳои Осиёи Марказӣ (Тоҷикистон ва Қазоқистон ) соли

1991 то соли 2021-ро дар бар мегирад. Дар рафти таълифи диссертатсия кўшиши инъикоси таҳаввули сиёсати хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ, пеш аз ҳама Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар 30 соли истиқлоли сиёсӣ анҷом дода шудааст.

**Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқ ва муқаррароти диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ дар Донишгоҳи давлатии Кўлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рўдакӣ муҳокима ва нашр гардиданд. Ҷанбаҳои алоҳидаи назариявӣ ва тавсияҳои методии диссертатсия дар раванди таълимии фанҳои «Асосҳои дипломатия», «Хадамоти дипломатӣ ва консулии мамлакатҳои хориҷа» ва «Афзалият ва самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии донишгоҳи мазкур истифода шуданд.

**Саҳми шахсии довталаби унвони илмӣ.** Ҳамаи марҳалаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ, аз интихоби мавзуъ, ташхиси мубрамии кор, мақсади таҳқиқ ва амалӣ намудани вазифаҳои диссертатсия бо иштироки бевоситаи унвонҷў сурат гирифтаанд. Муҳаққиқ зимни таҳқиқ ба инкишофи сифатии сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон таваҷҷуҳ намудааст. Дар баробари ин, унвонҷў чанд хулоса ва тавсияи амалӣ пешниҳод ва вобаста ба мазмуну мундариҷаи мавзуи таҳқиқ мақолаҳои илмӣ нашр кардааст.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқ.** Таҳқиқи диссертатсионӣ дар ҷаласаи кафедраи муосибатҳои байналмилалии факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кўлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ (протоколи №9 аз 07.05.2024) муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст. Аз рўйи натиҷаҳои таҳқиқ дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ маърузаҳои илмӣ пешниҳод ва дар маҷаллаҳои илмӣ ва матбуоти даврӣ нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт, дар маҷмуъ 181 саҳифаи матни компютерӣ иборат аст.

# ҚИСМАТҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚ

# БОБИ I. ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ: ЗАМИНА ВА МАРҲАЛАҲОИ ТАШАККУЛИ ДИПЛОМАТИЯИ БИСЁРСАМТАИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚАЗОҚИСТОН (СОЛҲОИ 1991-2000)

## 1.1.Ташаккули самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар таърихи миллати тоҷик 9 сентябри соли 1991 яке аз воқеаи хеле муҳим ба амал омад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилияти худро эълон намуд ва дар арсаи байналхалқӣ ҳамчун як кишвари соҳибистиқлол эътироф гардид.

Дар он вақт роҳбарияти кишварро лозим буд, ки пояҳои давлати навбунёдро устувор созанд ва барои татбиқи самтҳои асосии сиёсати дохиливу хориҷии давлат тамоми чораҳоро андешида, анъанаю суннатҳои дерини давлатдории миллии халқи тоҷикро дар самти рушди устувор пеш баранд.

Баррасии асноди расмии солҳои охири шуравӣ нишон дод, ки андешаи истиқлолхоҳии тоҷикон тайи ин солҳо аз ҳоли таҳаввулу такомул то ба сатҳи дарку эътирофи истиқлоли воқеӣ дар ҷумҳурӣ расид ва ҳоло ба унвони омили пешрафти ҷомеаи озоду комилҳуқуқ шинохта мешавад. Аммо дар асл, бори аввал дар мавриди Истиқлоли Тоҷикистон 24 августи соли 1990 дар Иҷлосияи дуюми Шурои Олӣ (даъвати 12) сухан ба миён гузошта шуд.

Он замон таҳти унвони «Эъломияи истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон» санади ҳуқуқие қабул гардид, ки мувофиқи муқаррароти моддаи 1-ум он бояд «ягонагӣ дар ҳукмравоии ҳокимияти давлатӣ дар тамоми ҳудуди кишвар ва соҳибихтиёрии он дар муносибатҳои хориҷӣ» таъмин мешуд[1].

Агар ба умқи таърих назар афканем, ба мо маълум мегардад, ки халқи тоҷик ҳамчун мардуми давлатдору тамаддунофар дар ҳамаи давраҳои таърихӣ руҳияи истиқлолхоҳӣ ва сулҳпарварӣ доштанд ва бо вуҷуди вазъи

---

[1] Искандарзода, А. Истиқлолият аз куҷо оғоз шуд? [Манобеи электронӣ] / А. Искандарзода, Р. Раҳимзода. – Низоми дастрас: https://pressa.tj/istiқloliyat-az-kuҷo-oғoz-shud (санаи муроҷиат: 15.05.2020).

мураккаби замон, ваҳдат ва арзишҳои ниёконро ҳифз ва ба наслҳои баъдӣ ба мерос мегузошт.

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, на танҳо, дар солҳи 90-уми асри XX, балки дар таърихи мавҷудияти халқи тоҷик дастоварди беназир мебошад. Таърих исбот намудааст, ки барои ягон халқу миллат истиқлолу озодӣ бе талошу заҳматҳои бардавом насиб намегардад. Мо бисёр миллатҳо ва халқҳоеро медонем, ки барои ба даст овардани истиқлоли миллӣ солҳои зиёд кӯшиш ва ҷоннисориҳо намудаанд ва имрӯз ҳам шоҳиди муборизаи озодихоҳонаи халқҳое ҳастем, ки бо шумораи зиёди аҳолӣ аз оддитарин ҳуқуқҳо ва истифодаи фарҳанги миллиашон маҳрум гардидаанд. Аксарияти онҳо ҳатто ҳуқуқ надоранд, ки бо номи миллии худ ёдоварӣ шаванд, ҳақиқати миллии худро баён кунанд, бо забони модариашон муошират ва таҳсил намоянд[1].

Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар охири асри XX дар арсаи байналхалқӣ ҳамчун кишвари мустақил ворид гардид, вале таҷрибаи идораи давлатдорӣ барои халқи тоҷик чизи нав набуд. Оини давлату давлатдории аҷдоди тоҷикон аз ҳазорсолаи сеюми қабл аз милод маншаъ мегирад. Дар тӯли таърих, давлатдории тоҷикон борҳо дучори таназзул, эҳё ва такомул гардид. Халқи тоҷик ҳамчун миллати соҳибфарҳанг ва дорои таҷрибаи куҳани давлатдорӣ барои бунёд намудани давлати миллии худ дар ҳама давраҳои таърихи инсоният талош намудааст[2].

Ба тамоюли инкишофи истиқлоли давлатӣ чуқуртар назар андозем, ба мо маълум мешавад, ки барои ба даст овардани истиқлол халқи тоҷик бисёр роҳи душвор ва пурталотумро тай намудааст. Бояд қайд намуд, ки миллати

[1] Акмалова, М.А. Становление и развитие политической независимости в условиях трансформирующегося общества (опыт Таджикистана) [Текст]: дисс... канд. полит. наук / Акмалова Мунира Абдунабиевна. – Душанбе, 2008. – С.12.
[2] 25 қадам дар паҳнои олам [Матн] / зери назари С. Аслов. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С.5.

тоҷик ҳама вақт барои расидан ба соҳибихтиёрии комил талош менамуд ва барои расидан ба озодиро дар руҳияи мардум нигоҳ медошт[1].

Қайд намудан ба маврид аст, ки барои ноил гардидан ба истиқлоли давлатӣ дар анҷоми асри XX барои тоҷикон на оғоз намудани давлатдорӣ, балки ворид гардидан ба арсаи байналхалқӣ ҳамчун кишвари тозаистиқлол хеле муҳим мебошад. Албатта, истиқлоли сиёсӣ неъмати бебаҳои таърих мебошад, вале баҳри ҳифз ва таҳкими он насли имрӯза масъулият доранд[2].

Мақоми соҳибистиқлолӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб менамуд, ки нақши худро нисбат ба субъектҳои муносибатҳои байналхалқӣ муайян созад ва бо назардошти манфиатҳои худ дар минтақа эътирофи расмӣ пайдо намуда, робитаҳои дипломатиро бо кишварҳо оғоз намояд[3].

Узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид гардидан аввалин қадам дар самти воридшавӣ ба муносибатҳои байналхалқӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз баъди касби истиқлоли давлатӣ роҳи муваффақи кишвар дар соҳаи сиёсати хориҷӣ аъзошавии кишвар ба созмонҳои умумии байналхалқӣ буд[4].

Ҳангоми баргузор гардидани ҷаласаи 46-уми Маҷмааи умумии СММ, дар таърихи 2 марти соли 1992 ҳашт кишвари узви ИДМ ҳамчун аъзои мустақили созмон эътироф карда шуд, ки яке аз ин кишварҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Оид ба аъзошавии кишварҳо ҳамчун узви нав ба СММ бе овоздиҳӣ, дар асоси розигии якдилона қарор қабул гардид[5].

Ворид гардидани Тоҷикистон ба СММ як далели воқеии эътирофи истиқлоли кишвари мо аз ҷониби кишварҳои ҷомеаи ҷаҳон буд, ки ба ин

---

[1] Акмалова, М.А. Становление и развитие политической независимости в условиях трансформирующегося общества (опыт Таджикистана) [Текст]: дисс... канд. полит. наук / Акмалова Мунира Абдунабиевна. – Душанбе, 2008. – С.13.
[2] Рахмонов, Э. Таджики в зеркале истории [Текст] / Э. Рахмонов. – Лондон, 1999. – К.1. – С.220.
[3] Дипломатияи Тоҷикистон [Матн]: дирӯз ва имрӯз / зери назари Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2009. – Ҷ.1. – С.12.
[4] Шарипов, А.Н. Марҳалаҳои асосии ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Н. Шарипов // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ "Самтҳои афзалиятнок ва дурнамои тавсеаи сиёсати бисёрсамтаи Тоҷикистон дар шароити муосир" (ш.Душанбе, 11 декабри соли 2019). – Душанбе, 2019. – С.79-88.
[5] Назриев, Д. Республика Таджикистан [Текст]: история независимости год 1992-й / Д. Назриев, И. Саттаров. – Душанбе: Ирфон, 2005. – Т.2. – С.65.

васила кишвари тозаистиқлол имконият пайдо намуд, сиёсати хориҷии муваффақро татбиқ намуда, дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ роҳ ёбад.

Моҳи феврали соли 1992 Тоҷикистон иштирокчии Машварати амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо гардид, ки ин яке аз роҳҳои пайвастан ба дигар равандҳои байналхалқӣ мебошад[1].

Моҳи июли соли 1992 намояндагии Девони вазирони ҷумҳурӣ дар шаҳри Москва, ки ҳанӯз аз давраи шуравӣ мавҷуд буд, ба намояндагии ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия ивази ном намуд Ҳамзамон, ҳамон сол намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди ташкилоти бонуфузи ҷаҳонӣ, яъне СММ таъйин гардид[2].

Дар ин давра сафарҳои расмии ҳайати намояндагони давлатҳои хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбатан зиёд гардид ва ҷиҳати барқарор намудани ҳамкориҳои судманд бо кулли кишварҳои ҷомеаи ҷаҳон, махсусан, бо давлатҳои тараққикарда шароити мусоид фароҳам омад. Ҳамзамон, кишварҳои хориҷӣ ба кушодани сафоратхона дар шаҳри Душанбе, таъйини сафирон ва боздидҳои намояндагони мамлакатҳои хориҷӣ ба кишвари мо шурӯъ намуданд.

Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон аз он шароиту имкониятҳое, ки дар самти роҳандозии сиёсати хориҷӣ муҳайё шуда буд, натавонист ба таври зарурӣ истифода кунад. Дар натиҷаи талошҳои муғризонаи гурӯҳҳои манфиатдори дохилӣ ва хориҷӣ Тоҷикистон ба оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд. Роҳбари кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни баромад дар маҷлиси ботантана, ки ба 4-солагии Истиқлоли Тоҷикистон бахшида шуда буд, зикр намуд: «Истиқлолият ба мо басо осон ва сабук насиб шуд, шояд барои ҳамин бошад, ки мо ба қадри ин ҳадяи тақдир нарасидем ва Тоҷикистон ба ҷанги хонумонсӯзи ҳамватанӣ кашида шуд»[3].

---

[1] Шарипов, А.Н. Из истории таджикско-казахстанских взаимоотношений (1991-2006) [Текст]: монография / А.Н Шарипов. – Душанбе: ЭР-граф, 2012. – С.40.

[2] Эмомалӣ Раҳмон – бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон [Матн] / зери таҳрири умумии Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе, 2012. – С.32.

[3] Раҳмонов, Э. Тоҷикистон [Матн]: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ / Э. Раҳмонов. – Душанбе, 1995. – С.115.

Ҳангоми таҳаввул ва рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон чун давлати мустақил кор гирифтан аз сиёсати хориҷӣ ва густариши муносибатҳои дипломатӣ бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон накши муҳим дорад. Имкониятҳои кишвари мо хислат ва моҳияти тағйиротҳоро дар арсаи байналмилалӣ давоми ду аср аҳамияти махсус дода, омилҳои хориҷаро дар ҳаёти дохилӣ ва ташаккули робитаҳои мунтазами дохилиро ба ҳодисаҳои байналмилалии муосир муайян сохт[1].

Халқи тоҷик дар асоси мероси бузурги идораи давлатдорӣ якчанд давлатҳои хурду бузургро бо ҳидояти ашхоси хирадмандашон поягузорӣ намуда, истифода аз таҷрибаи гирифташуда имконият доштанд, дар ташаккул ва рушди давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳ ҳамчун давлати мустақил, соҳибихтиёр, демократӣ ва дунявӣ муваффақ гарданд. Аммо дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ кишварро бо иғво ва фитнаҳои бегонагон ҷанги шаҳрвандӣ фаро гирифт, ки орзу ва умеди халқи тоҷикро қариб аз байн бурд.

Дар ҷаҳон кишвари мо на ҳамчун мамлакати дорои фарҳанги бою ғанӣ, балки чун як макони «нуқтаи нави доғ» барои башарият муаррифӣ гардид[2].

Дар натиҷаи ин ҷанги таҳмилӣ зиёда аз 150 ҳазор шахс вафот намуда, наздик ба як миллион нафар муҳоҷири иҷборӣ ва манзилҳои зисти худро тарку кишварҳои ҳамсояро макони зист интихоб карданд. Ҳамчунин, дар рафти ҷанг зиёда аз 10 ҳазор манзилҳои истиқоматӣ ва иншоотҳои зиёд нест карда шуданд. Дар маҷмуъ зарари маънавии ҷанги шаҳрвандӣ беҳисоб аст, чунки баробари хисороти номбурда даҳҳо ҳазор модарон ва фарзандон аз ҳамдигар маҳрум шуданд.

Масъалаи шуғли аҳолӣ ва пардохти музди меҳнат низ хеле мушкил гардид. Соли 1993 музди меҳнат ба ҳисоби миёна ба 15 ҳазор сум мерасид, ки

---

[1] Пешвои миллат ва дастовардҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар даврони истиқлол. Мулоҳизаҳои Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: https://khovar.tj/2020/09/peshvoi-millat-va-dastovard-oi-siyosati-hori-ii-to-ikiston-dar-davroni-isti-lol-mulo-iza-oi-vaziri-kor-oi-hori-ii-um-urii-to-ikiston-siro-iddin-mu-riddin/ (санаи муроҷиат: 01.12.2021).

[2] Дипломатия Таджикистана [Текст]: к 50-летию создания Министерства иностранных дел Республики Таджикистан. – Душанбе, 1994. – С.10.

он назар ба соли 1992 7,9% зиёд буд. Вале дар ин муддат нархи маҳсулоти истеъмолӣ 16 баробар боло рафт, ки он боиси коҳиши сатҳи зиндагӣ гардид.

Ҳамзамон, дар ин давра сатҳи ҷинояткорӣ афзуд ва соли 1993 теъдоди он ба 6,4 ҳазор расид. Дар ин раванд муҳоҷир гардидани зиёда аз 1 миллион нафар мушкилии асосӣ ба ҳисоб мерафт[1].

Дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлоли давлатӣ баъзе гурӯҳҳои алоҳида ҳатто бовар намекарданд, ки халқи тоҷик ин неъмати бузург ъне истиқлолро муддатҳои тӯлонӣ ҳифз карда тавонанд ва бар ин назар буданд, ки дар наздиктарин муҳлат дар оташи ҷанги шаҳрвандиву даргириҳои дохилӣ ҳамчун як давлати соҳибистиқлол аз байн меравад. Зеро ҳеҷ яке аз ҷумҳуриҳои собиқи Иттиҳоди Шуравӣ (минбаъд ИШ) бо чунин сарнавишти фоҷиабори пошхӯрӣ рӯ ба рӯ нашуда буд, ки Тоҷикистон онро таҷриба мекард.

Аллакай дар давраи ин ноороимиҳои дохилӣ доираҳои сиёсии хориҷӣ бо шарикони дохилиашон нақшаи ба қисматҳо ҷудо кардани ҷумҳурӣ, порча-порча сохтани халқи тоҷикро доштанд ва мехостанд ба ҳамин роҳ давлати тозаистиқлоли миллии тоҷиконро нест кунанд. Новобаста аз ин вазъият халқи шарифи тоҷик бар зидди амалҳои ғаразноки баъзе гурӯҳҳои бадбин дар дохил ва хориҷи кишвар мубориза бурданд. Зери ҳадафҳои сулҳҷӯёнаи роҳбари кишвар Эмомалӣ Раҳмон, мардуми баруманди тоҷик дар муддати начандон тӯлонӣ бо ҳисси баланди худшиносиву ватандӯстӣ зери парчами нангу номус, оромӣ, сулҳ, амният, ваҳдати миллӣ ва муносибат бо кишварҳои хориҷиро ба роҳ монанд[2].

Иҷлосияи XVI Шурои Олии кишвар бо дарки хатари мушаххаси пошхӯрии давлат, барои иттиҳоду тафоҳуми гурӯҳҳои даргир мусоидат кард. Аз сӯйи дигар, ин ҳамоиш зарурати муттаҳид сохтани миллати тоҷикро ба

[1] Зокиров, Г. Моҷарошиносӣ [Матн] / Г. Зокиров. – Душанбе, 2002. – С.82.

[2] Тағаймуродзода, С. Тоҷикистон. Аз таҳкими истиқлолият то тавсеаи робитаҳои байналмилалӣ [Манобеи электронӣ] / С. Тағаймуродзода, Д. Муҳиддинов. – Низоми дастрас: https://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=44079 (санаи муроҷиат: 05.05.2021).

хотири ҳифзи истиқлол ва эҳёи низоми конститутсионӣ дар кишвар барномарезӣ кард.

Иҷлосияи тақдирсоз кори худро амалан дар шароити ҳузур надоштани роҳбари қонунии давлат оғоз кард. Дар ҷараёни кор, баъд аз мубоҳисаҳои зиёд ҷиҳати идомаи иҷлосия, раиси Шурои Олӣ ҳамчун роҳбари давлат интихоб гардид. Танҳо пас аз баргузории ин Иҷлосия ва интихоб гардидани Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси роҳбари кишвар пояҳои давлатдорӣ аз сари нав бунёд ва устувор гардиданд[1].

Иҷлосияи 16- уми Шурои Олӣ барои аз байн бурдани даргириҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар дохили кишвар, ба эътидол овардани вазъ, муттаҳид намудани халқи тоҷик, пайдо кардани имконият ҷиҳати расидан ба Ваҳдати миллӣ, пурзӯр гардонидани низоми давлатдории мустақил марҳалаи воқеӣ ва судманд ба ҳисоб меравад.Сиёсати хориҷии кишвар дар ин давра ҳамчун унсури муҳимтарини давлатдорӣ шакл гирифт[2].

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои нахустини қадам ниҳодан ба мустақилиятӣ дар масъалаи самтҳои муҳимтарини сиёсати хориҷии кишвар, ҳифз намудани манфиатҳои миллӣ, инкишофи бемайлони ҷомеа, соҳиб гардидани мавқеи мустаҳками давлат дар сиёсати ҷаҳонӣ аз ҳадафҳое буданд, ки дар дар «Муроҷиатнома ба мардуми шарифи Тоҷикистон» ёдовар шуда буд. Ҳамчунин роҳбари тозаинтихоби кишвар дар Иҷлосия барои тағйир додани қонунҳои кишвар бо дарназардошти санадҳои эътирофнамудаи байналхалқӣ, барои ташаккул ва сохтани пояҳои давлати миллии ҳуқуқбунёд якчанд нуқтаеро, ки барои рушди сиёсати хориҷи зарур буд, таъкид намуд:

-Воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба саҳнаи ҷаҳонӣ ҷиҳати ҳаллӣ проблемаҳои глобалӣ;

[1] Сайидзода, З.Ш. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Ш. Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С.38.

[2] Сайидзода, З.Ш. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Ш. Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С.39.

-Густариши ҳамкориҳо бо тамоми кишварҳое, ки ҳадафи барқарор намудани робитаҳои байниҳамдигарии судмандро дар асоси эҳтироми якдигар доранд;

-Аъзо гардидан ба созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва минтақавӣ;

-Густариши робитаҳои судманди хориҷӣ бо мамлакатҳои муштаракулманофеъ: Федератсияи Русия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Туркманистон ва Қирғизистон;

- Эҳтироми арзишҳои миллии байнидавлатӣ, барқарорсозии робитаҳои муфид бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон Афғонистон, Покистон, Хитой, Эрон, давлатҳои Осиёву Африқо ва Аврупою Амрико;

- Ишғоли мавқеи муайян дар ҷомеаи ҷаҳон[1].

Чуноне ки аз муроҷиатномаи роҳбари кишвар бармеояд, амалӣ ва муваффақ шудан дар соҳаи сиёсати хориҷӣ мақсади асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аввали ташаккули давлатдорӣ ба ҳисоб мерафт. Расидан ба сулҳ ва ризоияти миллӣ, бозпас гардонидани аҳолии гурезашуда ба манзилҳои қаблиашон, барқарор ва рушди иқтисоди давлатӣ, таъсис ва ташаккули сохторҳои идоравии дохилӣ мақсади асосии кишвар дар дохил бошад, пешбурди самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷӣ яке аз роҳҳои муаррифии давлат дар сатҳи байналмилалӣ, таъмини манфиатҳои дохилии давлат, рушди муназзами пояҳои давлатдорӣ ва шароити мусоид фароҳам овардан ҷиҳати равнақ ёфтани сиёсати дохилӣ дониста мешавад.

Дар татбиқи самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ 19 ноябри соли 1992 Эмомалӣ Раҳмон ба Сарони давлатҳои Федератсияи Русия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон муроҷиатнома ирсол кард, ки дар он хавфи ҳамчун давлати мустақил барҳам хӯрдани Тоҷикистон ва ҳамчун миллат нобуд шудани тоҷикон инъикос гардида, хоҳиши ба сифати қувваҳои дастаҷамъии посдори сулҳ баромад намудани дивизияи 201-уми пиёданизом

[1] Назаров Т. Дипломатияи муосири тоҷик [Матн] / Т. Назаров, А. Сатторзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С.65.

ва дархости кӯмаки ҷумҳуриҳои Қазоқистону Қирғизистон ва Ӯзбекистон дар ин масъала ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа шуд[1].

Ҳамин тавр, қарорҳои қабулшуда ва иқдомҳои Сардори давлат дар асоси ҳадафҳои Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ рӯҳияи мардум дар самти ноил гардидан ба Ваҳдати миллӣ зиёд шуд, ҳамчунин воситаи муҳимми ҳифз ва мустаҳкамии соҳибихтиёрии кишвар мебошад. Аз ин лиҳоз, бо тақозои замон ризоияти сиёсӣ ва Ваҳдати миллӣ ҳамчун, омили муқаддас шинохта мешаванд[2].

Усулҳои асосие, ки дар ин муроҷиатнома пешниҳод шуданд, пайгирона амалӣ гардиданд. Бахусус, афзалиятҳои асосии сиёсати хориҷӣ дар самти ҳамкорӣ бо кишварҳои ИДМ, Федератсияи Русия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, махсусан бо Ҷумҳурии Қазоқистон, тадриҷан мавриди татбиқ қарор гирифтанд.

Сиёсати хориҷии давлат ҷиҳати барқарор кардани сулҳу Ваҳдати миллӣ, таҳкими иқтидори иқтисоди миллӣ, пайдо намудани захираҳои табиӣ, ҳифзи амнияти дохилӣ, ташаккули соҳибихтиёрӣ ва мустақилияти сиёсӣ ҳамчун воситаи асосӣ дар самти сохтани давлати нави соҳибмақом накши муассир гузошт[3].

Ба андешаи роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон «…ба иллати оғоз ёфтани ихтилофоти дохилӣ, шиддат ёфтани он ва ниҳоят, забона задану доман паҳн кардани оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, раванди шаклгирӣ ва татбиқи сиёсати хориҷии мо бо мушкилиҳои зиёди гуногун рӯ ба рӯ гардид»[4].

Дар ҳақиқат, Эмомалӣ Раҳмон асосгузори мактаби нави сиёсати хориҷӣ ва робитаҳои байналхалқӣ мебошад. Зеро, вақте ки ӯ масъулияти як кишвари

---

[1] Шарипов А. Эмомалӣ Раҳмонов – наҷотбахши миллат [Матн]: сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1992-1995 / А. Шарипов, С. Фаттоев. – Душанбе: Деваштич, 2006. – К.1. – С.14.

[2] Акмалова, М.А. Становление и развитие политической независимости в условиях трансформирующегося общества (опыт Таджикистана) [Текст]: дисс... канд. полит. наук / Акмалова Мунира Абдунабиевна. – Душанбе, 2008. – С.14.

[3] Ризоён, Ш.Ш. Национальные интересы во внешней политике Республики Таджикистан: структура и специфика [Текст]: дисс... канд. полит. наук / Ризоён Шерали Шукруллозода. – Душанбе, 2017. – С.67.

[4] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20.04.2012 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.president.tj/node/1084(санаи муроҷиат: 12.09.2020).

ҷангзада ва дар ҳолати барҳамхӯриро бар зиммаи худ гирифт, ягон асос ва замина барои татбиқ ва роҳандозии сиёсати хориҷии мамлакат вуҷуд надошт. Ҳамагон хуб дар ёд доранд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми дар тобеияти ИШ будан, дар бахши сиёсати хориҷӣ таҷрибаи мустақили кофӣ надошт. Дар замони солҳои аввали касби истиқлол роҳҳои татбиқсозии сиёсати мусақили кишвар мавҷуд набуд. Чунки аз лаҳзаи аввали эълони соҳибихтиёрии миллӣ то оғози даргириҳои ҷанги шаҳрвандӣ барои амалисозии ҳадафҳо дар самти сиёсати хориҷӣ фурсати муносиб пайдо нагардида буд. Бо вуҷуди ин нооромиҳо дар дохили кишвар Сарвари давлат дар ин самти душвор корро аз сифр оғоз намуд ва ҳар натиҷае, ки ба даст омад ба кулли навоварӣ дар соҳаи сиёсатӣ хориҷӣ буд. Ин шахсияти бузург ҳар дастоварде, ки соҳиб гардид аз хираду заковат ва эътимоди комили мардум тоҷик нисбати ӯ мебошад[1].

Бо вуҷуди ин таъсири омили фарҳангӣ, таърихи тамаддуни халқи тоҷик ва пойбандии он ба арзишҳои волои дини ислом Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкорӣ ба кишварҳои ҷаҳони ислом манфиатдор мебошад. Дар самти ноил гардидан ба ин ҳадафи стратегии сиёсати хориҷӣ узвият ба Созмони конфронси исломӣ (СКИ) нақши муҳим дошт. Созмон мазкур дар рафти ҳамгироӣ байни кишварҳои исломӣ ва ҳамкории мутақобилаи онҳо нақши асосӣ дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 1 декабри соли 1992 узви ин созмони бонуфузи минтақавӣ гардид. Кишвари мо хоҳони он аст, ки СКИ ҷиҳати бартараф намудани ҳама гуна мушкилиҳо дар минтақа ва ҷаҳон нақши ҳалкунада дошта бошад, бо назардошти ин мақсад тайёр аст, робитаҳои байниҳамдигариро бо кишварҳои аъзои ин созмон барқарор созад[2].

Хангоми роҳбари давлат интихоб гардидани Эмомалӣ Раҳмон (1992) Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар Федератсияи Русия намоянндагии дипломатӣ дошт. Роҳбари тозаинтихоби кишвар дар рафти Иҷлосияи XVII Шурои Олӣ (23.06.1993) қайд кард: «Яке аз масъалаҳои муҳимтарин дар

---

[1] Аслов С. Эмомалӣ Раҳмон - асосгузори мактаби нави сиёсати хориҷӣ. / С Аслов. [манбаи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.mfa.tj/.(санаи мурочиат:09.07.2021)

[2] 25 қадам дар паҳнои олам. (зери назари Сироҷиддин Аслов), Душанбе: 2016. – С.170

татбиқи сиёсати хориҷӣ дар кишварҳои хориҷӣ таъсис додани намояндагӣ ва сафоратхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамагон медонанд, ки мо ҳоло дар ягон кишвари хориҷӣ сафоратхона накушодаем. Дар ин ҷо аз як ҷониб, камбудии арзи хориҷӣ садди роҳ шуда бошад, аз ҷониби дигар, даргириҳои дохилӣ дар марҳалаи гузашта мамониати аз он камтар набуданд. Аммо ҳукумат бояд ҳамаи чораҳоро андешад, ки масъалаҳои марбут ба кушодани намояндагиҳо ба таври мусбат ҳал гардад»[1].

Эмомалӣ Раҳмон бори аввал аз минбари СММ (29.09.1993) дар вақти суханрониаш тамоми кишварҳои ҷаҳонро бо мақсади сулҳҷӯёна рушд ва эҳтироми манфиатҳои кишварҳои сулҳпарварӣ ҷомеаи байналхалқӣ шинос намуд.

Кишвари мо барои рушд ва татбиқи сиёсати хориҷиаш ба асноди муҳимми байналмилалӣ, ба монандӣ Оинномаи СММ, Санади хотимавии Ҳелсинкӣ, Баёния Париж имзо гузошт ва мутобиқи меъёрҳои муқарраргардидаи санадҳои номбурда, дар арсаи байналхалқӣ сиёсати хориҷии худро ба роҳ монд[2].

Илова бар ин, дар таърихи давлатдории миллати тоҷик, таъмин намудани манфиатҳои миллии кишвар, дарёфти мақоми шоиста дар сатҳи байналмилалӣ, пайдо кардани имконият ҷиҳати инкишофу тақвияти роҳҳои манфиатовари истиқлоли миллӣ, воридшавии кишвар ҳамчун ташаббускор дар ҳалли мушкилиҳои ҷаҳонӣ, пайдо намудани мавқеи хос дар минтақа ва ҷаҳон аз ҳадафҳои волотарини сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардида буд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лаҳзаи эътироф гардидан ба ҳайси давлати мутақил дар муносибатҳои байналмилалӣ робитаҳои судманди хориҷиро бо кишварҳои минтақа, мамлакатҳои форсизабон ва давлатҳои ҷаҳони ислом мақсади асосии сиёсати хориҷии кишвар ҳисоб менамуд. Аз ин лиҳоз, кишвари мо бо роҳбарии шахси оқил Сарвари давлат - Эмомалӣ Раҳмон

[1] Эмомалӣ Раҳмон – бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон. – Душанбе: 2012. – С. 32.
[2] Дастовардҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: https://mfa.tj/tg/main/view/12/dastovardhoi-sijosati-khorijii-tojikiston (санаи муроҷиат 26.05.2021).

барои амалинамоии ин ҳадафҳо ҳамкориҳоро бо тамоми созмонҳои минтақавию байналхалқӣ ва кишварҳои хориҷӣ дар асоси эҳтироми манфиатҳои байниҳамдигарӣ ба роҳ монд.

Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон қайд намуд: «Бо назардошти нақши пешбари Русия дар ҷаҳон ва минтақа, инкишоф ва мустаҳкам кардани муносибатҳои анъанавии дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо ин абарқудрат аҳамияти махсус дорад. Русия кафили таъмини сулҳу субот на танҳо дар минтақа, балки дар тамоми ҷаҳон буд ва мемонад»[1].

Аз асри XIX инҷониб, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Русия байни ҳамдигар робитаҳои иқтисодӣ ва тиҷоратиро рушд бахшиданд. Минбаъд рушди ҳамкориҳои байнидавлатии Тоҷикистон ва Русия дар асоси шарикии стратегӣ ва баробарӣ бо эҳтироми манфиатҳои ҳар ду кишвар дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ, маориф, фарҳанг ва дигар бахшҳо ҷавобгӯйи ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, омили муҳимми таъмини амнияти минтақавӣ мебошад[2].

Дар баробари ин, ҷиҳати пешгирии шиддати ҷанги шаҳрвандӣ, барқарор намудани субот ва оромӣ дар дохили кишвар ҳифзи сарҳади давлатӣ, бахусус дар қисмати ҷанубии Тоҷикистон, ки кишвари Афғонистон қарор дорад, пайдо намудани роҳҳои пешгирӣ аз муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, муборизаи дастаҷамъона бар муқобили амалҳои ифротагароӣ ва террористӣ хеле муҳим арзёбӣ гардида, кишварҳои аъзои ИДМ – ро зарур аст, барои ноил гардидан ба ин ҳадафҳои муҳимми сиёсӣ ҳамкориҳоро пурзӯр намоянд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Русия паҳлуҳои алоҳидаи амнияти минтақаро тақвият медоданд.

Федератсияи Русия, на танҳо, барои таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки тамоми Осиёи Марказӣ мусоидат менамуд. Тавре маълум аст, Тоҷикистон дар муқобили хатарҳои муосири ҷаҳонӣ қарор гирифт, ки аз

[1] Саидов, Х.С. РТ и РФ: стратегическое партнерство в действии [Текст]: научная монография / Х.С. Саидов. – Душанбе: РТСУ, 2017. – С.3.
[2] Саҳифаи нави дипломатияи тоҷик [Матн] / зери таҳрири умумии Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2013. – С.28.

Афғонистон маншаъ гирифтанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба унвони яке аз кишварҳои Осиёи Марказӣ ва шарики стратегии Русия дар баробари ҳама гуна зуҳуроти номатлуб чун сипар баромад менамуд.

Ҳамин тариқ, доираҳои ҳукмрони мо ба таҳкими муносибатҳои дӯстона ва иттифоқӣ бо Федератсияи Русия аҳамияти аввалиндараҷа медоданд, зеро Тоҷикистон ва Русия аз бисёр ҷиҳат ба ҳам пайвандӣ доштанд. Ин, пеш аз ҳама, таъриху фарҳанги халкҳои мо, манфиатҳои муштарак ҳам бастагӣ дошт. Дар таърихи 8 апрели соли 1992 муносибатҳои дипломатӣ байни Тоҷикистон ва Русия барқарор шуд. Аз ин рӯ, рушди ҳамкориҳои мутақобила бо Федератсияи Русия барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим ва саривақтӣ буд[1].

Роҳбари давлат зимни суханронии худ дар Иҷлосияи XVIII Шурои Олӣ (декабри соли 1993) ҳангоми муайян кардани ҳавзаҳои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушд додани ҳамкориҳоро бо Русия яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ шуморида, иброз намуд, ки дар сатҳи лозимӣ ба роҳ мондани робитаҳо бо ин кишвари дӯст «бароямон ҳаётан муҳим аст»

Бо вуҷуди мавқеи пешсафии Русия дар арсаи байналхалқӣ тақвияти робитаҳои дипломатӣ бо ин шарики стратегӣ барои кишвари мо аҳамияти махсус дорад.

Дар рафти сафари расмии худ Эмомалӣ Раҳмон лозим шуморид, ки зарурати ба роҳ мондани робитаҳо бо Русия шарҳ дода шавад.

Ҳамзамон ёдовар шуд, ки «...имрӯз Тоҷикистону Русия дар доираи як муҳити геополитикӣ ва сиёсию иқтисодӣ дохил буда, ба ҳамдигар аз пештара дида зиёдтар муносибатҳои ҳамаҷониба пайдо намудаанд».

Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки «мавқеи ҷуғрофию сиёсӣ ва фарҳангии Тоҷикистон, ҳамчун дарвозаи ҷанубии кишварҳои Аврупо дар сарҳади Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ, ба Федератсияи Русия барои робита бо ин давлатҳо тавассути Тоҷикистон иконияtҳои васеъ фароҳам меорад» ва «дар айни замон, Русия, ки тавассути ӯ Тоҷикистон бо

[1] Таджикистан и Русия: долгий путь надежного стратегического партнерства [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://e-cis.info/news/566/94461/ (дата обращения: 27.05.2021).

фарҳангу тамаддуни Аврупо ошно шуд, чунин нақши худро дар оянда ҳам нигаҳ хоҳад дошт». Ба андешаи Роҳбари давлат «Русия дар татбиқи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон, ҳамкорӣ бо кишварҳои Ғарбу Шарқ» барои Тоҷикистон «мавқеи беҳамто дорад»

Бояд ёдовар шуд, ки, дар замони минбаъдаи ташаккули муносибатҳо бо Русия ба назар расида, тамоюлҳои навро касб карда бошад ҳам боз робитаҳо аз рӯи анъанаҳои пешина дида мешавад[1].

Дар заминаи ин афзалиятҳо ва бо такя ба арзишҳои таърихию анъанавӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қазоқистон 7-уми январи соли 1993 тавассути табодули нотаҳо муносибатҳои дипломатӣ ва сиёсиро барқарор намуд[2].

Бояд таъкид кард, мақсади асосии сиёсати хориҷии Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафарҳои давлатӣ ба кишварҳои минтақа, махсусан, ба Ҷумҳурии Қазоқистон 13-уми январи соли 1993 буд, ки ҷиҳати густариши ҳамкориҳои мутақобила заминаи ҳуқуқӣ ва воқеиро фароҳам овард[3].

Яке аз самтҳои асосии сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ ба роҳандозии ҳамкориҳои мутақобила бо Хитой равона шуда буд. Мақоми бартарии Хитой дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози истиқлоли сиёсии кишвар сарчашма гирифт. Беҳуда нест, ки аввалин сафари расмии хориҷии Сарвари давлати тоҷикон низ маҳз ба ин кишвар аз 9-ум то11-ум марти соли 1993 сурат гирифт[4].

Принсипҳои сиёсати хориҷии давлат ҳамчун стратегияи рушди кишвар дар сиёсати беруна, комилан барои бартараф кардани мушкилиҳои ҳалталаби дохилӣ, таҳкими сулҳу суботи миллӣ, тақвияти ислоҳот дар соҳаҳои сиёсию иқтисодӣ, рушди рукнҳои демократии давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини

---

[1] Эмомалӣ Раҳмон – бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон [Матн] / зери таҳрири умумии Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе, 2012. – С.98.

[2] Шарипов, А.Н. Муносибатҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон (1991-1997) [Матн] / А.Н. Шарипов // Ахбори Академияи илмҳои ҶТ. – 2009. – №3. – С.1-6.

[3] Токаев, К. Под стягом независимости. Очерки о в.п. Казахстан [Текст] / К. Токаев. – Алматы: Білім, 1997. – С.115.

[4] Комилов, Н. Таҳаввули сиёсати хориҷии Тоҷикистону Қазоқистон нисбат ба Чин (дар радифи лоиҳаи “Як камарбанд – як роҳ”) [Матн] / Н. Комилов, А. Шарипов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – 2021. – №3 (92). – С.272.

рушди мутаносиб бо ҷомеаи ҷаҳон ва муваффақият дар самти ҳадафҳои муҳимми давлатӣ мебошад[1].

Эмомалӣ Раҳмон 28-уми декабри соли 1993 дар иҷлосияи XVIII Шурои Олӣ таъкид намуд, ки «…ҳар як сиёсати давлат дар ниҳоят ба муҳофизати манфиатҳои миллӣ равона шудааст. Аз ин рӯ, маҳорати олии сиёсӣ дар саҳнаи ҷаҳонӣ дар дарёфти тавозуни оқилона ва боадолатонаи манфиатҳои кишварҳои мухталиф ифода меёбад». Ҳамчунин ёдовар гардид, ки ҷиҳати тараққиёти минбаъдаи кишвари мо сиёсати хориҷии дарҳои кушода хеле муҳим мебошад ва дар ягон ҳолат ба сиёсати «ҷудоӣ ва инзивоъгароӣ» роҳ надиҳем[2].

Дар амал татбиқ намудани сиёсати хориҷии муваффақ ва мутобиқ бо талаботи манфиатҳои миллӣ, бидуни мавҷудияти заминаи дурусту мустаҳками ҳуқуқӣ ва самтҳои муайяни ҳамкорӣ дар хориҷа татбиқ карда намешавад. Ҳайати роҳбарикунадаи мамлакат дар вақти муайян намудани самтҳои авлавиятноки сиёсати хориҷӣ натиҷаеро ба даст оварданд, ки ҷиҳати татбиқи ин мақсадҳо лозим шумориданд, Консепсияи сиёсати хориҷии кишвар мутобиқ ба замони муосир таҳия гардад. Ба қавли Сарвари кишвар дар ҳолати қабули консепсия «мо бояд дуруст тасаввур карда тавонем, ки фаъолияти давлатамон дар арсаи байналмилалӣ ба кадом тарафҳо ва ба чӣ тарзе ҷараён гирад»[3].

Бо дарназардошти ин Президенти кишвар ҳавзаҳоеро пешниҳод намуда, лозим шуморид, ки дар он замон Тоҷикистон аз рӯйи мавқеи ҷуғрофӣ, геополитикӣ ва иқтисодиаш робитаҳои манфиатдорро ба ин ҳавзаҳо роҳандозӣ кунад:

-ҳавзаи якум, ИДМ ба ҳисоб меравад, ки новобаста аз вазъияти мураккаби солҳои 90 - уми асри XX, боз барои тараққиёти минбаъдаи кишварҳои аъзо талош менамояд;

---

[1] 25 қадам дар паҳнои олам [Матн] / зери назари С. Аслов. – Душанбе: Ирфон, 2016. – С.26.

[2] Ризоев, Ш. Пояс доверия и безопасности на протяжении всей границы, как новая парадигма внешней политики Таджикистана [Текст] / Ш. Ризоев // Сиёсати хориҷӣ. – 2015. – №1. – С.121.

[3] Раҳмонов, Э. Тоҷикистон [Матн]: чаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ / Э. Раҳмонов. – Душанбе, 1995. – С.78.

-ҳавзаи дуюм, Осиёи Марказӣ дохил мешавад, ки то имрӯз барои муваффақ шудан дар самти ҳамгироии иқтисодӣ ва сиёсӣ ҳадафҳояш нигаронида шудааст;

-ҳавзаи сеюм, муҳити зиндагии мамлакатҳои ҳамҷавор ва форсизабонанд, ки новобоста аз ноил нагардидан ба ягон шакли ҳамгироӣ ин кишварҳоро умумияти таърихӣ ва якрангии тамаддунҳо бо ҳам пайванд месозад;

-ҳавзаи чорум, доираи кишварҳои мусулмоннишин мебошад, ки ҳамкориҳои онҳо аз рӯи арзишҳои динӣ ба роҳ монда шудааст;

-ҳавзаи панҷум, ҷомеаи байналмилалӣ мебошад[1].

Новобаста аз дастовардҳо дар самти сиёсати хориҷӣ, бояд қайд намуд, ки дипломатияи тоҷик баъди баргузор гардидани Иҷлосияи XVII Шурои Олӣ, ки дар он самтҳои аввалиндараҷаи сиёсати хориҷӣ муайян гардида буд, метавон боз ҳам ба натиҷаҳои чашмрас даст ёфт. Татбиқи ҳадафҳои сиёсати «дарҳои кушода»[2] ҳамкориҳои судмандро бо ҳамаи мамлакатҳои ҳавзаи номбурда ва дигар кишварҳои хориҷӣ ба роҳ монд[3].

Муҳим он аст, ки сиёсати Роҳбари давлат дар самти сиёсати хориҷӣ пайгирона ва ҳадафманд сурат мегирифт. Аз муҳтавои суханронии Роҳбари давлат дар рафти Иҷлосияи XVII Шурои Олӣ (26.06.1993) маълум мешавад, ки Тоҷикистон аз роҳандозии сиёсати мутавозину воқеъбинона дар қиболи ҷомеаи байналмилалӣ манфиатдор буд.[4].

Тавре Сарвари давлати тоҷикон ҳангоми баромадашон дар Иҷлосияи XX Шурои Олӣ (07.09.1994) иброз намуд, ӯ Тоҷикистонро ҳамчун як кишвар

---

[1] Назаров, Т. Дипломатияи муосири тоҷик [Матн] / Т. Назаров, А. Сатторзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С.67.
[2] Сайидзода, З.Ш. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Ш. Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С.41.
[3] Сайидзода, З.Ш. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Ш. Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С.42.
[4] Эмомалӣ Раҳмон – бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон [Матн] / зери таҳрири умумии Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе, 2012. – С.63.

мехоҳад бинад, ки «ба дигарон дастнигар нашавад, балки тавонад ҳам аз нигоҳи иқтисодӣ ва сиёсӣ мустақилияти худро таъмин намояд»[1].

Натиҷаи сиёсати пайгиронаи хориҷии Эмомалӣ Раҳмон буд, ки кишвар тадриҷан аз вартаи нестӣ ва даргирии ҷанги шаҳрвандӣ наҷот ёфта, роҳ ба сӯйи пешрафти иқтисодӣ ва нуфузу эътибор дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамвор гардид.

Бо ташаббуси Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон заминаҳои татбиқнамоӣ дар самти сиёсати хориҷӣ фароҳам оварда шудаанд:

1. Таъсис додани заминаҳои амалишавӣ ва эъҷоди асноди ҳуқуқӣ дар соҳаи сиёсати хориҷӣ;
2. Муайян намудани салоҳият ва вазифаҳои мақомоти дахлдори амаликунандаи аҳдофи сиёсати хориҷӣ;
3. Таъсис додани Вазорати корҳои хориҷӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд ВКХ) ва рушди намояндагиҳои дипломатӣ дар хориҷа;
4. Татбиқ намудани русумоти якхела ҳангоми ташрифоти ҳайати дипломатӣ;
5. Муҳайё сохтани имконият ва шароит барои гузаронидани чорабиниҳо дар сатҳи байналмилалӣ[2].

Аз ҷониби дигар, раванди танзим ва қонунгузорӣ дар соҳаи сиёсати хориҷӣ оғоз гардид. Конститутсияи кишвар дар таърихи 6 ноябри соли 1994 тавассути раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд, ки баробари мушаххас сохтани асосҳои меъёрӣ - ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳият ва самтҳои сиёсати хориҷиро муайян намуд. Моддаи 11-уми Конститутсияи кишвар талқин менамояд, ки «Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад». Ҳамчунин таъкид гардида буд, ки «Тоҷикистон вобаста ба

---

[1] Эмомалӣ Раҳмон – бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон [Матн] / зери таҳрири умумии Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе, 2012. – С.63.

[2] Мирзоев Н.М. Ба истиқболи 30 солагии истиқлолият [Манобеи электронӣ] / Н.М. Мирзоев. – Низоми дастрас: https://tnu.tj/wp-content/uploads/2021/05/ba-isti-boli-30-solagii-isti-lolijat (санаи муроҷиат: 03.02.2022).

манфиатҳои олии халқ метавонад ба иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дохил гардад, аз онҳо барояд, бо кишварҳои хориҷӣ робита намояд»[1].

Ҳарчанд, самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва татбиқи пайгиронаи онҳо ба роҳ монда шуд, вале ҳалли масъалаи ҷанги шаҳрвандӣ ва истиқрори сулҳу ризоияти миллӣ яке аз ҳадафҳои асосии давлатдории тоҷикон дар шароити муосир маҳсуб мегардид. Аз ҷониби дигар, вазъи душвори иқтисодӣ дар шароити робитаҳои ноустувори иқтисодӣ дар миёни кишварҳои собиқ шуравӣ ба иқтидори рақобатпазирӣ ва молии кишвар таъсири номатлуб гузошт. Тавре маълум аст, пешбурди сиёсати фаъоли хориҷӣ сарфи маблағҳои зиёдро низ пешбинӣ мекунад. Маҳз ба ҳамин хотир, тамоми талошҳои сиёсати хориҷии давлати тоҷикон ба ташкили раванди музокироти байни тоҷикон ва расидан ба сулҳ равона шуда буд.

Баъд аз қабули қонуни асосии кишвар - Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи дастёбӣ ба сулҳ ва ризоияти миллӣ дар самти амалисозии ҳадафҳои сиёсати хориҷии мамлакат ба яке аз мақсадҳои асосӣ ва калидии роҳбари кишвар ба ҳисоб мерафт.

Масъалаи таъмини амният, пойдор нигоҳ доштани сулҳ, рушди робитаҳои хориҷии кишвар бо давлатҳои хориҷа дар мулоқотҳои Сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон бо ҳайати роҳбарикунадаи СММ Бутрос Ғолӣ (17 майи соли 1996) ва Кофе Аннан (1 октябри соли 1999) сурат гирифта буд. Ҳамчунин дар ин самт мулоқот бо намояндагони вижаи Дабири кулли СММ дар Музокироти сулҳи тоҷикон Рамиро Перес Баллон (14 январи соли 1994, 9 августи соли 1995), Герд Дитрих Меррем (26 сентябр, 24 октябр ва 18 ноябри соли 1996; 21 апрел ва 4 июни соли 1997), Ян Кубиш (19 июни соли 1998, 27 январ, 4 май, 27 май, 2 июни соли 1999) ва Иво Петров (11 октябр, 15 октябри соли 1999) баргузор шуд. Баробари ин бо Сарварони Гурӯҳи нозирони низомии СММ дар Тоҷикистон Ҳасан Абаза 11 январи соли 1995) ва Дарко Шилович (30 марти соли 1995) гуфтушунидҳои судманд доир

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – С.6.

гардидааст. Баъди чанде бо Дабири кулли САҲА Вилгелм Хойнк (24 феврали соли 1994), сардори Миссияи САҲА дар Тоҷикистон Марина Бухоара (14 апрел ва 20 октябри соли 1999) мулоқот доир шуд. Боз ҳам барои ноил гардидан ба ҳадафи болозикр дидорбинӣ бо Вазирони корҳои хориҷии кишварҳои вакил – Эрон Алиакбари Вилоятӣ (11 августи соли 1995) ва Камол Харрозӣ (15 сентябри соли 1999), Туркманистон Борис Шихмуродов (31 августи соли 1995), ИМА Мадлен Олбрайт (2 октябри соли 1997), Утриш Ферреро Вайлднер (26 ноябри соли 1999), Ӯзбекистон Абдулазиз Комилов (15 майи соли 1999) ва сафирони ИМА Грант Смит (31 июли соли 1995), Олмон Матиас Майер (1 апрели соли 1997), Федератсияи Русия Е.Белов (23 майи соли 1997), Эрон Саидрасул Мӯсавӣ (17 майи соли 1999), Хитой Фу Тсюан Чжан (3 августи соли 1999) намуданд ва боз бо Узви гурӯҳи тамос (2 март, 25 май ва 16 октябри соли 1999), дар номааш ба унвони Дабири кулли СММ Бутрос Ғолӣ (9 январи соли 1995), дар ҷараёни сафарҳои корӣ, расмӣ, давлатӣ ва дӯстонааш ба Италия (13 ноябри соли 1996), Ветнам (18 январи соли 1999), Ҳиндустон (22 январи соли 1999), Федератсияи Русия (15 апрели соли 1999), Утриш (12 апрели соли 2000) ва дигарон баррасӣ гардид[1]

Музокироти сулҳи тоҷикон аз ҳафт давр иборат буда: дар аввалин мулоқоти ҷонибҳо (4-12 апрели соли 1994, шаҳри Москва) рӯзномаи музокирот мувофиқа барои масъалаи оташбас баррасӣ ва муайян гардид; дар мулоқоти дуюм (17-19 майи соли 1995, шаҳри Кобул) изҳороти муштарак қабул карда шуд. Мулоқотҳои минбаъда дар сатҳи олӣ 19 июли соли 1995 дар Теҳрон, 10-11 декабри соли 1996 дар Афғонистон ва 19-23 декабри ҳамон сол дар шаҳри Москва, 21-22 феврал ва 16-18 майи соли 1997 дар шаҳрҳои Машҳад ва Бишкек доир шуданд.

Боиси таъкид аст, ки даври аввал ва ниҳоии музокироти сулҳи тоҷикон дар шаҳри Москва бо мусоидати бевоситаи Федератсияи Русия ҷараён гирифта, татбиқи бевоситаи нуқтаҳои асосии Созишномаи умумии истиқрори

---

[1] Назаров, Т. Дипломатияи муосири тоҷик [Матн] / Т. Назаров, А. Сатторзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С.44.

сулҳу ризоияти миллӣ низ дар заминаи дастгирии кишварҳои кафил, аз ҷумла Русия амалӣ шуд. Дар натиҷа бисёр санади муҳим барои халқи тоҷик, яъне Созишнома дар бораи истиқрори сулҳу ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид, ки заминаҳои асосии сулҳ ва ташкили механизми татбиқи усулҳои асосии он гардид[1]. Агар ҳолати мазкур, аз як ҷониб ба мувофиқати манфиатҳои муштарак, таваҷҷуҳи Федератсияи Русия ба ҳалли низои байни тоҷикон бо мақсади пешгирии минбаъдаи интиқоли он ба кишварҳои дигари Осиёи Марказӣ ва Ҷануби Русия алоқаманд бошад, пас самтгирии асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин кишвар далели дигари густариши муносибатҳои мутақобила мебошад.

Дар Тоҷикистон имрӯз таҷрибаи нодири ташаккули афкори ҳамбастагии миллӣ тавассути рафъи ифротгароӣ, чӣ динӣ ва ҳам этноминтақавӣ ба вуҷуд омадааст. Тоҷикистон ба таври собит ба роҳи сулҳу ризоияти миллӣ новобаста аз таҳдидҳои пайвастаи зуҳуроти номатлуб бо пуштибонии ҷомеаи ҷаҳонӣ устуворона пеш меравад.

Ба шарофати шинохти дурусти рӯйдодҳо, худдорӣ ва дурандешии сиёсии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ниҳоят, дастгирии СММ ва давлатҳои дӯсти мо имконият фароҳам омад, ки аз табаддулоти давлатӣ дар кишвар ва ҷалби дубораи Тоҷикистон ба ҷанги шаҳрвандӣ пешгирӣ карда шавад[2].

Омӯзиши ҳамаҷонибаи ин таҷриба (ҷанги шаҳрвандӣ), ба мардуми тоҷик имкон дод, ки дубора зуҳури чунин низоъҳо ва моҷароҳо пешгирӣ карда шуда, дар ҳолати ба амал омадани чунин муноқишаҳо ҳар чи зудтар роҳи ҳал пайдо намоянд.

Дар давраи баргузор гардидани музокироти сулҳи тоҷикон (аз оғоз 1994 то анҷом1997) намояндагони СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати

[1] Усмонов, И. Сулҳнома [Матн] / И. Усмонов. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 582 с.
[2] Акмалова, М.А. Становление и развитие политической независимости в условиях трансформирующегося общества (опыт Таджикистана) [Текст]: дисс... канд. полит. наук / Акмалова Мунира Абдунабиевна. – Душанбе, 2008. – С.21.

намояндагони зиёда аз 30 мамлакати хориҷӣ нақши худро доштанд ва ҷиҳати ба эътидол омадани вазъият дар кишвари мо саҳмгузор буданд.

Баъди ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон ҷанги даҳшатноки дохилӣ хотима дода шуд, давлату миллат аз даргирии дохилӣ наҷот ёфт. Ин амали хирадмандона ва дурбинонае, ки дар таърихи давлатдории халқи тоҷик ба амал омад, тавонист вазъи сиёсиву иҷтимоии мамлакатро ба пуррагӣ иваз намояд. Хамчунин, барои татбиқнамоии ҳадафҳои истиқлоли миллии кишвар имконият ва шароитҳои мусоидро фароҳам сохта, рӯҳияи аҳолиро барои сохтаниояндаи нек ва дурахшон зиёд намуд. Аз ин рӯ шумораи зиёди аҳолие, ки ба гурезагӣ ва муҳоҷирати иҷборӣ рӯ оварда буданд, ба Ватан баргашта барои бунёди манзил ва зиндагии ором у осоишта имкон пайдо намуданд.

Ба андешаи қисми зиёди сиёсатмадорони дохилӣ ва коршиносони соҳаи сиёсати хориҷӣ натиҷае, ки дар рафти музокироти сулҳи тоҷикон ба даст омад дар ҷаҳон ҳамчун таҷрибаи нодир номидан мумкин аст[1].

Самти дигари муҳимми сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳкими ҳамкориҳо бо созмонҳои минтақавӣ равона шуда буд, ки дар фазои пасошуравӣ амал менамуданд.

Шоёни зикр аст, ки ҳадафи сиёсати пешгирифтаи ҳар як кишвар ҳимояи манфиатҳои давлат ва шаҳрвандони он мебошад. Пас вазифаи асосии сиёсатмадорӣ дар саҳнаи ҷаҳон дарёфти тавозуни дурусти одилонаи дифоъ аз манофеи мухталифи давлатҳо мебошад. Мо ин ҳунари сиёсатмадориро ҳангоми татбиқи сиёсати хориҷии кишвар дар қиболи созмонҳои минтақавии пасошуравӣ метавонем мушоҳида созем.

Яке аз ин ниҳодҳои дипломатияи бисёрҷониба ИДМ ба шумор мерафт. Созмони мазкур моҳи декабри соли 1991 барои мусоидат намудан ҷиҳати бартараф кардани мушкилиҳои ҳалталаб дар давраи ташаккул ва густариши

[1] Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият [Матн] / зери назари Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С.244.

манфиатдори робитаҳои таърихиву фарҳангии муосири онҳо ташкил шуда буд.

Дар давраи татбиқи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккул ва таҳаввули дипломатияи дуҷонибаи кишварҳои ИДМ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардид. Баъд аз таъсиси ин ташкилоти минтақавӣ барои кулли кишварҳои аъзо заминаи устувори меъёрӣ - ҳуқуқӣ муҳайё гардид, ки ҷиҳати бартараф намудани ҳама гуна буҳронҳо, рушди иқтисоди миллии давлатҳои аъзо ва мубодилаи мол байни онҳо имкони мусоид даст дод[1].

Дар баробари ин маҳз дар доираи Иттиҳод ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ вусъат гирифт ва фаъолияти Неруҳои дастаҷамъонаи муҳофизи сулҳ дар Тоҷикистон замина ва ниҳоди муҳим барои пешгирӣ аз низоъҳои дохилӣ ва таҳдидҳои беруна мебошад[2].

Зиёда аз он, қисми асосии қувваҳои мусаллаҳи сарҳади Русияро ташкил менамуд, ки барои зиёд намудани иқтидори ҳарбии он як баталиони қисми низомии Қазоқистон онҳоро ҳамроҳӣ мекард. Ҳангоми муҳофизати сарҳади давлатии Тоҷикистон аз тарафи марзбонони рус зиёда аз се ҳазор сарҳадшиканӣ, 535 бархӯрди ҷангӣ бартараф, зиёда аз якуним ҳазор кӯшиши рахна кардани сарҳад пешгирӣ шуд. Ҳангоми хизмат 161 марзбони рус ҳалок ва 362 нафар маҷруҳ гашт[3].

Бояд таъкид намуд, ки бо шикасти низоми дуқутбӣ ҷаҳон ба марҳалаи нав ворид гардид, ки яке аз хусусияти он пайдоиши хатарҳои муосир ба шумор меравад. Бо назардошти ин ҳолат ва таъсиси қувваҳои мусаллаҳи миллӣ кишварҳои пасошуравӣ 15 майи соли 1992 ба Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ имзо гузоштанд. Маълум аст, ки зимни татбиқи ҳадафҳои созмон Федератсияи Русия ҳамчун пешоҳанги аҳдномаи мазкур ва Ҷумҳурии

---

[1] Тоҷикистон дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: https://mfa.tj/tg/main/view/148/tojikiston-va-ittihodi-davlathoi-mustaqil (санаи муроҷиат:15.10.2020).

[2] Нурзода, М. Ташаккули низоми амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ дар қаринаи муносибатҳои Русия ва Тоҷикистон (1992-2018) [Матн]: дисс... ном. илм. таърих / Нурзода Муслуҳуддини Ҷалолуддин. – Душанбе, 2020. – С.53.

[3] Забиров, Д.В. Практика международного сотрудничества в военно-технической сфере: опыт взаимодействия России и Таджикистана [Электронный ресурс] / Д.В. Забиров. – Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/praktika-mezhdunarodnogo-sotrudnichestva-v-voenno-tehnicheskoy-sfere-opyt-vzaimodeystviya-rossii-i-tadzhikistana (дата обращения: 05.03.2021).

Қазоқистон ба унвони кишвари пойбанди равандҳои ҳамгироӣ дар фазои пасошуравӣ дар кори он фаъолона ширкат доштанд. Самти муосири ҳамкории ҳарбӣ техникии Тоҷикистон ва Русия дар доираи ин созмонҳои минтақавӣ барои пешгирии таҷовузи хориҷӣ, ифротгароии байналхалқӣ ва таъмини амният дар Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ равона гаштааст[1].

Аз ҷониби дигар, ҳамкории кишварҳо дар самти мустаҳкам намудани сарҳадҳои ҷанубии ИДМ идома ва бори дӯши асосии он ба Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дошт[2]. 24-уми сентябри соли 1993 мутобиқи қарори мулоқоти сарони кишварҳои ИДМ неруҳои дастаҷамъонаи муҳофизи сулҳ дар мамлакат ташкил карда шуд.

Умуман, ташаккули муносибатҳо дар соҳаи ҳарбӣ ду омили асосӣ дорад. Агар омили аввал, таҳдиди умумӣ-зарурати таъмини амният дар Осиёи Марказӣ ва амалҳои муштарак бар зидди таҳдиду хатарҳои беруна, қабл аз ҳама бӯҳрони Афғонистон ва дар сатҳи глобалӣ-терроризм, экстремизм ва ҷинояткории трансмиллӣ бошад, пас омили дуюм, дастгирии Ҷумҳурии Қазоқистон аз сиёсати таъсиси артиши неруманд ва таҳкими иқтидори мудофиаи сарҳадии кишвар мебошад, зеро, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сарҳадҳои ҷанубии ИДМ ҷойгир аст ва таъмини амнияти он метавонад ба ҳамаи кишварҳои узви ИДМ, махсусан ба мамлакатҳои минтақа таъсири зиёди манфӣ расонад[3].

Ҷустуҷӯйи роҳҳои мусолиматомези ҳалли масъалаҳои баҳснок ва кӯшиши дарёфти ҷойгоҳи хосса дар арсаи ҷаҳонӣ боиси пешниҳоди ташаббуси бунёди Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (МҲТБО) аз ҷониби Қазоқистон дар таърихи 5 октябри соли 1992 гардид. Чун Форуми байналмилалӣ ҷиҳати таҳкими ҳамкориҳо барои таъмини сулҳ,

---

[1] Розиков Ф.М. Дипломатические, торгово-экономические и культурные взаимоотношения Таджикистана и России в период независимости (1991-2012 гг.) [Текст]: автореф. дисс... канд. истор. наук / Розиков Фарход Махмасаидович. – Душанбе, 2013. – С.8.

[2] Назриев, Д. Республика Таджикистан [Текст]: история независимости год 1993-й / Д. Назриев, И. Саттаров. – Душанбе: Ирфон, 2006. – Т.3. – С.372.

[3] Шарипов, А.Н. Муносибатҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон (1991-1997) [Матн] / А.Н. Шарипов // Ахбори Академияи илмҳои ҶТ. – 2009. – №3. – С.1-6.

амният ва субот дар Осиё созгор буд, Тоҷикистон аз соли 1999 узви ин машварат гашт[1].

Дар ин марҳала, робитаҳо бо Федератсияи Русия дар аксар соҳаҳои фаъолият густариш ва заминаи ҳуқуқӣ ёфтанд. Ҳанӯз, дар солҳои аввали ба даст овардани истиқлоли миллӣ Сарвари давлат дар як суханрониаш бо рӯзноманигори маҷаллаи «Русия» Ю. Кушко рушд ва тараққиёти муносибатҳои байналхалқиро дар ҳудуди ИШ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ намуда, қайд карда буд: «Тоҷикистон ба таҳкими муносибатҳои байнидавлатӣ дар чаҳорчӯбаи ИДМ, пеш аз ҳама Русия аҳамияти махсус зоҳир менамояд»[2].

Дар ин миён чанд аҳднома ва созишнома имзо шуд, ки ҷанбаҳои муҳимтарини муносибатҳои байнидавлатиро фаро мегирифтанд. Дар ин радиф, мебояд ба нақши махсуси Аҳдномаи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва кумаки мутақобиларо (аз 25 майи соли 1993) таъкид намуд. Ин ҳуҷҷат имкон дод, ки робитаҳои байнидавлатӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаётӣ густариш ёбанд. Баъзе ҳуҷҷатҳо зарурати ҳузури қувваҳои мусаллаҳ ва неруҳои сарҳадии Федератсияи Русияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок менамуданд. Ҳукумати ҷумҳурии мо ҳузури ин қувваҳоро дар он марҳала ба манфиатҳои олии кишвар ҷавобгӯ ва кафили сулҳу субот дар минтақа медонистанд[3].

Тоҷикистони соҳибистиқлол дар вақти роҳандозии сиёсати хориҷиаш рушд ва тақвияти муносибатҳоро бо давлатҳои аъзои ИДМ ҳамчун меросбари собиқ ИШ яке аз самтҳои афзалиятнок ва муҳимтарин таҳлил намуда буд. Аз ин лиҳоз, дар солҳои аввали истиқлол робитаҳои дипломатии дуҷониба ва бисёрҷонибаро дар соҳаҳои мухталиф инкишоф дод. Баробари ин Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аксарияти кишварҳои ИДМ намояндагии

---

[1] Ҳамкорӣ миёни Тоҷикистон ва Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (МҲТБО) [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: https://mfa.tj/tg/main/view/10223/hamkori-mijoni-tojikiston-va-mashvarati-hamkori-va-tadbirhoi-bovari-dar-osijo-mhtbo(санаи муроҷиат: 29.11.2021).

[2] Рахмонов, Э.Ш. Интервью корреспонденту газеты «Русия» Ю. Кушко [Текст] / Э.Ш. Рахмонов // Тысяча лет в одну жизнь: сборник выступлений, речей, интервью и статей. – Душанбе: Ирфон, 2003. – С.253.

[3] Сабуров, А. Информационное измерение внешнеполитического процесса в Таджикистане (1993-1995 гг.) [Текст] / А. Сабуров, З.Ш. Сайидзода. – Душанбе: НИАТ «Ховар», 2007. – С.6.

дипломатӣ ва дар навбати худ намояндагии дипломатии кишварҳои аъзо дар шаҳри Душанбе ба фаъолият оғоз намуд.

Ҳамаи он умумиятҳое, ки дар зиндагии якҷояи кишварҳои ҳайати ИШ боқӣ мондааст, айни замон ба кулли кишварҳои минтақа имкон медиҳад, ҳамкориҳо дар сатҳи хуб ва бо натиҷаҳои назаррас амалӣ гарданд.

Бо вуҷуди ташаккули дипломатияи дуҷониба миёни кишварҳои собиқ ИШ, боз бо мақсади кам намудани мушкилиҳо ва хатарҳои мавҷуда новобаста аз оне ки кишварҳо истиқлол ба даст овардаанд, ҷиҳати рушди ҳамкориҳо дар ин самт таъсис додани иттиҳодияҳои байнидавлатӣ лозим аст. Ба монанди ИДМ, Ҷомеаи иқтисодии АвруОсиё, СААД ва ғайра. Тоҷикистон ҳамчунин ба ин ниҳодҳо пай дар пай ҳамроҳ гардидааст, ки барои амалинамоии мақсадҳои муайяннамудаи оинномавӣ фаъолона иштирок менамояд[1].

Моҳи июли соли 1997 Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мақолаи худ «Тоҷикистон дар остонаи оянда» таҳаввулоти ҷаҳонро чунин ҷамъбаст карда буд: «Ҷаҳон на танҳо ба кишварҳои мустақил, балки ба ниҳодҳои гуногуни байналмилалӣ, тамаддунҳо ва марказҳои бузурги қудратманд тақсим шудааст. Ҳеҷ кишваре наметавонад, аз фазои геополитикии ин иттиҳодияҳо берун бошад, ки ба сурати таърихӣ рушд кардаанд. Дар ин робита бояд таваҷҷуҳ дошт, ки иттиҳоди фазои геополитикии он бо Федератсияи Русия барои рушди давлатии Тоҷикистон аҳамияти хос дорад. Тағйир дар мадори ягонаи геополитикии Тоҷикистону Русия метавонад ба ҳамбастагии халқу кишвар таъсири ногувор дошта бошад ва аз ҷониби дигар, ба назари мо, метавонад боиси заъфи зуд ҳангоми қудрати давлатдории худи Русия шавад. Чунин аст вазъияти таърихии ҷаҳони имрӯза»[2].

---

[1] Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият [Матн] / зери назари Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С.6.

[2] Алиджанова, А. Некоторые аспекты внешней политики Республики Таджикистан на современном этапе [Текст] / А. Алиджанова // Вестник ТГУПБП. – 2011. – №3 (47). – С.117.

Ҳангоми сафари расмии Президенти Тоҷикистон (апрели соли 1999) ба Русия робитаҳо оид ба шарикии стратегӣ байни ҳар ду кишвар боз ҳам рушд намуд. Дар натиҷаи ин сафар ду санади хеле муҳим имзо карда шуд, то ҳол Тоҷикистон чунин санадҳоро бо ягон давлати хориҷа ба роҳ намонда буд:

1. «Аҳднома дар бораи ҳамкориҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия дар асри XXI»;
2. «Аҳднома дар бораи нуфуз ва шароити ҳузури пойгоҳи ҳарбии Русия дар ҳудуди Тоҷикистон».

Имзои чунин аҳдномаҳои шарикии стратегӣ аз сатҳи баланди эътимоду боварӣ миёни сарони ҳар ду кишвар ва аз таҷрибаи муштараки ҳамзистии даврони нави пасошуравӣ маншаъ мегирифт.

Осиёи Марказӣ ҳанӯз дар асри XIX ба системаи геополитикии Русия ворид шуда буд. Ҳамин тариқ, дар тӯли ду аср муштаракоти халқи ду кишвар ташаккул ёфт, ки нишонаҳои он дар ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ ва маданӣ ба назар мерасад[1].

Бояд ёдовар шуд, бо муҳайё сохтани шароит ва заминаҳои боэътимоди меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи робитаҳои дипломатӣ, таҳия ва татбиқи доимии стратегияи ҳаматарафа барои асоснок кардани робитаҳои дипломатӣ бо дарназардошти манфиатҳои милли кишвар, ҳамоҳагсозӣ ва рушд бахшидани онҳо ба манфиати ҷомеаи башар, роҳи рушд ва табдилёбии Тоҷикистони мустақил ба яке аз узвҳои фаъол, ташаббускор ва соҳибэҳтироми ҷаҳон гардид.

Метавон гуфт, нақши Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҳалли мушкилиҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ эътибор ва нуфузи кишварамон дар ҷаҳон исбот менамояд[2].

Умуман, яке аз самтҳои афзалиятнок дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарор намудани робитаҳои дипломатӣ бо Русия мебошад, ки

---

[1] Ниёзӣ, Ё. Тоҷикистон ва Русия. Аз таҳкими муносибатҳои давлатӣ то шарикии стратегӣ [Манобеи электронӣ] / Ё. Ниёзӣ, Н. Мирзоев. – Низоми дастрас: https://jumhuriyat.tj/index.php?art_id=37371 (дата обращения: 22.08.2021).

[2] Аслов, С. Эмомалӣ Раҳмон – Асосгузори мактаби нави сиёсати хориҷӣ [Манобеи электронӣ] / С. Аслов. – Низоми дастрас: http://www.mfa.tj/. (санаи муроҷиат: 09.07.2021).

ба тараққиёти минбаъдаи иқтисодӣ ва таъмин намудани амният, на танҳо, дар кишвари мо балки дар тамоми кишварҳои минтақа мусоидат хоҳад кард.

Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлолро лозим буд, ки ба санадҳои байналмилалии соҳаи дипломатия ва робитаҳои хориҷӣ ҳамроҳ шавад. Аз ин лиҳоз, дар таърихи 4 ноябри соли 1994 ба Эъломияи Вена оид ба робитаҳои дипломатӣ (24.04.1963) имзо гузошт. Меъёрҳое, ки дар ин санади муҳимми байналмилалӣ дарҷ гардидаанд, ба ташаккули сиёсати хориҷии кулли кишварҳои ҷаҳон мусоидат мекард:

1. Низомнома дар бораи Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 январи соли 1995, №165
2. Низомнома дар бораи ҳуқуқу уҳдадориҳои сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 январи соли 1995, №165
3. Оинномаи консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 1998, № 275

Лозим ба ёдоварист, моҳияти марҳалаи аввали рушди сиёсати хориҷии кишвар маҳз ташаккули инфрасохтори он мебошад, ки ҳадафи муҳимми сиёсати хориҷӣ ва ниҳоии он пешгирӣ аз мунокишаҳои дохилӣ ва таъмини сулҳ дар кишвар буд[1].

Дар заминаи таҳлили ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои асосии он метавон хулоса намуд, ки дар охири асри XX кишвари мо баъди ноил гардидан ба истиқлоли сиёсӣ ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ ворид шуд ва ба таъсиси мақомоти сиёсати хориҷӣ, устувории рушди робитаҳои дипломатӣ бо тамоми кишварҳои олам, аъзо гардидан ба созмонҳои бонуфузӣ минтақавӣ ва байналхалқӣ кӯшиш намуд.

Бо интихоби Эмомалӣ Раҳмон ба унвони Раиси Шурои Олӣ дар низоми давлатдорӣ, пешрафти сиёсати хориҷӣ, ташкил намудани гуфтушунид барои

---

[1] Шарипов, А.Н. Марҳалаҳои асосии ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Н. Шарипов // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ “Самтҳои афзалиятнок ва дурнамои тавсеаи сиёсати бисёрсамтаи Тоҷикистон дар шароити муосир" (ш.Душанбе, 11 декабри соли 2019). – Душанбе, 2019. – С.79-88.

сулҳ, таҳким ва таъсиси ниҳодҳои давлати мустақил, рушди симои мусбии кишвар дар арсаи байналхалқӣ таҳаввулоти муҳим ба амал омад.

Муҳим он буд, ки дар шароити мураккаби таърихи сиёсии кишвар шахсе ба сари қудрат омад, ки дар асоси принсипҳои пешгирифтааш ба таври устувор ва пайгирона манфиатҳои миллии кишварро ҳифз ва татбиқ менамояд.

Самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ, ки аз Муроҷиатнома ба мардуми шарифи Тоҷикистон маншаъ гирифтаанд, моҳиятан сиёсати бисёрсамта ва фаъоли хориҷиро ифода менамуданд, вале бо назардошти бухрони шадиди иқтисодӣ, таъсири ҷанги шаҳрвандӣ, таҳдидҳои муосири амниятӣ, пешбурди раванди музокироти сулҳ ва таъсиси ниҳодҳои давлатдорӣ татбиқи бевоситаи ин ҳадафҳо дар марҳалаи ибтидоии ташаккули сиёсати хориҷӣ амалӣ нагардид.

Дар марҳалаи мазкур сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои фаъоли он муайян карда шуд, ки дар он афзалият ба кишварҳои ИДМ ва Осиёи Марказӣ дода мешуд. Дар ин қарина, ҳамкории сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба ба роҳ монда шуд. Лекин асосан дар ҳамкориҳои соҳаи сиёсӣ-ҳарбӣ ва амниятӣ ба таври истисно нақши Русия нисбат ба дигар кишварҳо тақвият ёфт.

Бо назардошти бухрони иқтисодӣ ва имконоти маҳдуди татбиқи сиёсати фаъоли хориҷӣ, ки аз омилҳои айнӣ вобастагӣ дошт (ҷанги Чеченистон, мушкилиҳои татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ва сохторӣ, рӯ овардан ба низоми муосири муносибатҳои бозаргонӣ ва ғайра) танҳо Русия дар даҳсолаи аввали истиқлоли сиёсии Тоҷикистон ҳузури низомии кишвари худро таъмин сохт.

Тоҷикистон, ки самти асосии ҳадафҳои сиёсати хориҷӣ ва дипломатиаш ба истиқрори сулҳ равона гардида буд, дар ин марҳала чун ба ваҳдат ва ризоияти миллӣ ноил гардид, заминаи рушди сиёсати хориҷӣ ва хадамоти дипломатиро дар оянда фароҳам намуд.

## 1.2. Самтгирии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон дар охири асри XX

Фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ба таври ҷиддӣ ба рӯйдодҳои ҷаҳон таъсир гузошт ва заруратеро барои ҷустуҷӯи низоми нави давлатдорӣ, бунёди моделҳои иқтисоди миллӣ, таъмини инкишофи муассири иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ҳамкории байналхалқӣ пеш овард. Таҳаввулоти шадиди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ-ҳарбӣ дар фазои пасошуравӣ аз тамоюлоти ҷаҳонӣ дар ҳоли гузариш аз шаклҳои саноати суннатии созмондиҳии иқтисодиёт ва ҷомеа ба моделҳои инкишофи инноватсионӣ ва технологияи пешрафта вобаста буданд, ки аксаран ба унвони моделҳои постиндустриалӣ (пасосаноатӣ) аз он ёд мешавад[1].

Ба оғози давлатдории муосири Қазоқистон қонуни конститутсиоӣ «Дар бораи истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Қазоқистон» аз 16 декабри соли 1991 замина гузоштааст. Моддаи 1-уми Қонуни мазкур Ҷумҳурии Қазоқистонро ҳамчун давлати мустақил, ҳуқуқбунёд ва демократӣ муаррифӣ менамояд.

Ҷумҳурии Қазоқистон дорои ҳокимияти мустақил дар ҳудуди кишвар буда, ҳадафҳои сиёсиашро дар дохил ва хориҷ аз мамлакат амалӣ менамояд. Ҳамкориҳои судмандро бо кулли кишварҳои ҷомеаи ҷаҳон дар асоси принсипҳо ва сандҳои меъёрӣ-ҳукуқии байналмилалӣ роҳандозӣ намудааст.

Ҳудуди Ҷумҳурии Қазоқистон дар сарҳадҳои мавҷудаи он ягона, тақсимнопазир ва дахолатнопазир аст[2].

Ба гуфтаи аввалин Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев «Таърих барои мо мероси душворе ба ҷо гузошт ва барои ҷавоби дақиқу зуд ба саволҳои нав вақт камтар боқӣ мемонад. Миёни чунин масъалаҳо аз ҳама муҳимтарин - ваҳдати миллӣ дар дохил мебошад. Албатта, ин масоили сохтмони иқтисоди нав, сиёсати хориҷӣ ва инфрасохтори

---

[1] Лазаревич, А.А. Стратегия модернизации постсоветских обществ в постиндустриальную эпоху: общее и особенное [Текст] / А.А. Лазаревич // Рост международного авторитета независимого Казахстана и вызовы глобализации: материалы международной научно-практической конференции (Алматы, 27 мая 2011 г.). – Алматы: КИЦ Института Философии и политологии КН МОН РК, 2011. – С.48.
[2] Тлембаева, Ж.У. 20 лет Независимости Казахстана [Текст]: итоги, приоритеты, задачи / Ж.У. Тлембаева // Құқық жене мемлекет. – 2011. – №3 (52). – С.75-81.

мудофиавиро фаро мегирад. Бо ин ҳол дар ин маврид мо ба як мавзуи дигаре алоқа дорем, яъне мафкураи миллӣ, он чи дар руҳияи миллӣ иттифоқ меафтад.

Оғози муттаҳидкунанда барои тамоми миллати казоқ ва бунёди давлатдории қазоқистониён ин нигориши пешрафтаи ватандӯстона нисбат ба давлати худ, навсозии мафкураи мардум ва нақши таҳкимсози забони қазоқӣ ва фаъолияти мақсадноки гурӯҳҳо ба истилоҳ пешоҳанг ва эҳёи шуури таърихӣ ба шумор меравад» [1].

Ташаккули сиёсати хориҷӣ – ин ҳуқуқи истисноии роҳбари давлат мебошад, зеро банди 1 моддаи 40 фасли III Конститутсияи Ҷумҳурии Қазоқистон ишора менамояд: «Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон, Сарвари давлат, шахси олии мансабдори давлатӣ ба шумор меравад, ки самтҳои сиёсати дохиливу хориҷии кишварро муайян менамояд ва Қазоқистонро дар дохил ва муносибатҳои байналхалқӣ намояндагӣ мекунад»[2].

Бояд таъкид намуд, ки дар инкишофи кишвар Президенти аввалини Қазоқистон Н.А. Назарбоев нақши бузург дорад. Рисолати ӯ душвор буд – сарварии ҷумҳурӣ дар солҳои таъсиси он, дидгоҳи стратегӣ, сиёсати собит ва дурбинонаи Президент ба таҳкими иқтидори Қазоқистон мусоидат намуда, имрӯз муваффақияти кишварро дар роҳи модернизатсияи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф дорад[3].

Баъди ба даст овардани истиқлол, ки 16 декабри соли 1991[4] рост омад, якчанд вазифаи асосӣ дар назди давлат возеҳ гашт. Пеш аз ҳама, дар шароити пайдоиши хатарҳои ғайримуқаррарӣ, масъалаи пойдор нигоҳ доштани истиқлоли миллӣ ва таъмини тартиботи дохилӣ аҳамияти махсус касб менамоянд.

---

[1] Назарбаев, Н.А. В потоке истории [Текст] / Н.А. Назарбаев. – Алматы: Атамура, 1999. – С.54.

[2] Тлембаева, Ж.У. 20 лет Независимости Казахстана [Текст]: итоги, приоритеты, задачи / Ж.У. Тлембаева // Құқық жене мемлекет. – 2011. – №3 (52). – С.76.

[3] Мансурова, А.С. Роль первого президента Н. Назарбаева в развитии внешнеполитических связей Республики Казахстан [Текст] / А.С Мансурова // Рост международного авторитета независимого Казахстана и вызовы глобализации: материалы международной научно-практической конференции (Алматы, 27 мая 2011 г.). – Алматы: КИЦ Института Философии и политологии КН МОН РК, 2011. – С.127.

[4] Независимость Казахстана [Электронный ресурс]. – Режим доступа: //http://new-kz.siteedit.ru/page13(дата обращения: 29.11.2021).

Аз ин лиҳоз, яке аз шартҳои муҳим ҷиҳати рушди босуботи кишварҳо таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзи давлатдории мустақил ба ҳисоб меравад[1]. Дар назди роҳбарияти кишвар вазифае гузошта шуда буд, Қазоқистони навтаъсисро ба кишварҳои ҷаҳон дар асоси арзишҳои таърихии гузашта ва дастовардҳои имрӯза муаррифӣ созад ва ҳамчунин барои ноил гардидани натиҷаҳои назаррас дар оянда имконият муҳайё созад[2].

Дар баробари ин, аҳамияти истисноиро дар сиёсати хориҷии Қазоқистон узвият ба СММ дошт. Бо қарори 46-уми ҷаласаи СММ аз 2 марти соли 1992 Қазоқистон якдилона ба узвияти ин созмони бонуфузи ҷаҳонӣ қабул шуда, узви 168-уми СММ эътироф гардид[3].

Ҳанӯз дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ маълум гардида буд, ки барои таъмин намудани амнияти дохилии кишвар, раҳоӣ аз бuҳрони иқтисодӣ, соҳиб гардидани кишвар ба мақом ва накши махсус дар ҷаҳон бо асоси ҳамкориҳои байнидавлатии манфиатдори давлатҳои узви ИДМ, кишварҳои ҳамҷавор ва дигар давлатҳои хориҷӣ ба даст меояд[4].

Метавон самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистонро ба чанд ҳавза ҷудо намуд:

1) ҳамгироӣ бо ҷумҳуриҳои пасошуравӣ;

2) ҳамкорӣ бо ИМА;

3) муносибатҳои Қазоқистон бо Хитой;

4) ҳамкорӣ бо кишварҳои Аврупо;

5) ҳамкорӣ бо кишварҳои ҷаҳони исломӣ;

Инчунин, давлати Қазоқистон чандин ҳадафи стратегӣ дошт:

Якум, инкишофи як давлати мустақили ҷавон ба унвони ҷумҳурии қудратманди президентӣ - парлумонӣ. Дар баробари ин муҳим аст, иҷозат

[1] Жусипов, Б. Республика Казахстан [Текст]: проблемы политики безопасности / Б. Жусипов. – Алматы, 2001. – С.6.
[2] Уразаева, А.Т. Роль публичной дипломатии в продвижении внешнеполитических интересов РК на современном этапе [Текст]: дисс... д-ра Phd по профилю / Уразаева Асемгуль Талапкалиевна. – Нур-Султан, 2022. – С.103.
[3] Внешняя политика Республики Казахстан [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://testent.ru/index/0-93 (дата обращения: 20.05.2021).
[4] Искандаров, А. Государства Центральной Азии в интеграционных процессах [Текст] / А. Искандаров. – Душанбе, 2007. – С.4.

надиҳем, ки ба хусусиятҳои миллии ҳокимияти давлатӣ тахриб шаванд, вагарна он ба силсилаи воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ табдил мегардад[1].

Дуюм, истиқлоли Қазоқистон моҳияти қавмии сиёсӣ ва ҳуқуқии печида дорад. Ин таркибе аз омезиши истиқлоли миллии қазоқҳо ба унвони як пайванди пешрав аст, ки онҳоро ба решаҳо ва суннатҳои миллӣ дар маҷмуъ ҳокимияти мардумони қазоқ ба сифати як ҷомеаи қавмии сиёсӣ боз мегардонад. Аз ин рӯ, мушкилоти суботи миллӣ ва тавозуни динамикии манфиатҳои аҳолии бисёрмиллӣ ҳамеша масири равандҳои ташаккули кишварро муайян хоҳанд кард. Пеш аз ҳама, вазъи иҷтимоии аҳолӣ, стратегияи ваҳдати иҷтимоӣ дар ҷомеаи қавмӣ дар назар аст, ки сокинони он ба таври якҷоя ва эҳтироми анаъанаҳои миллӣ зиндагӣ мекунанд, тавассути талошҳои умумии зиндагии мустақилонаи онҳо бо назардошти ҳувияти хешовандӣ, ақидаҳои дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ сарҷамъ шуда, ҳимояи онҳо дар давлати ҳуқуқбунёди демократӣ мушоҳида мешавад.

Сеюм, кафолати таъмин намудани амнияти кишвар, тамомияти арзӣ ва давлатии он, тобеи воситаҳои конститутсионӣ қарор гирифтан, махсусан тавассути ҳадафҳои судманди сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ.

Чорум, Қазоқистон бо касби истиқлол ва узвияташ дар чанд созмонҳои байналхалқӣ ба мушкилоти нави сиёсати хориҷӣ, мудофиа, амнияти миллӣ ва вуруди мустақил ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ рӯ ба рӯ гардид. Қазоқистони мустақил мебоист дар амал ба ҷузъи мустақили муносибатҳои байналхалқӣ, симои фаъоли амалкунанда дар фазои иқтисодӣ ва сиёсии ҷаҳон табдил ёбад. Барои дастёбӣ ба мақоми нав дар миқёси ҷаҳон идеологияи нав муҳим буд[2].

---

[1] Тлембаева, Ж.У. 20 лет Независимости Казахстана [Текст]: итоги, приоритеты, задачи / Ж.У. Тлембаева // Құқық жене мемлекет. – 2011. – №3 (52). – С.78.

[2] Тлембаева, Ж.У. 20 лет Независимости Казахстана [Текст]: итоги, приоритеты, задачи / Ж.У. Тлембаева // Құқық жене мемлекет. – 2011. – №3 (52). – С.79.

Яке аз масъалаҳои аввалин, ки Қазоқистон ба унвони давлати соҳибихтиёр ба он рӯ ба рӯ гардид, ин масъалаи аслиҳаи ҳастаӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ буд[1].

Аллакай 29 августи соли 1991 Президенти Қазоқистон Фармонро дар бораи бастани озмоишгоҳи ҳастаии Семипалатинск имзо намуда буд.

Баъди бархамхӯрии ИҶШС Қазоқистон мақоми қудрати ҳастаиро, дар баробари Русия, Украина ва Белорусия ба даст овард. Дар қаламрави Қазоқистон иншоотҳои беназир барои озмоиши дастгоҳҳои ҳастаӣ ва парвози мушакҳои кайҳонӣ сохта шуда буданд.

Ҳангоми боздиди расмии Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев ба ИМА моҳи майи соли 1992 Қазоқистон ба Аҳднома дар бораи паҳн накардани аслиҳаи ҳастаӣ ба сифати қудрати ҳастаи бар ивази кафолати ИМА оид ба таъмини Қазоқистон уҳдадор гардид, аи аслиҳаи стратегии мушаки ҳастаии худро ба ҳудуди Русия бо ҷуброни арзиши уран дар пайконҳои ҳастаӣ ба ҷумҳурӣ интиқол диҳад.

Дар давраи машварати Будапештии САҲА соли 1994 Ёддошди тафоҳум оид ба кафолати амнияти Қазоқистон аз тарафи иштирокчиёни Аҳднома дар бораи паҳн накардани аслиҳаи ҳастаӣ имзо гардид, яъне иштирокчиёни ин Аҳднома - Русия, ИМА ва Британияи Кабир мебошанд, ки дар он уҳдадориҳои истифодаи қувва нисбат ба тамомияти арзӣ ва истиқлоли сиёсии Қазоқистон ва манъи фишори иқтисодии кишварҳо ифода мегардид, баъдан Хитой ва Фаронса дар ин самт ҳамроҳшавии худро ба кишварҳои болозикр эълон намуданд.

Моҳи майи соли 1995 охирин мушаки ҳастаӣ аз қаламрави Қазоқистон берун шуда Қазоқистон ҳамчун кишвари ғайриҳастаӣ эътироф гардид [2].

[1] Токаев, К. Преодоление. Дипломатические очерки [Текст] / К. Токаев. – Алматы: ОАО САК, 2003. – С.140.
[2] Внешняя политика Республики Казахстан [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://testent.ru/index/0-93 (дата обращения: 20.05.2021).

Ҳалли масъалаи «мероси ҳастаии шуравӣ» дар Қазоқистон ба ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамта таъсири мусбат гузошт[1].

Чунин буд моҳиятан афзоиши воқеии қарори тақдирсоз дар бораи даст кашидан аз мероси ҳастаӣ ва пайвастан ба Аҳднома дар бораи паҳн накардани аслиҳаи ҳастаӣ[2].

Дар баробари таҳкими имиҷи мусбати кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ, дасткашӣ аз аслиҳаи ҳастаӣ ва узвият дар созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва минтақавӣ зарур буд, ки стратегияи дипломатӣ бо назардошти манфиатҳои миллӣ дар фазои геополитикӣ ба роҳ монда шавад.

Ҷиҳати рушд ва инкишофи сиёсати хориҷии Қазоқистон ҳамкорӣ бо кишварҳои ҷаҳони ислом бо назардошти арзишҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва тамаддуни он муҳим арзёбӣ мешуд. Таъсири омили исломӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии кишварҳои зиёд назаррас мебошад. Бояд таъкид намуд, ки ин раванд, бахусус дар даҳаи дуюми асри XXI, бинобар қазияи Шарқи Наздик ва Шимоли Африқо шиддат гирифт.

Яке аз созмонҳои бонуфузи ҳамоҳангсози кишварҳои олами ислом Созмони конфронси исломӣ (минбаъд СКИ) ба шумор меравад. Ҳадаф ва вазифаҳои СКИ бар хилофи арзишҳои сохтории дигари созмонҳои бузурги байналхалқӣ равона нашудааст. Узвияти кишвар ба СКИ аз соли 1995 бо талоши Қазоқистони навтаъсис, ки давлати дунявӣ, ҳамзамон, ҷузъи ҷудонопазири ҷомеаи мусулмонӣ буд, ба хотири ширкати фаъол дар равандҳои сиёсӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ – гуманитарии ҷаҳони ислом асоснок гардид[3].

Дар асоси самтҳои асосии сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ, ки ба таъмини манфиатҳои миллӣ ва инкишофи устувори он равона шудааст, мақоми хосро ҳамкорӣ бо ҷаҳони мусулмонӣ ишғол менамояд.

[1] Фаизова, Р.С. Роль Республики Казахстан в интеграционных процессах на постсоветском пространстве (1991-2010 гг.) [Текст]: автореф. дисс... канд. истор. наук / Фаизова Рената Сергеевна. – М., 2011. – С.15.
[2] Токаев, К. Преодоление. Дипломатические очерки [Текст] / К. Токаев. – Алматы: ОАО САК, 2003. – С.144.
[3] Телебаев, Г.Т. Казахстанский компонент Организации исламской конференции (ОИК) [Текст] / Г.Т. Телебаев // Рост международного авторитета независимого Казахстана и вызовы глобализации: материалы международной научно-практической конференции (Алматы, 27 мая 2011 г.). – Алматы: КИЦ Института Философии и политологии КН МОН РК, 2011. – С.101.

Мавқеи стратегӣ, субот, инчунин мавқеи созандаи кишвар оид ба мушкилиҳои муосири ҷаҳон мақоми хосеро дар арсаи сиёсати минтақавӣ ва ҷаҳонӣ барои кишвар фароҳам меоранд.

Кишварҳои узви СКИ ва Осиёи Марказиро таърихи муштарак, эҳсоси ҳамсоягии нек ва расму оини динӣ бо ҳам муттаҳид менамоянд.

Баҳодиҳии мавқеи стратегӣ ва геополитикии Ҷумҳурии Қазоқистон дар замони муосир душвор ба назар мерасад, зеро кишвар бо мавҷудияти минтақаи бузург ва захираҳои зиёди табиӣ дар байни Федератсияи Русия ва Хитой кишвари ақибмонда ба ҳисоб меравад. Алоқаҳои иқтисодӣ, ҳарбӣ-сиёсӣ, фарҳангӣ ва маънавии Қазоқистон дар Авруосиё, тадриҷан ба унвони объекти бозиҳои калонмиқёси сиёсӣ дар Осиё ба низоми бархӯрди манфиатҳои геополитикии кишварҳои асосии ҷаҳон кашида шуд. Дар маҷмуъ, на танҳо Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Федератсияи Русия, балки инчунин Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Иттиҳоди Аврупо (минбаъд ИА), Туркия, Эрон, Покистон, Ҳиндустон, Арабистони Саудӣ, Япония, Кореяи Ҷанубӣ, Малайзия ва Индонезия манфиатҳои хосси худро дар минтақа эълон намуданд. Вале барои Қазоқистон дар навбати аввал ҳифзи тавозуни муносибатҳо бо Хитой, Русия, ИМА, минбаъд Аврупо, кишварҳои Осиёи Марказӣ зарур мебошад[1].

Ба ташаккули сиёсати хориҷии Қазоқистони мустақил Русия таъсири муайян гузошт, ки ин аз вобастагии шадиди сиёсӣ, иқтисодӣ, амният ва нуфузи зиёди фарҳанги русӣ дар кишвар аз замони ИШ алоқаманд буд. Ин ҳолат дар ибтидои солҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Қазоқистон ошкор гардид. Дар солҳои 90-ум асри XX соҳаи иқтисодии Қазоқистон аз Русия хеле вобастагии зиёд дошт, ки аз солҳои аввали истиқлол то ҳол шарики стратегии Қазоқистон ба ҳисоб меравад. Инчунин Русия аз назари кумаки ҳарбӣ ба Қазоқистон зарур буд, зеро кишвар дар марҳалаҳои аввали

[1] Ма Ифэн. Эволюция внешней политики Республики Казахстан в период 1991-2015 [Текст] / Ифэн Ма // Человеческий капитал. – 2019. – №7 (127). – С.18.

мустақилият ба мудофиаи мустақили ҳудуди бузурги камҷамъият ва дорои захираҳои бузурги табиӣ омода набуд[1].

Бо дарки замон имрӯз беҳтар ба назар мерасад, ки қисмати асосии аҳолии рус, аз ҷумла дар Қазоқистон далели ташаккул ва инкишофи давлатдории мустақилро ба таври мутаносиб дарк менамоянд. Тағйири фарҳангӣ ва сиёсии манзараи Қазоқистон ба тақвияти ҷиддии ниҳоду иродаи сиёсии дастгоҳи давлатӣ ниёз дорад.

Коҳиши якбораи муҳоҷирати русҳо аз Қазоқистон тақрибан се баробар дар се соли охир, инчунин пазириши оммавии ҳуқуқи шаҳрвандӣ дар Қазоқистон аз зуҳури муносибатҳои нави яке аз гурӯҳҳои бузургтарини миллӣ нисбат ба ояндаи давлатдории қазоқҳо шаҳодат медиҳад[2].

Аз ҷониби дигар, мавқеи ҷуғрофии кишвар дар арзёбии дурнамои ҷойгоҳи он дар арсаи ҷаҳонӣ ва ташаккули стратегияи сиёсати хориҷии он таъсири мустақим дорад. Кишвар наметавонад, бевосита аз яке қудратҳо пешравӣ намояд ва худро дар муқобили бозингарони дигари арсаи ҷаҳонӣ қарор диҳад.

Қазоқистон аз назари мавқеияташ дар қалби қитъаи Авруосиё, ҳаммарзӣ бо Русия дар шимол ва бо Хитой дар ҷанубу шарқ наметавонад бо амри тақдир мавқеи миёна дошта бошад ва ё аз сиёсати хориҷии бисёрқутбӣ сарфи назар созад. Ба гуфтаи Н. Назарбоев «Падидаи ҷумҳурии мо дар он низ ифода меёбад, ки мо ҳамзамон узви ҳам созмонҳои байналхалқию минтақавии аврупоӣ, ҳам осиёӣ ва ҳам созмонҳои молиявӣ ба шумор меравем»[3].

Баъзан, сиёсатшиносон ва рӯзноманигорон ҳангоми арзёбии сиёсати хориҷии кишвар савол мегузоранд, ки Қазоқистон аз кадом мавқеи мушаххас пайгирӣ менамояд? Ман бояд рӯирост бигӯям, ки пеш аз ҳама ақли солим дар мавқеъгирии сиёсати хориҷии мо таъсиргузор аст. Ба таври табиӣ халқи

---

[1] Назарбаев Н.А. Стратегия становления и развития Казахстана как суверенного государства [Текст] / Н.А. Назарбаев // Пять лет независимости: из докладов, выступлений и статей Президента Республики Казахстан. – Алматы, 1996. – С.97-125.

[2] Назарбаев, Н.А. В потоке истории [Текст] / Н.А. Назарбаев. – Алматы: Атамура, 1999. – С.133.

[3] Назарбаев, Н. Евразийский Союз: идеи, практика, перспективы 1994-1997 [Текст] / Н. Назарбаев. – М.: Фонд содействия развитию социальных и политических наук, 1997. – С.27.

Қазоқистон барои эҳё ва инкишофи робитаҳои кандашуда бо халқҳои аз лиҳози фарҳанг, анъанаҳо ва забон наздик ба Туркия ва кишварҳои арабӣ талош меварзанд. Чунин падида, ба мисли накуҳамсоягӣ, ки асли ҳувияти қазоқ аст, моро ба тавсеаи ҳамкорӣ бо Хитой ва кишварҳои дигари ҳамсоя такон медиҳад. Дар Қазоқистон барои густариши бунёдгароии исломӣ дар ҳоле ки гурӯҳҳои этникӣ ба якчанд дин пайравӣ менамоянд, заминае ҷой надорад. Умуман, зимни инкишофи ҳамкорӣ бо кишварҳои минтақа, мо пеш аз ҳама, ба ҷанбаи иқтисодӣ таваҷҷуҳ менамоем. Қазоқистон, азбаски дар чорроҳаи геополитикии ду тамаддун қарор дорад, аз қадим арзишҳои фарҳангии ҳам Шарқ ва ҳам Ғарбро пос медорад[1].

Дар нимаи аввали солҳои 1990-ум сиёсати хориҷии бисёрсамта ба таври муназзам дар кишвар роҳандозӣ шуд. Қазоқистон бо касби истиқлол бо масъалаҳои зиёде рӯ ба рӯ гардид: зиёда аз ҳазор пайкони ҳастаӣ, ҳифзи қаламрави бузург, аҳолии гуногунтаркиб ва бисёрмиллӣ. Дар баробари ин ҳамсоягӣ бо ду кишвари бузург – Русия ва Хитой, мутаносибан – сарҳадҳои тӯлонӣ ва масъалаҳои ҳалношудаи сарҳадӣ, захираҳои бойи табиӣ, ки ба он ҳамсоягони дуру наздик таваҷҷуҳ доштанд, дур будан аз роҳҳои баҳрӣ ва ҷаҳонӣ мушкилоти дигаре мавҷуданд, ки ҳалли онҳо ба души кишвари ҷавон вогузор гаштанд. Дар ин шароит, роҳандозии чунин самте дар сиёсати хориҷӣ зарур буд, ки имкони «ислоҳи» камбудиҳои табиӣ-ҷуғрофӣ ва имкони бартаре фароҳам орад. Бо назардошти далели мазкур бояд эътироф намуд, ки роҳбарияти кишвар дар чунин давраи муҳим дар бораи роҳандозии сиёсати хориҷии бисёрсамта қарори дуруст қабул намуда буд[2].

Дар таърихи Қазоқистон бори аввал консепсияи сиёсати хориҷӣ соли 1995 таҳия гардид. Дар заминаи он усули бисёрсамта роҳандози гардид, ки моҳияти рушди ҳамкориҳои дӯстона ва пешгӯишаванда бо тамоми кишварҳоеро ифода мекард, ки дар умури ҷаҳонӣ ва пешрафти кишвар

---

[1] Назарбаев, Н. Евразийский Союз: идеи, практика, перспективы 1994-1997 [Текст] / Н. Назарбаев. – М.: Фонд содействия развитию социальных и политических наук, 1997. – С.28.

[2] Деловарова, Л.Ф. Некоторые теоретические аспекты многовекторности [Электронный ресурс] / Л.Ф. Деловарова. – Режим доступа: https://articlekz. com/article/7012 (дата обращения: 26.09.2021).

нақши муассир доштанд. «Бисёрсамта аз вобастагии қатъии сиёсати хориҷӣ нисбат ба ин ё он шарик, дар шароити ғайри қобили қабул будани рушди вазъият дар ин ё он минтақа, ба далели тағйирпазирии бозори ҷаҳонӣ пешгирӣ менамояд». Дар консепсия, бешубҳа, ба ҳамкорӣ бо кишварҳои ҳамҳудуд афзалият дода мешуд.

Дар сатҳи минтақавӣ (Осиёи Марказӣ) – вазъи носуботи ҳарбӣ-сиёсӣ дар минтақа; мероси ҷангҳои гузашта; воқеияти таҳдиди дахлнопазирии сарҳадҳо, эҳтимолияти ҳузури гурезагон аз ҳудудҳои ҳамҷавор; имкони истифодаи қувва нисбат ба Қазоқистон ва таҷовуз ба муқобили он; дохилшавии ашхоси алоҳида ба ҷузъу томҳои ҳарбии ғайриқонунӣ ва гурӯҳҳои террористӣ; бар муқобили якдигар мондани манфиати давлатҳо дар минтақаи баҳри Хазар; ифротгароии сиёсӣ ва динӣ; қочоқи маводи мухаддир, ки таҳдид ва хатарҳо асосӣ шуморида мешаванд[1].

Таҳдиди хатарҳои асосие, ки ба вазъи ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ таъсири манфӣ мерасонанд, ташаннуҷе мебошанд, ки аз қазияи Афғонистон маншаъ мегиранд. Инчунин амалҳои террористӣ, интиқоли ғайриқонунии маводи мухаддир, ғояҳои ифротгароӣ ва дигар мушкилоти ҳалталаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аз ҷумлаи хатарҳои дигари номатлубе мебошанд, ки на танҳо бар зидди мардуми кишварҳои минтақа, балки ба муқобили арзишҳои инсонӣ дар ҷомеаи башар равона шудаанд[2].

Ҷумҳурии Қазоқистон ҷонибдори инкишофи муносибатҳои бисёрҷанба бо кишварҳои Осиёи Марказӣ - Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Туркманистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад. Кишварҳои минтақа яке аз аввалин давлатҳое буданд, ки Қазоқистон бо онҳо муносибати дипломатӣ барқарор намуд. Яке аз вазифаҳои калидӣ дар ин самт тақвияти раванди ҳамгироии минтақавӣ дар чаҳорчӯбаи ташаббуси бунёди Иттиҳоди кишварҳои Осиёи Марказӣ ба шумор меравад, ки амалан барои

---

[1] Гирфанов, Р.М. Внешняя политика Республики Казахстан в контексте обеспечения глобальной и региональной безопасности (политологический анализ) [Текст]: дисс... д-ра философии (PhD) 23.00.00 – политические науки / Гирфанов Ринат Марсович. – Астана, 2010. – С.45.

[2] Центральная Азия. Геополитика и экономика региона [Текст]. – М., 2010. – С.222.

татбиқи талоши кишварҳои минтақа дар самти муборизаи муштарак бо таҳиду хатарҳои хориҷӣ созгор буд. Дар ин самт, ҳамкории сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва гуманитарӣ дар заминаи тафоҳуму баробарӣ мутамарказ хоҳанд шуд[1].

Ғояи ҳамгироии минтақавии кишварҳои Осиёи Марказӣ бо имзои Аҳднома дар бораи ташкили Фазои ягонаи иқтисодӣ аз 30 апрели соли 1994 бо иштироки Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон амалан роҳи татбиқи худро пайдо кард ва аз 26 марти соли 1998 Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Аҳднома гардид[2].

Аҳамияти муҳим ба инкишофи ҳамкориҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Қазоқистон бо Ҷумҳурии Тоҷикистон дода мешавад. Ин ҳамкориҳо дар асоси санади муҳимми байнидавлатӣ «Аҳднома дар бораи асосҳои муносибатҳо» мебошад, ки 19 октябри соли 1993 ба имзо расид[3].

Дар асоси Протокол «Оид ба ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Аҳднома дар бораи ташкили фазои ягонаи иқтисодӣ байни Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 30 апрели соли 1994», ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 марти соли 1998 онро имзо намуд ва аз 4 феврали соли 1999 ба созишномаи байниҳукуматӣ байни Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон дар бораи принсипҳои наздикшавии самтҳои асосии қонунгузории миллӣ, ки фаъолияти хоҷагидориро танзим менамоянд, ҳамроҳ шуд[4].

Таҷрибаи ҷаҳонӣ низ исбот менамояд, ки дар шароити муосир ҳеҷ як кишвар наметавонад дар танҳоӣ рушд ва дар баробари зуҳуроти нави номатлуб истодагарӣ кунад. Аз ин рӯ, таъсиси ИДМ инъикоси қонуниятҳои

---

[1] Ма Ифэн. Эволюция внешней политики Республики Казахстан в период 1991-2015 [Текст] / Ифэн Ма // Человеческий капитал. – 2019. – №7 (127). – С.23.

[2] Токаев, К.Т. Внешняя политика Республики Казахстан в период становления нового мирового порядка [Текст]: дисс... д-ра полит. наук / Токаев Касым-Жомарт Кемелевич. – М., 2001. – С.90.

[3] Токаев, К. Под стягом независимости. Очерки о в.п. Казахстан [Текст] / К. Токаев. – Алматы: Білім, 1997. – С.115-116.

[4] Саидов, З. Основные внешнеполитические интересы Таджикистана на рубеже веков [Текст] / З. Саидов. – 4-е, доп. изд. – Душанбе: ООО «Контраст», 2011. – С.74.

айнӣ ва умумии кишварҳои мустақил баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ буд[1].

Қазоқистон пайгирона аз ғояи ҳамгироии иқтисодӣ кишварҳои узви ИДМ-ро муҳофизат менамояд. Ҳукумати кишвар тамоми шароитҳоро баҳри таъмини ҳамкорӣ, риояи манфиатҳои истиқлоли миллӣ, эҳтироми умумӣ, роҳҳои дахолат накардан ба корҳои дохилӣ ва поймолкунии вазъи ҳуқуқии ҳар як халқу миллат ба худмуайянкунӣ шароити мусоид ва қоидаҳои таркибии ҷамъиятро фароҳам сохтааст. Иттиҳод имкони таъмини шароитҳои зарурии сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодиро ҷиҳати инкишофи ҷомеаи демократӣ, ҳамкориҳои дастаҷамъона ва татбиқ гардидани воситаҳо бар зидди моҷароҳоеро фароҳам меорад, ки дар муҳити ИДМ бинобар сабаби хусусиятҳои миллатгароӣ, бадбинӣ ва шовинизм рух додаанд[2].

Табиист, ки дар доираи ИДМ низ Қазоқистон афзалиятҳои худро доро буда, бешубҳа ҳамкорӣ бо Русияро хеле муҳим меҳисобад. Ба гуфтаи Нурсултон Назарбоев, маҳз Русия метавонад дар ҳамгироии ҳар ду кишвар нақши меҳварӣ дошта бошад. Мо манфиатдорем, ки ҳамсояи шимолӣ пайгирона ислоҳоти сиёсӣ ва иқтисодӣ анҷом диҳад. Муваффақияти онҳо дар ниҳоят ба рафти корҳои ИДМ таъсири мусбат хоҳад расонид[3].

Ниҳоят, зимни арзёбӣ ҳамкории ду кишвар набояд омили инсониро сарфи назар созем. Халқҳои қазоқ ва рус давоми асрҳо якҷоя мезистанду накуҳамсоягӣ ба манфиати миллионҳо нафар буд ва онҳо шомили ҳеҷ мулоҳизоти фурсатталабӣ нестанд. Сарҳадбандӣ дар байни Қазоқистону Русия ва эҷоди махдудият дар ҳаракати одамон хатои нобахшиданӣ мешуд.

Яке аз вазифаҳои калидӣ барои кишварҳои нав таъмини тамомияти арзӣ ва амният ба шумор меравад. Дар ҳоли ҳозир фазои пасошуравӣ ба унвони минтақаи бесубот ва низоъбарангез зери таъсири танишҳои фароминтақавӣ қарор дорад. Муҳофизати сарҳадҳои хориҷӣ ва суботи вазъият дар

---

[1] Под стягом независимости. Очерки о в.п. Казахстан [Текст] / К. Токаев. – Алматы: Білім, 1997. – С.82.
[2] Назарбаев, Н. Евразийский Союз: идеи, практика, перспективы 1994-1997 [Текст] / Н. Назарбаев. – М.: Фонд содействия развитию социальных и политических наук, 1997. – С.30.
[3] Назарбаев, Н. Евразийский Союз: идеи, практика, перспективы 1994-1997 [Текст] / Н. Назарбаев. – М.: Фонд содействия развитию социальных и политических наук, 1997. – С.36.

минтақаҳои низоъомез метавонад танҳо бо талошҳои муштараки ҳамаи кишварҳои манфиатдор ва дар заминаи рӯйкарди ҳамоҳанги онҳо амалӣ гардад[1].

Бо назардошти зарурати таъмини амнияти дастаҷамъӣ 15 майи соли 1992 дар шаҳри Тошканд Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (минбаъд ААД) ба имзо расид, ки дар шароити ташаккули қувваҳои мусаллаҳи кишварҳои пасошуравӣ ва ҳалли дастаҷамъонаи таъмини амнияти онҳо аҳамияти муҳим дошт.

Зиёда аз он, бухрони Афғонистон ба амнияти минтақа таъсири манфӣ расонид ва шиддати вазъ дар замони ба сари қудрат омадани Толибон зарурати ҳамоҳангсозии амалҳои муштараки амниятӣ бештар намуд. Бояд таъкид намуд, ки вокуниши Қазоқистон, Русия, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон нисбат ба шиддати вазъ дар Афғонистон (сентябр-октябри соли 1996) ва зуҳури таҳдидҳо дар сарҳадҳои ҷанубии ИДМ аз амалкарди ААД ва дигар созишномаҳо дар ин бахш, инчунин қудрати бақои Иттиҳод дар маҷмуъ дарак дод. Дар шаҳри Алмаато моҳи октябри соли 1996 зимни мулоқоти ғайринавбатии сарварони кишварҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои узви ИДМ таъкид гардида буд, ки эҳёи амалиётҳои ҷангӣ дар Афғонистон метавонад ба вазъи дохилӣ ва хориҷии кишварҳо, суботи минтақа, инчунин амнияти сарҳадҳои ҷанубии Иттиҳод таъсири манфӣ расонад. Дар натиҷаи мулоқот Изҳороте қабул гардид, ки дар он ба зарурати қабули тадбирҳои сиёсии тағйирнопазир дар самти ташкили машваратҳо дар чаҳорчӯбаи СММ ва сатҳи минтақавӣ бо мақсади оташбас, ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳалли мушкилиҳои дохилиафғонӣ таъкид мегардид.

4 октябри соли 1996 дар шаҳри Алмаато мулоқоти президентони Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон ва сарвазири Русия доир гардид. Иштирокчиёни он ҳолати минтақаро бинобар шиддати вазъ дар Афғонистон муҳокима намуданд. Аз рӯйи натиҷаҳои вохӯрӣ Изҳороти

[1] Назарбаев, Н. Евразийский Союз: идеи, практика, перспективы 1994-1997 [Текст] / Н. Назарбаев. – М.: Фонд содействия развитию социальных и политических наук, 1997. – С.43.

муштарак қабул гардид, ки дар он ба даъвати иҷлосияи махсуси Шурои Амнияти СММ бо иштироки кишварҳои манфиатдор ва қабули чораҳои тағйирнопазир баҳри қатъи амалиёти ҷангӣ таъкид мешуд[1].

Кишварҳои узви Аҳднома тавонистанд, ки модели нави пешрафтаи амнияти минтақавиро фароҳам намоянд. 24 майи соли 2000 дар шаҳри Мински Беларус Президентони кишварҳо Меморандумро оид ба баланд бардоштани самаранокии Аҳднома ва мутобиқати он ба вазъи кунунии геосиёсӣ Муқарраротро дар бораи тартиби қабул ва татбиқи қарорҳои дастаҷамъона баҳри истифодаи нерӯ ва воситаҳои низомии амнияти дастаҷамъӣ қабул намуданд.

Бо назардошти анҷоми муҳлати амали Аҳднома дар моҳи майи соли 1999 шаш кишвар Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия, Тоҷикистон, Арманистон моҳи апрели соли 2000 ба Протокол дар бораи тамдиди Аҳднома ба муҳлати панҷ соли дигар имзо гузоштанд[2].

Таҳкими ҳамкориҳои ҳарбӣ-сиёсӣ дар фазои пасошуравӣ дар заминаи талошҳои муштарак ҷиҳати муқовимат бо хатарҳои муосир сурат мегирифт. Омили мазкур ба рушди ҳамкориҳо дар чаҳорчӯбаи дуҷониба ва бисёрҷониба мусоидат намуд.

Дар сиёсати хориҷии Қазоқистон ҷалби пурраи кишвар ба сохторҳои минтақавӣ ва зерминтақавӣ, густариши ҳамкорҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ аз ҳадафҳои аслӣ дониста мешуданд. Манфиатҳои стратегии Қазоқистон бо мустаҳкам намудани тамоюлҳои истиқрори усулҳои асосии ҳуқуқи байналхалқӣ ҳамчун кафили танзими баҳсу ихтилофи байни кишварҳо ҳамоҳанг мебошад. Аз ин рӯ, ВКХ зимни пешбурди музокирот оид ба имзои асноди муҳимми байнидавлатӣ, маъмулан ба замимаи муқаррарот оид ба эҳтиром ва риояи меъёрҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналхалқӣ исрор менамуд.

---

[1] Токаев, К.Т. Внешняя политика Республики Казахстан в период становления нового мирового порядка [Текст]: дисс... д-ра полит. наук / Токаев Касым-Жомарт Кемелевич. – М., 2001. – С.92.
[2] Токаев, К.Т. Внешняя политика Республики Казахстан в период становления нового мирового порядка [Текст]: дисс... д-ра полит. наук / Токаев Касым-Жомарт Кемелевич. – М., 2001. – С.58.

Роҳбарияти Ҷумҳурии Қазоқистон аз он бармеояд, ки Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (минбаъд САҲА) на танҳо анҷумане барои мубоҳисаҳо мебошад, балки дар минтақаи фаъолияташ роҷеъ ба таъмини сулҳу субот, танзими низоъҳо ва ҳамоҳангии амалиёти сулҳхоҳона иқтидори бузург дорад. Дар баробари ин, созмони беназири ҷуғрофӣ аз нуқтаи назари таҳкими самаранокии фаъолият ва густариши нақши он дар ҳалли мушкилиҳои асосии рӯзномавии САҲА ба ислоҳот зарурат дорад[1].

10 октябри соли 1997 Стратегияи «Қазоқистон-2030» интишор шуд. Дар барномаи стратегӣ лоиҳаи бузурги ислоҳоту дигаргунсозӣ, дурнамои рушди даҳсолаҳои оянда муайян гардид. Дар ин қарина, ҳадафи асосии сиёсати хориҷии Қазоқистон фароҳам овардани шароити мусоиди хориҷӣ барои татбиқи муваффақонаи ин стратегия маҳсуб мегардид[2].

Барои дастёбӣ ба ин ҳадаф муҳим буд мавқеи Қазоқистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ба унвони ҷузъи ҷудонопазири он, чун кишвари тозаистиқлол усувор ва мустақил принсипҳоеро, ки Оинномаи СММ дар арсаи байналхалқӣ муайян намудааст. Дар сиёсати дохилии кишвар ҳадафи асосӣ ба таҳкими зиндагии шоистаи шаҳрвандон, суботи кишвар демократикунонии низоми иҷтимоӣ ва риояи ҳуқуқи инсон равона шудааст.

Ба ғайр аз ин, ҷаҳон дар симои Қазоқистон давлати воқеиро шинохт, ки ба қарорҳои худ, ки ба масъалаҳои калидии байналхалқӣ бахшида шудаанд, масъул мебошад. Қазоқистон инчунин барои нигоҳ доштани тартиботи ҷаҳонӣ, ҳамчун шароити зарурии мустаҳкам намудани амнияти ҷаҳонӣ масъулият нишон дод. Қазоқистон омодагии худро ҷиҳати иштироки фаъол дар пешбурди ташаббусҳои байналхалқӣ роҷеъ ба ташаккули тартиботи ҷаҳонӣ изҳор намуд, ки ба риояи принсипҳои эҳтироми соҳибихтиёрӣ,

---

[1] Гирфанов, Р.М. Внешняя политика Республики Казахстан в контексте обеспечения глобальной и региональной безопасности (политологический анализ) [Текст]: дисс... д-ра философии (PhD) 23.00.00 – политические науки / Гирфанов Ринат Марсович. – Астана, 2010. – С.53.

[2] Саримсаков, И. Баъзе аз дастовардҳои Ҷумҳурии Қазоқистон дар 30 соли истиқлоли давлатӣ [Манобеи электронӣ] / И. Саримсаков. – Низоми дастрас: https://www.osiyoavrupo.tj/index.php/mavodhoi-ilmi/maqolaho/item/1366-ba-ze-az-dastovard-oi-um-urii-azo-iston-dar-30-soli-isti-loliyati-davlat (санаи муроҷиат: 15.01.2022).

истиқлол ва тамомияти арзии кишварҳо, ҳуқуқи инсон ва волоияти қонун асос ёфтааст[1].

Аз сӯйи дигар хадамоти дипломатӣ вазифадор аст, ки тамоюлҳои муосири ҷаҳонро бар асоси манфиатҳои дарозмуддати Қазоқистон таҳлил намояд.

Амалан, ҳадаф ва вазифаҳои дипломатияи қазоқистонӣ дар ҷанбаҳои зерин ифода меёбад:

- сафарбарнамоии сармоягузориҳои бузурги кишварҳои пешрафтаи саноатии Ғарб, Осиё ва Шарқи Наздик, инчунин ниҳодҳои байналхалқии молиявӣ-иқтисодӣ ба иқтисоди Қазоқистон;
- ҷалби кишварҳои алоҳида ва созмонҳои байналхалқӣ ба хотири дастгирии Қазоқистон дар ҳалли вазифаҳои иқтисодӣ, инчунин мушкилиҳои экологӣ, пайвастан ба коммуникатсияҳои ҷаҳонӣ;
- татбиқи барномаҳо оид ба омода намудани мутахассисони қазоқ дар хориҷа вобаста ба соҳаҳои гуногуни идоракунии давлатӣ;
- иштирок ва суханронӣ намудан дар воситаҳои иттилоотӣ бо кишварҳои хориҷа ва субъектҳои байналхалқӣ оид ба масъалаҳои илмӣ-техникӣ;
- таъмини рушди устувори ҳамкорӣ бо ниҳодҳои тараққикарда дар соҳаи сиёсати хориҷӣ;
- ҳифзи манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва созмонҳои Ҷумҳурии Қазоқистон ҳангоми пешбурди робитаҳои хориҷӣ;
- вазифаи муҳимми дипломатияи иқтисодии Қазоқистон содироти маҳсулоти ватанӣ ба бозорҳои хориҷӣ, густариши робитаҳои тиҷоратӣ-иқтисодии кишвар бо шарикони хориҷӣ, истифодаи самараноки иқтидори транзитӣ, ба хотири пайвастани Қазоқистон ба низоми нақлиётӣ-

[1] Токаев, К.Т. Внешняя политика Республики Казахстан в период становления нового мирового порядка [Текст]: дисс... д-ра полит. наук / Токаев Касым-Жомарт Кемелевич. – М., 2001. – С.27.

коммуникатсионии ҷаҳонӣ, минтақавӣ ва тавсеаи он як ҷанбаи афзалиятнок дар бахши иқтисодии сиёсати хориҷӣ ба шумор меравад [1].

Кӯчонидани пойтахти кишвар ба Остона дар таърихи 10 декабри соли 1997 ба тақвияти нуфузи сиёсии Қазоқистон таъсир гузошт. Ин амал дар пешрафти Қазоқистон нақши бузург бозид, ки он дар чанд нуқта ба назар мерасид:

Якум, интиқоли пойтахт аз лиҳози геополитикӣ барои таҳкими мақоми Қазоқистон иқдоми муассир дониста мешуд. Бо ин роҳ татбиқи сиёсати хориҷии бисёрсамта ва сулҳдӯстӣ дар кишвар асоснок гардид.

Бо ин амал Қазоқистон дарҳои бози худро барои ҳамкорӣ бо Шимол ва Ҷануб, Шарқ ва Ғарб нишон дод. Он барои рушди мутавозини кишвар дар миёни кишварҳои Аврупо ва Осиё имконият фароҳам овард.

Дуюм, дар ин интихоб амният нақши муҳим дошт. Дар ин бахш пойтахти давлати мустақил бояд аз сарҳадҳои хориҷӣ дур ва бо назардошти имкониятҳо дар маркази кишвар қарор мегирифт.

Дар баробари ин, бояд тақвияти ташаннуҷҳо дар Осиёи Марказӣ, ки коршиносон дурнамои онро пешгӯйӣ мекарданд, ба инобат гирифта мешуд.

Аз ин рӯ, таъмини амнияти мақомотҳои олии идораи давлатӣ ва самаранокии фаъолияти онҳо дар шароити мураккабшавии эҳтимолии вазъи минтақавӣ муҳим арзёбӣ мешуд.

Тавре зуҳури ҳодисаҳои минбаъда дар минтақа нишон дод, ин тарсу ҳарос то андозе беасос набуданд.

Сеюм, интиқоли пойтахт аз нуқтаи назари инкишофи минбаъдаи иқтисоди Қазоқистон муфид буд[2].

Аллакай, 12 декабри соли 1997 дар пойтахти нав аввалин мулоқоти роҳбарони баъзе давлатҳо дар сатҳи олӣ баргузор гардид.

Дар пойтахти нави Ҷумҳурии Қазоқистон сарварони кишварҳо - аз Туркия Сулаймон Демирел, аз Қирғизистон Аскар Акаев, аз Тоҷикистон

---

[1] Токаев, К.Т. Внешняя политика Республики Казахстан в период становления нового мирового порядка [Текст]: дисс... д-ра полит. наук / Токаев Касым-Жомарт Кемелевич. – М., 2001. – С.31.

[2] Назарбаев, Н. В сердце Евразии [Текст] / Н. Назарбаев. – Алматы: Жибек жолы, 2010. – С.24.

Эмомалӣ Раҳмон, аз Ӯзбекистон Ислом Каримов ба хурсандии мо ҳамроҳ шудаанд.

Дар рафти машварати муштарак масъалаҳои ҳамкории минбаъдаи иқтисодӣ, ташкили фазои ягонаи бозоргонӣ дар минтақа муҳокима гардид. Президентҳо дар ҷамъомадҳои тантанавӣ бахшида ба ифтитоҳи ёдгории Хотираи қурбониёни сиёсӣ ва Рӯзи истиқлол ва муаррифии Акмола ба унвони пойтахти Ҷумҳурии Қазоқистон иштирок намуданд[1].

Баъди ба даст овардани истиқлоли кишварҳои Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи Хитой ба минтақа афзоиш ёфт. Вале барои ин кишвар масъалаи ҳифзи таъмини амният ва суботи дохилӣ заруратеро пеш меовард, ки таъсири бунёдгароёнаи исломӣ ва пантуркистон ба минтақаҳои мусулмонишин маҳдуд сохта шавад. Аз ин назар «бо тамоми қудрат ва таҳкими ҳокимияти сиёсӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ» пуштибонӣ мекард, зеро ин ҳокимият «нисбат ба пантуркизм ва бунёдгароӣ эҳтиёткор буд ва қатъиян намехост таъсири онҳо, ба раванди бунёдгароии исломӣ афзоиш ёбад»[2].

Барои Ҷумҳурии Қазоқистон низ Хитой яке аз шарики асосӣ ва самти афзалиятноки сиёсати хориҷӣ маҳсуб мегардад.

Дар баробари ин, кишварҳои минтақа дар сиёсати хориҷии Хитой нақши муҳим доранд, ки аз масоили ҳифзи субот ва тавозуни қудратҳои ғарбӣ дар минтақа маншаъ мегирад. Ин нақши муҳим қаблан бо назардошти таъмини амният дар минтақаҳои ғарбии кишвари Хитой, ҷалби он ба доираҳои иқтисодӣ ва истифодаи Синҷон дар таъсири иқтисоди минтақа алоқаманд мебошад.

Ин аст, ки Хитой яке аз аввалин давлатҳое гардид, ки соҳибистиқлолии сиёсии кишварҳои минтақаро эътироф ва бо онҳо муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуд[3].

---

[1] Назарбаев, Н. В сердце Евразии [Текст] / Н. Назарбаев. – Алматы: Жибек жолы, 2010. – С.232.

[2] Токаев, К.Т. Внешняя политика Республики Казахстан в период становления нового мирового порядка [Текст]: дисс... д-ра полит. наук / Токаев Касым-Жомарт Кемелевич. – М., 2001. – С.146.

[3] Комилов, Н. Таҳаввули сиёсати хориҷии Тоҷикистону Қазоқистон нисбат ба Чин (дар радифи лоиҳаи “Як камарбанд – як роҳ”) [Матн] / Н. Комилов, А. Шарипов // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон. – 2021. – №3 (92). – С.272.

Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим Жомар Токаев чунин қайд намуд: «Дар ҳақиқат, номафҳум ва ҳатто хандаовар буд, ки Қазоқистон ба мавқеи пешсаф дар масъалаҳои байналхалқӣ даъвогар мешуд, ки ин ба мақом ва нақши пешсафӣ он мутобиқат намекард»[1].

Агар ба таври мухтасар қайд намоем, солҳои 1991-2000 дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон як қатор ҳодисаи муҳим ба вуқӯъ пайваст, ки ба пешрафти кишвар таъсири зиёд доштанд:

1) Қазоқистон аз оғоз дар корҳои созандаи ИДМ фаъолона иштирок намуд;

2) моҳи январи соли 1992 Қазоқистон ба САҲА дохил шуд;

3) 2 марти соли 1992 Ҷумҳурии Қазоқистон ба узвияти СММ қабул гардид. Айни замон дар Қазоқистон 15 шуъбаи СММ амал менамояд;

4) Қазоқистон яке аз панҷ кишварест, ки дар бунёди СҲШ саҳмгузор мебошад;

5) имзои Созишнома дар бораи ташкили Бонки урани камғанигардонидашудаи Агентии байналхалқӣ оид ба неруи атомӣ (МАГАТЭ) дар Қазоқистон[2].

Дар Қазоқистон ду омил вуҷуд дорад, ки ба вазъи муосир дар кишвар таъсир гузоштанд. Омили якум аз он иборат мебошад, ки қазоқҳо нисбатан зуд аз ухдаи вазифаи бунёди давлати миллӣ баромаданд, яъне тамоми фишангҳои сиёсӣ, маъмурӣ, иқтисодӣ ва молиявиро ба даст гирифтанд.

Қазоқистон симои миллии худро бо тағйири номи шаҳрҳо, кӯчаҳо, майдонҳо ва ҷорӣ намудани рамзҳои миллӣ ташаккул дод. Омили дуюме, ки Қазоқистон бо он аз як қатор кишварҳои дигари пасошуравӣ фарқ мекунад, таъсири зиёди забон русӣ мебошад. Забони русӣ мисли пештара мавқеи

---

[1] Линевич, А. Многовекторная внешняя политика – веление времен [Электронный ресурс] / А. Линевич. – Режим доступа: https://camonitor.kz/31253-mnogovektornaya-vneshnyaya-politika-velenie-vremeni.html (дата обращения: 16.08.2021).

[2] Ма Ифэн. Эволюция внешней политики Республики Казахстан в период 1991-2015 [Текст] / Ифэн Ма // Человеческий капитал. – 2019. – №7 (127). – С.23.

мустаҳкам дар ҷомеаи қазоқистонӣ, чӣ байни элита ва чӣ мардуми оддӣ дорад[1].

Қазоқистон пайгирона аз чанд озмоиши таърихӣ гузашт ва дар баробари ин асолати миллии худро (тавассути низоми ҳокимият) ҳифз намуд.

Ин дастовард дар заминаи мувофиқати қавмӣ-миллӣ ва эҳёи мероси созандаи иҷтимоии низоми шуравӣ ҳосил гардид.

Қазоқистон тавонист тавозуни манфиатҳои байни қувваҳои геополитикии манфиатдорро аз як ҷониб, ва тавозуни байни бозингарони хориҷӣ ва манфиатҳои миллии кишварро, аз ҷониби дигар, дарёфт намояд. Ба ғайр аз ин, тавозун байни элитаҳо ва оммаи васеи аҳолӣ ба даст омад, ки саҳми худро дар бойигарии миллӣ соҳиб гардиданд[2].

Дар рушди иқтисоди Қазоқистон сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ нақши бузургро бозиданд. Аз соли 1993 то 2000-ум дар кишвар ба маблағи 14,7 миллиард доллари ИМА сармояҳои мустақими хориҷӣ ҷалб шуд, ки тақрибан ба сеяки сармоягузориҳои хориҷӣ дар кишварҳои ИДМ ва тақрибан 80 дарсади кишварҳои Осиёи Марказӣ баробар буд[3].

Ҳангоми ҳар як боздидаш Нурсултон Назарбоев ҳатман, дар радифи роҳбарони кишварҳо бо намояндагони доираҳои корӣ мулоқот менамуд. Мақсади чунин мулоқотҳо ба ҷалби таваҷҷуҳи сармоягузорон ба иқтисоди Қазоқистон ва захираҳои эҳтимолии он равона шуда буд.

Қазоқистон, баъди ба даст овардани истиқлол дар соли 1991, дар марҳалаи кӯтоҳи таърихӣ тавонист, ки дар саҳнаи байналхалқӣ мавқеи нисбатан устуворро ба даст орад, ки ба он як қатор омилҳои айнӣ ва зеҳнӣ таъсир гузоштанд. Дар муқоиса бо дигар давлатҳои узви ИДМ, Ҷумҳурии Қазоқистон тавонист аз оғози моҷароҳои бузурги қавмӣ ва мазҳабӣ пешгирӣ

---

[1] Лаумулин, М.Т. К вопросу о формирования постсоветской государственности в Средней (Центральной) Азии [Текст] / М.Т. Лаумулин // Контуры глобальных трансформаций. – 2016. – Вып.5. – Т.9. – С.100.

[2] Лаумулин, М.Т. К вопросу о формирования постсоветской государственности в Средней (Центральной) Азии [Текст] / М.Т. Лаумулин // Контуры глобальных трансформаций. – 2016. – Вып.5. – Т.9. – С.103.

[3] Десять лет, равные столетию [Текст]: выступление Н.Назарбаева на Торжественном собрании, посвященном 10-летию независимости РК. – Алматы: Атамура, 2001. – С.72.

намояд. Бисёрмиллатӣ ва бисёрмазҳабӣ барои ҷомеаи Қазоқистон на қудрати нотавонӣ, балки афзалияти миллӣ ва қавмии кишвар дониста мешавад[1].

Лозим ба ёдоварист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон ҷиҳати амалисозии ҳадафҳои интихобгардидаи сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ комёб шуда, барои бардавом нигоҳ доштани сулҳу ваҳдати миллӣ, пешгирӣ аз муқовиматҳои байниқавмӣ, касби мақоми муносиб дар арсаи байналхалқӣ даст ёфт. Ташаббусҳои байналмилалии президентҳои ҳар ду давлат дар Маҷмааи умумии СММ – ташаббуси эҷоди камарбанди амниятии Афғонистон дар асоси ҷаласаи 53-юми созмон, раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи 54-уми созмон барои истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон; даъвати МҲТБО зимни ҷаласаи 47-уми созмон, дасткашӣ аз захираи ҳастаӣ ва мулоқоти аввалин роҳбарони мақомотҳои сиёсати хориҷии кишварҳои – иштирокчии МҲБТО (14 сентябри соли 1999 дар Алмаато) ва имзои «Эъломияи Алмаато оид ба усулҳои танзимкунандаи муносибатҳо байни кишварҳои аъзо шаҳодати гуфтаҳои болоянд»[2].

Дар заминаи таҳлили моҳияти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон дар охири асри XX чунин хулосабарорӣ намуд, ки новобаста аз вазъияти мураккаби ҷаҳон ҷиҳати рушди истиқлоли миллӣ, бӯҳрони шадиди иқтисодӣ ва фалаҷ гаштани сохторҳои рушди ҳамкориҳои мутақобила дар фазои пасошуравӣ ба Қазоқистон муяссар гардид, ки асосҳои мустаҳками давлатдории худро ташкил карда, самтҳои асосии сиёсати хориҷии худро муайян намояд.

Дар марҳалаи кӯтоҳи таърихӣ бо талошҳои Нурсултон Назарбоев дар бахши сиёсати хориҷӣ, мақомоти дипломатӣ вазифаи муҳимми таърихиро иҷро намуданд - дар атрофи кишвар камарбанди амниятӣ, фазои накуҳамсоягӣ ва дӯстӣ ташаккул ёфт, ки бар пояи санадҳои ҳуқуқӣ байналхалқӣ устувор буданд.

---

[1] Деловарова, Л.Ф. Некоторые теоретические аспекты многовекторности [Электронный ресурс] / Л.Ф. Деловарова. – Режим доступа: https://articlekz. com/article/7012 (дата обращения: 26.09.2021).

[2] Комилов, Н. Ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар охири асри XX [Матн] / Н. Комилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №7. – С.6-42.

Ҳамин тариқ, аз боби аввали таҳқиқи илмӣ, ки «Истиқлоли давлатӣ: замина ва марҳалаҳои ташаккули дипломатияи бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон» ном гирифтааст, чунин натиҷагирӣ намуд. Дар марҳалаи аввал рушди сиёсати хориҷӣ (солҳои 1991-2000) афзалиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон ҳамчун воситаи мустаҳкам намудани ниҳоди давлатдории миллӣ, таъмини сулҳу амният ва дарёфти мавқеи хосса дар арсаи ҷаҳонӣ муайян гардида, тамоми талоши кишварҳо барои дастёбӣ ба онҳо равона гашта буд.

Самти асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон таҳкими ҳамкорӣ бо фазои пасошуравӣ ва Русия ба роҳ монда шуда буд, вале бинобар зарурати амалинамоии ислоҳоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ва Қазоқистон, ҳалли масъалаҳои марбут ба қатъи ҷанги шаҳрвандӣ ва ҳалли масъалаи захираи ҳастаӣ, буҳрони дохилии сиёсӣ ва иқтисодии Русия, пешбурди ҳамкориҳои мутақобила бо кишварҳои ҷомеаи ҷаҳон, пайдо намудани мавқеи муносиб дар ҷаҳони муосир, эълони сиёсати «дарҳои кушода»-и Тоҷикистон ва сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Қазоқистон ба хотири ҷалб гардидани сармояҳои бузурги хориҷӣ, беҳтар намудани вазъи иҷтимоии шаҳрвандон ва муҳайё гардидани манфиатҳои миллии ҳар ду давлат ба вуҷуд омад.

Моҳият ва натиҷаи асосии дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастёбӣ ба сулҳу ризояти миллӣ дар дохили кишвар буд ва ба Ҷумҳурии Қазоқистон муяссар шуд, ки аз ташаннуҷи дохилӣ пешгирӣ намояд ва заминаи ташаккули ҷомеаи бисёрмиллиро дар асоси арзишҳои умумӣ фароҳам орад.

Раванди муштараки дигари рушди кишварҳо дар марҳалаи аввали истиқлоли сиёсӣ ин таҳкими давлатдории миллӣ мебошад, ки бо ташаббуси бевоситаи сарварони ҳар ду давлат – Эмомалӣ Раҳмон ва Нурсултон Назарбоев сурат гирифт.

Махсусан, нақши муҳим ва мушаххаси Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва аввалин Президенти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев

ҳамчунин Президенти кунунии Қазоқистон Қосим Жомар Токаев нахустин ҳадафҳои муваффақшудаи сарони кишварҳо сар соҳаи сиёсати хориҷӣ ва дақиқ намудани самтҳои афзалиятноки он таваҷҷуҳ ба масъалаҳои ҷаҳонӣ ва ташаббусҳои мақсаднок дар ин самт сабаби асосии ташаккули сиёсати хориҷии ҳар ду кишвар дар охири асри XX ва заминаи устувори рушди сиёсати хориҷии бисёрсамта дар ҳазораи навин гардиданд.

# БОБИ II. ТАҲАВВУЛИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚАЗОҚИСТОН ДАР ИБТИДОИ АСРИ XXI (солҳои 2001-2015)

## 2.1. Зарурати ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон дар ибтидои ҳазораи сеюм

Сиёсати хориҷии Қазоқистон аслан баъди касби истиқлоли сиёсӣ рушд намуда, интихоби сиёсати хориҷии бисёрсамта ҳадафи муайян ва мақсадноки кишвар дар самти ҳамкорӣ бо мамлакатҳои ҷаҳон ва тақвияти сиёсати хориҷӣ маҳсуб мегардид. Дар интиҳои солҳои 90-уми асри XX ва оғози асри XXI зиёдшавии ниҳодҳои нави бузурги ҷаҳонӣ ба назар мерасид. Омили таҳкимбахши нуфузи аксари ин кишварҳо бо тақвияти иқтидори иқтисодии онҳо вобаста буд. Аз ҷониби дигар, афзоиши нақши бозингарони ғайрианъанавӣ - созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ возеҳ сохт, ки ниҳодҳои фаромиллӣ ба саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ ворид гаштанд.

Инчунин, дар муқобили ҷаҳонишавӣ дар ҳавзаҳои гуногун раванди минтақагароӣ ва ҳамгироӣ вусъат гирифт.

Тавре Пешвои миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ соли 2002 таъкид намуда буд: «Дар охири асри XX ва оғози асри XXI андозаву миқёси хатарҳои бузурги умумибашарӣ ба ҷойи коҳиш ёфтан зиёд шуда истодаанд, ки дар афзоиши истеҳсол ва ихтирои мудҳиштарин яроқҳои ядроӣ ва дигар воситаҳои қатли ом – таҷҳизоти радиоактивӣ, биологӣ, химиявӣ, мунокишаҳои минтақавӣ дар заминаи ихтилофоти динию мазҳабӣ, зиддиятҳои қавмию нажодӣ, тамоюлҳои ғоявӣ, талошҳои ошкору ниҳон барои соҳиб шудани захираҳои сӯзишворию ашёи хом, тақсимоти нави бозори ҷаҳонӣ инъикос меёбад[1]

Зиёда аз он мавқеи устувори минтақавӣ ва ҷаҳонӣ пайдо намудани терроризми байналхалқӣ, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва қочоқи яроқ, ҷинояткориҳои муташаккил, ҳамчунин паҳншавии ғояҳои зуроварӣ, тарғиботи зарароварии мазҳабию идеологӣ ва роҳ ёфтани

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.04.2002 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.president.tj/node/6694 (санаи муроҷиат:11.10.2021).

онҳо ба воситаҳои иттилооти омма ва хатари зиёд шудани фарқият миёни давлатҳои бой ва камбағал дар миқёси ҷаҳон мебошад, ки натиҷаи он афзоиши рӯзафзуни аҳолӣ ва аз назорат берун мондани он маҳсуб мегардад»[1].

Дар чунин вазъият яке аз нуқтаҳои калидии Авруосиё ин Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад, ки бо дарназардошти иқтидори табиӣ ва мавқеи ҷуғрофӣ ба саҳнаи фаъоли сиёсати ҷаҳонӣ ворид гардид. Минтақа бо захираҳои бузурги манбаъҳои истеҳсолкунандаи нерӯ, манбаъҳои маъданӣ ва вазъи беҳтари ҳамлу нақли хубтар аз замони пеш ба нуқтаи бархӯрди манфиатҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ ба бозигарони бузурги сиёсати ҷаҳонӣ табдил гардиданд.

Ба андешаи Ҳелфред мак Киндер Осиёи Марказӣ бахше аз қалби Авруосиё (Ҳертленд)-ро ташкил медиҳад ва «касе, ки «Ҳертленд»-ро назорат мекунад, ӯ Авруосиёро назорат мекунад ва касе, ки Аруосиёро назорат мекунад, ба тамоми ҷаҳон назорати худро барқарор менамояд»[2].

Дар оғози асри XXI ҷаҳонро тағйиротҳои куллӣ фаро гирифт, ки дар натиҷаи он муайян гардидани низоми бисёрқутбӣ пайдо гардида, онҳоро тамоми кишварҳо пушти сар менамоянд. Дар марҳалаи кунунии ҷаҳони муосир таҳаввулоте, ки дар кишварҳо ба амал омада буд, ҳамчунин тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавиро тобеи худ намуд[3].

Маҳз дар ҳамин марҳала зуҳури тамоюлоти нав ба болоравии нақши минтақа мусоидат намуданд. Бо назардошти тағйироти бунёдӣ дар муносибатҳои байналхалқӣ, нақши омили иқтисодӣ, болоравии арзиши маводи сӯхт, мавқеи ҷуғрофӣ ва иқтидори транзитии минтақа, таваҷҷуҳи қудратҳои ҷаҳониро ба Осиёи Марказӣ бештар намуд.

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.04.2002 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.president.tj/node/6694 (санаи муроҷиат:11.10.2021).

[2] Сайидзода, З.Ш. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Ш. Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С.23.

[3] Пешвои миллат ва дастовардҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар даврони истиқлол. Мулоҳизаҳои Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: https://khovar.tj/2020/09/peshvoi-millat-va-dastovard-oi-siyosati-hori-ii-to-ikiston-dar-davroni-isti-lol-mulo-iza-oi-vaziri-kor-oi-hori-ii-um-urii-to-ikiston-siro-iddin-mu-riddin/ (санаи муроҷиат: 01.12.2021).

Осиёи Марказӣ дар сарҳади се тамаддуни бузург, таърихи мураккаб ва таркиби қавмӣ-динии гуногунранге дорад, ки дар консепсияҳои Хантингтон аксар вакт ба унвони минтақаи бузурги «қуттии борут» ёдоварӣ мегардад[1].

Вуҷуд доштани захираҳои табиӣ ва мавқеи мусоиди коммуникатсионӣ – транзитии кишвар давлатҳои қудратманди ҷаҳонро ҳарчи зиёддтар ба худ ҷалб месозад. Ҳамчунин, ҷиҳати эҳёи рақобатҳо дар минтақа замина ба вуҷуд меорад, ки он «Бозии нави бузург» ном гирифтааст.

Аҳамияти геополитикии Осиёи Марказӣ ва Афғонистон боис шудааст, ки онҳо ҳамеша мавзуи омӯзиш ва таваҷҷуҳи қудратҳои ҷаҳонӣ ва дар тӯли таърих даҳҳо бор мавриди ҳамлаи берунӣ қарор гиранд. Мисоли равшани чунин таъсиргузории амниятию сиёсӣ таъсири амалиёти эътилофи байналмилалии зиддитеррористӣ дар Афғонистон бар вазъият ва сарнавишти Осиёи Марказӣ мебошад[2].

Ҳангоми сар задани амалиётҳои зиддитеррористӣ дар кишвари ба мо ҳамсоя Афғонистон баъд аз ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001 вазъи геополитикии минтақа дигаргун гашта, вазъияти нави ҳарбӣ-сиёсӣ дар Осиёи Марказиро ба вуҷуд овард, ки дар рафти он коҳиши мавқеи Русия дар якчанд самт ба назар расид:

1) Русия минбаъд дар минтақа нерӯи пешсаф ба шумор намерафт, зеро ИМА нуфузи худро тавассути ҳузури ҳарбӣ-сиёсӣ густариш медод;

2) ИМА ҳарчи бештар ба унвони кафили инкишофи иқтисодӣ ва пешрафти минтақа даъво дорад, ки пештар ба Русия тааллуқ дошт;

3) ҳузури низомии Амрико дар минтақа равобити ҷонибҳоро дар самти ҳамоҳангсозии амали қувваҳои дастаҷамъонаи зудамал ба мушкилӣ мувоҷеҳ сохт;

---

[1] Шаймергенов, Т.Т. Центральная Азия 2027 [Текст]: меняющийся стратегический ландшафт. Вероятные сценарии на 10 лет вперед / Т.Т. Шаймергенов, М.А. Абишева, А.Ж. Рахимжанова и др. – Астана: Издательство Библиотеки Первого Президента РК-Елбасы, 2017. – С.7.

[2] Раҳнамо, А. Афғонистон ва Осиёи Марказӣ [Матн]: хусусиятҳо ва дурнамои таъсирпазирӣ / А. Раҳнамо. – Душанбе, 2014. – С.25.

4) ИМА дар як муддати нисбатан кӯтоҳ барои эъмори нуфузи худ дар минтақа харҷҳои қобили мулоҳиза кард, ки Русия тавоноии чунин корро надошт[1].

Аз ин рӯ, масъалаи амнияти хориҷӣ шиддат гирифт. Новобаста аз амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон, таҳдиди терроризми байналхалқӣ ҳамоно побарҷост.

Осиёи Марказӣ, бинобар омилҳои айнӣ ва зеҳнӣ дар меҳвари ин масъалаҳо қарор гирифт. Сабабҳои паҳншавии терроризм дар минтақа шартан ба хориҷӣ ва дохилӣ ҷудо мегарданд. Ба омилҳои хориҷӣ метавон чунин масъалаҳоро, аз қабили қазияҳои минтақавӣ (Афғонистон, Кашмир, Қафқози Шимолӣ, Навоҳии мухтори Синзян - Уйғури Ҷумҳурии Халқии Хитой), қочоқи маводи мухаддир, зиддият дар манфиатҳои қудратҳои пешбар, мавҷудияти ихтилофҳои байнидавлатӣ ворид намуд[2].

Падидаҳои нави асри XXI ҷанбаҳои хеле пуртазод дорад. Истифодаи ҷанбаҳои мусбат ба рушди кишварҳои минтақа мусоидат менамояд. Падидаҳое, аз қабили мушкилиҳои фаромарзӣ, терроризми байналмилалӣ, ифротгароии сиёсӣ ва динӣ, ҷиноятҳои муташаккил, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва аслиҳа ба суботи тамоми тартиботи ҷаҳонӣ таъсири ногувор доранд. Аз ин рӯ, таҳкими амнияти миллӣ дар алоҳидагӣ барои кишварҳои минтақа манфиатовар нест, зеро чолишҳо ва таҳдидҳо дар ҳоли васеъ шудани миқёси худ ба тамоми сайёра таҳдид менамояд.

Пас аз амалҳои террористии 11 сентябри соли 2001 терроризм миқёси ҷаҳонӣ пайдо кард, ҳарчанд то он лаҳза ҷинояти миллӣ ё минтақавӣ маҳсуб мешуд, айни замон ба яке аз омилҳои таъсиргузори ҳаёти ҷамъиятӣ табдил ёфтааст[3].

---

[1] Русия, Китай и США в Центральной Азии: баланс интересов и возможности сотрудничества. Доклад международного дискуссионного клуба «Валдай», сентябрь 2016. – С.4. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: www.valdaiclub.com (дата обращения: 28.20.2018).

[2] Основные черты внешней политики Казахстана [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.kazportal.kz/osnovnyie-chertyi-vneshney-politiki-kazahstana/ (дата обращения: 05.10.2021).

[3] Мирзоева, Ф.Б. Влияние геополитических факторов на безопасность государств Центральной Азии в конце XX - начале XXI вв. [Текст]: дисс... канд. истор. наук / Мирзоева Фарангис Бадриддиновна. – Душанбе, 2021. – С.130.

Шароити нави байналхалқӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҳкими амнияти миллии кишвар ҳар чӣ бештар бо масъалаҳои амнияти минтақавӣ пайвастагӣ дорад.

Аз ин рӯ, барои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шароити бархӯрди манфиатҳои геополитикии кишварҳои абарқудрат дар минтақа, пеш аз ҳама ташхиси маҷрои тақдири ояндаи худ зарур буда, барои пешгирӣ аз вобастагии амиқи қудратҳои ҷаҳонӣ ва аз ҳама муҳим табдил наёфтан ба майдони рақобат ва бархӯрди манфиатҳои онҳо ба пешбурди сиёсати бисёрсамта оғоз намоянд.

Маҳз дар Паёми соли 2002 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳор дошт, ки «Тоҷикистон бояд дар низоми нави рушдкунандаи муносибатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷойгоҳи ба худ муносибро ишғол намояд. Зеро Тоҷикистон ҳам аз нигоҳи мавқеи ҷуғрофӣ ва ҳам аз лиҳози геополитикӣ дар чорсӯйи бархӯрди манфиатҳои давлатҳои абарқудрат ва низомҳои мухталифи сиёсию идеологӣ мавқеъ гирифтааст. Дар натиҷаи амалҳои террористӣ дар ИМА ва оғози амалиёти зиддитеррористии байналхалқӣ дар Афғонистон таваҷҷуҳи малакатҳои ҷаҳон ба кишвари мо хеле зиёд гардид»[1].

Маъмулан, аҳамияти минтақа дар таҳқиқоти хориҷӣ аз назари вуҷуди захираи бузурги энергетикӣ ва табиӣ дар қаъри он мушаххас мешавад. Новобаста аз ин, бинобар болоравии иқтисоди Хитой, коҳиши рақобати идеологӣ байни Шарқ ва Ғарб, баланд рафтани омили иқтисодӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ аҳамияти минтақа ҳамчун нуқтаи пайвандкунандаи қитъаҳо боло рафт. Аммо чун Осиёи Марказӣ дастрасии мустақим ба роҳҳои баҳрӣ надорад, ба вобастагии нақлиётиву транзитӣ ва сарҳадии дигар давлатҳо маҳкум аст. Дар чунин ҳолат зарурати ҳамгироии минтақавӣ, сиёсати мутавозин бо қудратҳои ҷаҳонӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ пеш меояд.

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.04.2002 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.president.tj/node/6694 (санаи муроҷиат:11.10.2021).

Аз ин рӯ, дарки нисбатан амиқи равандҳои дар ин зернизоми минтақавӣ ҷараёндошта ба инобат гирифтани махсусият ва моҳияти сиёсати ҳам иштирокчиёни он ва ҳам бозингарони хориҷиро тақозо менамояд. Дар чунин ҳолат барои кишварҳои Осиёи Марказӣ – Тоҷикистон ҳамчун кишвари дар ҳамсоягии Афғонистон қарордошта ва Қазоқистон – пайвандкунандаи Шарқ ва Ғарб тавассути ҳудуди паҳноварaш зарурати таҳияи консепсияи санҷидашудаи сиёсати хориҷӣ бо дарназардошти тамоми омилҳои болозикр ва татбиқи сиёсати воқеъбинона возеҳ мегардад[1].

Новобаста аз он, ки самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони аввали истиқлол муайян гардида буданд, бояд ёдовар шуд, ки дар шакли пурра сиёсати хориҷӣ соли 2002 дар асоси Паёмҳои солонаи Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олӣ солҳои 2001 ва 2002 рушд намуд[2].

Бояд қайд намуд, дар соҳаи сиёсати хориҷии ҳар як кишвари мустақил махсусият ва бартариҳое вуҷуд доранд, ки боиси муаррифии кишвар дар муносибатҳои байналмилалӣ мегарданд. Барқарор, рушд ва такомули робитаҳои дипломатӣ ва ҳамгироии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои узви ИДМ яке аз самтҳои муваффақи сиёсати хориҷии кишвар мебошад.

Дар Паёми соли 2001 аввалин маротиба дар баробари афзалияти ҳамкорӣ бо шарикони анъанавӣ, пеш аз ҳама Русия ва кишварҳои минтақа, зарурати роҳандозии сиёсати фаъоли хориҷӣ ва таҳияи Консепсияи сиёсати хориҷӣ таъкид гардид[3].

Дар баробари татбиқи сиёсати фаъоли хориҷӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон идомаи пешбурди сиёсати санҷидаи хориҷӣ ва тақвияти

---

[1] Комилов, Н. Натиҷа ва дастовардҳои самти нави сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон оғози асри XXI [Матн] / Н. Комилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – №5. – С.69-78.

[2] Комилова, Х.Г. Республика Таджикистан в системе международных отношений и геополитических координат в условиях нового мирового порядка (региональный формат) [Текст]: дисс. д-ра истор. наук / Комилова Хосият Гуфроновна. – Душанбе, 2021. – С.116.

[3] Паём ба Аъзои Маҷлиси Миллӣ ва вакилони Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30.04.2001 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.president.tj/node/15126 (санаи муроҷиат: 12.04.2021).

муносибат бо кишварҳои ҳамҷавор ва минтақа зарур буд. Дар ҳолати муайян кардани паҳлуҳои асосии сиёсати берунии мамлакат, бартарии мақсадҳо ва ташаббускориҳо дар сатҳи байналмилалӣ лозим мебошад, фоида ё зараре, ки дар доираҳои номбурда дорем ва ё мехоҳем дошта бошем ба муқобили хамдигар намонем. Албатта мо ба он ҳавзаҳое дохил шудаем, ки расму одатҳои минтақавӣ доранд ва мо бояд сиёсати минтақавиро доро бошем вале ба амалҳое, ки минтақагароиро ба вуҷуд меранд, роҳ надиҳем, ки он боиси ноороми ва тафриқаҷӯйиҳои нохуши дохилӣ мегардад[1].

Бо ташаббус ва ҳидоятҳои Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 24.09.2002 ҷиҳати ба танзим даровардани самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ ва мушаххас намудани афзалиятҳои он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи сиёсати хориҷӣ» қабул гардид.

Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатҳои самти сиёсати хориҷии халқи тоҷикро дар замони муосир ва оянда чунин муайян намудааст:

- Ҳифз ва таҳкими истиқлоли давлатӣ, тамомияти марзӣ, амнияти миллӣ, истиқлоли сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар;
- Таҳкими эътидоли сиёсӣ ва оштии миллӣ;
- Ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ, шараф ва манфиати шаҳрвандон дар дохили кишвар ва берун аз он;
- Ташаккули камарбанди ҳамсоягии нек дар марзҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
- Инкишофи муносибатҳои боэътимод, дӯстона ва ҳамкориҳои
- мутақобилан судманди кишварҳо;
- Таҳкими имиҷи мусбати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳон.
- Мусоидат ба ҷомеаҳои тоҷикӣ дар кишварҳои дигар дар чаҳорчӯбаи

[1] Сайидзода, З. Мафҳумҳои бунёдии назариёти сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон [Матн] / З. Сайидзода, П. Давлатзода, А. Даминова. – Душанбе: Контраст, 2018. – С.181.

муқаррарнамудаи қонунгузории онҳо[1].

Дар баробари ин, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун «Дар бораи хизмати дипломатӣ»-ро қабул кард. Ин санадҳо аввалин пояҳои консептуалӣ дар соҳаи сиёсати хориҷӣ мебошанд. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон санади муҳимми сиёсӣ дар самти сиёсати хориҷӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он низоми мушаххас оид ба самтҳои аввалиндараҷа ва афзалиятҳои робитаҳои байналмилалии давлат инъикос гардидааст[2].

Мусоидат намудан ба эҷоди камарбанди эътимоду боварӣ, таъмини амният дар сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи ташаккули мустаҳками сохторҳои давлатӣ, ҳамкориҳои судманд бо давлатҳои ҳамсарҳад, густариши роҳҳои сиёсӣ, дипломатӣ ва ҳуқуқи байналхалқӣ ба монанди ташаббусҳои дипломатӣ барои ҳар чи зудтар бартараф намудани мушкилиҳои замони муосир ва таҳдиди хатарҳо дар минтақа нақши созгор доранд[3].

Робитаҳои байнидавлатӣ ва таҳаввули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии байналхалқӣ ва санадҳои миллӣ бо назардошти манфиатҳои сиёсии кишвар, пурзур намудани робитаҳои дӯстӣ байни кишварҳои ҳамсоя, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, ташаккули мунтазами сохторҳои давлатии дорои салоҳияти амалинамоии сиёсати хориҷӣ, эҳтиром ва ҳимояи манфиатҳои мутақобила роҳандозӣ шудааст.

Солҳои аввали асри XXI барои ташаккули сиёсати хориҷӣ Тоҷикистон марҳалаи бисёр муҳим шуморида мешавад. Зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олӣ соли 2002 Президенти кишвар чунин қайд намуд:

«Дар паёми соли гузашта масъулин вазифадор гардида буд, ки лоиҳаи Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти таҳкими

---

[1] Назаров, Т. Дипломатияи муосири тоҷик [Матн] / Т. Назаров, А. Сатторзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. – С.67.

[2] Комилова, Х.Г. Республика Таджикистан в системе международных отношений и геополитических координат в условиях нового мирового порядка (региональный формат) [Текст]: дисс. д-ра истор. наук / Комилова Хосият Гуфроновна. – Душанбе, 2021. – С.116.

[3] Сайидзода, З.Ш. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Ш. Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С.63.

манфиатҳои дохиливу хориҷӣ, таҳия карда шавад. Акнун лоиҳаи омодашудаи он бо назардошти воқеияти имрӯза ва дурнамои пешомадҳо дар муҳлати кӯтоҳтарин таҷдид гардид»[1].

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тамоми кишварҳои ҷаҳон дар вазъияте мебошад, ки ҷаҳонишавӣ ба раванди ҳокими таҳаввулоти ҷаҳон табдил ёфтааст. Ин вазъият рушди сиёсати хориҷии кишварҳо ва робитаҳои иқтисодиву техникӣ дар байни давлатҳо шароити мусоидро фароҳам меорад. Ҳамчунин сабаби бад шудани робитаҳо дар соҳаи сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ахлоқӣ, афзудани нобаробариҳои иҷтимоии аҳолӣ ва авҷ гирифтани бухрони маънавӣ дар ҷаҳони муосир гардид.

Дар чунин шароит сиёсати хориҷии кишвар бояд муҳтаво ва моҳияти амалгарою воқеъбинона дошта бошад, барои дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои миллии кишвар шароит фароҳам орад[2].

Сиёсати хориҷии бисёрсамта дар муносибатҳои байналхалқӣ яке аз механизмҳои калидии ҳалли як қатор мушкилот, пеш аз ҳама масъалаҳои амнияти байналхалқӣ ва минтақавӣ мебошад. Масалан, истифодаи бисёрҷонибаи механизмҳо як воситаи танзими низоъҳо дар дипломатияи пешгирикунанда гардид. Истифодаи равишҳои бисёрҷониба – инчунин воситаи ҳифзи тавозунҳои гуногун – иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ ва ғайра мебошад. Истифодаи равишҳое, ки ба бисёрҷонибагӣ ва усулҳои ҳамкории амният асос ёфтаанд, ба таври амалӣ дар зуҳури ниҳодҳои нави созмонҳои байналхалқӣ ва мақомотҳои сиёсати миллии хориҷӣ зоҳир мешаванд, ки барои пешбурди равандҳои бисёрҷониба масъул мебошанд. Тавре амалияи байналхалқӣ шаҳодат медиҳад, барои теъдоди зиёди кишварҳои хурд иштирок дар созмонҳои бисёрҷонибаи мухталиф (вазоифӣ, минтақавӣ ва ғ.) василаи бунёдӣ ба шумор меравад.

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.04.2002 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.president.tj/node/6694 (санаи муроҷиат:11.10.2021).

[2] Пешвои миллат ва дастовардҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар даврони истиқлол. Мулоҳизаҳои Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: https://khovar.tj/2020/09/peshvoi-millat-va-dastovard-oi-siyosati-hori-ii-to-ikiston-dar-davroni-isti-lol-mulo-iza-oi-vaziri-kor-oi-hori-ii-um-urii-to-ikiston-siro-iddin-mu-riddin/ (санаи муроҷиат: 01.12.2021).

Ҳамин тариқ, роҳи мустаҳкам кардани амният ва субот дар Осиёи Марказӣ ба маънои васеъ тавассути инкишофи механизму сохторҳои бисёрҷонибаи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ (САҲА, СААД) ва ҳамзамон, бо мустаҳкам кардани шабакаи алоқаҳои байни якдигарии онҳо мегузарад[1]

Дар баробари ин, зуҳури хатарҳои муосири ғайримуқаррарӣ ва таҳдидҳои ҷониби Афғонистон дар шароити иқтидори кофӣ надоштани ҳар як кишвари миллӣ барои бартараф сохтани хатарҳои муосир зарурати ҳамоҳангсозии амалҳои муштараки кишварҳои минтақа, созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ пеш меояд, ки татбиқи ин ҳадафҳо то андозае аз пешбурди сиёсати воқеъбинона ва дурусти хориҷӣ вобаста мебошад.

Ҷалб намудани ниҳодҳои дахлдор ва кӯшишҳои мунтазами мақсадноки кишварҳо оид ба вазъи амалҳои зиддитеррористӣ дар Афғонистон, ки баъд аз сар задани воқеаҳои фоҷиабор дар ИМА (11 сентябри соли 2001) амалӣ гардонида шуд, аз нақши моҳиятан судманд ва созандаи мамлакатҳои аъзои ААД дар самти мубориза бо терроризми байналхалқӣ ва зуҳури амалҳои ифротгароӣ гувоҳӣ дод. Аллакай, 12 сентябр Раиси Шурои амнияти дастаҷамъӣ Р.С. Кочарян аз номи кишварҳои узви Аҳднома дар Изҳороти махсус таъкид сохт, ки «Таъмини муқобилияти самаранок бо терроризми байналхалқӣ метавонад, танҳо тавассути ақли солим ва пешбурди амалҳои дастаҷамъӣ сурат гирад. Ин мавқеи усулии кишварҳои узви ААД мебошад, ки дар меҳвари фаъолияти худ маҳз мубориза бо терроризми байналхалқиро гузоштаанд. Дар баробари ҳифзи манфиатҳои ҳаётӣ, иштирокчиёни Аҳднома талошҳои худро ҷузъи аз ҳамкории судманди байналхалқӣ дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳон медонанд, ки дар асоси принсипҳои СММ ва меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ сурат гирифт[2].

---

[1] Гирфанов, Р.М. Внешняя политика Республики Казахстан в контексте обеспечения глобальной и региональной безопасности (политологический анализ) [Текст]: дисс... д-ра философии (PhD) 23.00.00 – политические науки / Гирфанов Ринат Марсович. – Астана, 2010. – С.126.

[2] Гирфанов, Р.М. Внешняя политика Республики Казахстан в контексте обеспечения глобальной и региональной безопасности (политологический анализ) [Текст]: дисс... д-ра философии (PhD) 23.00.00 – политические науки / Гирфанов Ринат Марсович. – Астана, 2010. – С.111.

СААД вокуниши ИДМ дар баробари зуҳури ташаннуҷи масъалаҳои терроризми байналхалқӣ ва экстремизми динӣ гардид. Низоъангезӣ дар Осиёи Марказӣ ва ҷанги Афғонистон омилҳои калидии инкишофи созмон мебошад. Созмон кишварҳоро дар атрофи вазифаи муштараки таъмини амният ва субот муттаҳид намуд.

Маҳз бо дарназардошти сабабҳои объективии афзоиши терроризми байналхалқӣ, экстремизм, қочоқи маводи мухаддир ва таҳдиди ҳуҷуми кишварҳои хориҷӣ СААД фишанги воқеии муҳофизати амният ва тамомияти арзии иштирокчиёни он гардид. Соли 2002 марҳалаи таҳкими созмон, ҳамчун иштирокдори комилҳуқуқи равандҳои ҳарбӣ-сиёсии байналхалқӣ гардид. Вале вазифаҳо ва масъулияти оинномавии он моҳияти минтақавии онро возеҳ сохтанд.

СААД 7 октябри соли 2002 дар шаҳри Кишинев ба унвони созмони минтақавии байналхалқӣ, мутобиқи Оинномаи Созмон ва Созишнома дар бораи мақоми ҳуқуқии СААД, ки аз ҷониби сарварони шаш кишварҳои узви ИДМ ба имзо расида буд, ташкил шуд. Асноди мазкур аз 18 сентябри соли 2003 эътибори қонунӣ пайдо намуданд.

Унсури муҳимтарини фаъолияти СААД ҳамкории ҳарбӣ аст, ки ҳадафи бунёди низоми ягона ва муассири амнияти дастаҷамъӣ пеш меравад. Раванди ташаккули низоми амнияти дастаҷамъӣ коркарди равишҳои муштараки кишварҳои узвро нисбат ба масъалаҳои калидии байналхалқӣ, муқоисаи доимӣ ва ҳамоҳангии мавқеи онҳоро доир ба масъалаҳои асосии амният дар ҷаҳон ва минтақаҳои мушаххаси масъулияти СААД пешбинӣ менамояд. Дар баробари ин, зимни амалҳои муштарак доир ба пешгирии таҳдидҳои ҳарбӣ кишварҳои узви СААД ба тадбирҳои сиёсӣ афзалият медиҳанд.

Бо шаклгирии ниҳоии СААД ба сифати унвони комилҳуқуқи минтақавии байналхалқӣ шароити зарурӣ барои пешрафти муассири СААД дар низоми минтақавӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ, пеш аз ҳама, дар самти таҳкими амният ва субот дар ҷаҳон фароҳам омад.

Вазъи мураккаб ва тағйирёбандаи ҷаҳон дар шароити муосир ба нақш ва мавқеи муҳимми геополитикӣ ва геостратегии кишварҳои минтақа ҷихати робитаҳои мутақобилан судманди кишварҳои соҳибистиқлол таъсир намудааст.

Дар ин шароит татбиқи сиёсати хориҷӣ ва ҳамкориҳо дар соҳаҳои мухталиф байни кишварҳои минтақа ва ҷаҳон ягона роҳи дуруст буд. Бо дарки ин вазъият Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш менамуд, робитаҳои устувор ва мустақими хориҷиро бо тамоми мамлакатҳои ҷаҳон, махсусан, бо кишварҳои минтақа амалӣ ва рушд диҳад.

Дар давраи эълон гардидани сиёсати дарҳои кушода омилҳо ва шартҳое мавҷуд буд, ки сабаби рӯ овардан ба сиёсати хориҷии бисёрсамта гардиданд:

- нақш ва мавқеи асосии ҳадафи стратегии мамлакат, ки яке аз нуқтаҳои асосии муҳити минтақаро фаро мегирад;

- таъмин ва ҳифз намудани истиқлоли давлатӣ ҳамчун василаи умеду орзуи минбаъдаи мардум барои зиндагии осоишта дар ҷаҳони зудтағйирёбанда;

- таҳкими нақши Осиёи Марказӣ дар арсаи байналхалқӣ бинобар амалҳои террористӣ дар ИМА ва оғози амалиёти зиддитеррористӣ дар кишвари ҳамсоя-Афғонистон;

- устувор мондан бар зидди тамоми таҳдиду хатарҳои ғайримаъмулӣ;

- муаррифӣ кардани анъанаҳои миллӣ, таърихӣ ва суннати тоҷикон ба кишварҳои минтақа ва ҷаҳон;

- нигоҳ доштани баробарӣ дар пешбурди сиёсати хориҷии кишвар;

Дар натиҷаи тағйири вазъи минтақа ва пешбурди сиёсати хориҷии бисёрсамта метавон ба хулосае омад, ки дар радифи рушди робитаҳои дипломатӣ бо кишварҳои ҷаҳон, аъзошавӣ ба созмонҳои бонуфузӣ байналхалқӣ ва минтақавӣ, ҳадафи аслии он барои дарёфти ҷойгоҳи муносиб дар саҳнаи ҷаҳонӣ ва муаррифии таърих, фарҳанг ва дастовардҳои кишвр дар арсаи байналхалқӣ равона шуда буданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати расидан ба ҳадафҳое, ки дар оғози рӯзҳои истиқлол – дар Муроҷиатномаи Сарвари давлат ба мардуми тоҷик эълом гашта буданд, ба хотири таъмини манфиатҳои миллӣ ва амнияти минтақавӣ, истифода намудан аз шароити мусоиди ба даст омада дар рушди соҳаи иқтисод ва татбиқи истилоҳоти он, муаррифии симои аслии миллати тоҷик дар арсаи байналхалқӣ ба амалинамоии сиёсати хориҷии бисёрсамта рӯ овард.

Бинобар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди минбаъдаи кишвар дар арсаи байналхалқӣ рӯ овардан ба сиёсати хориҷии бисёрсамтаро яке аз роҳҳои дуруст ва мустақил дар самти сиёсати хориҷӣ меҳисобад, ки он мутобиқ ба сандҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистонн мебошад. Ин навъи сиёсат, сиёсати «дарҳои кушода» ном дошта (расман 31 декабри соли 2002)[1], сиёсати сулҳҷӯёнаи беғараз ба ҳисоб рафта дар ҳолати татбиқи он Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муносибати дӯстона ва эътирофи манфиатҳои мутақобилан судманд бо кишварҳои ҷаҳон соҳиб мегардад[2].

Амалан, дар даҳаи якуми соҳибистиқлолӣ низоми сиёсати хориҷӣ ташаккул ёфт, аммо барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳо бо ҷомеаи ҷаҳонӣ стратегияи дарозмуддати ҷавобгӯ ба ниёзҳои манфиатҳои миллӣ ва эъломи махсуси принсипи равобиту ҳамкорӣ бо субъектони муносибатҳои байналмилалӣ ба миён омад. Аз ин рӯ, соли 2002 сиёсати хориҷии кишвар ҳамчун сиёсати «дарҳои кушода» эълон шуд. Сиёсати дарҳои кушода ин ҳамон робитаҳои мустақиму фарогирро бо ҷомеаи башарӣ ифода мекард.

Сабаби аввалиндараҷа ва мақсадноки эълон намудани сиёсати «дарҳои кушода» равандҳои муосири ҷаҳонӣ буд, ки дарки моҳиятан дурусти манфиатҳои миллии тоҷиконро бо талаботи ҷаҳони муосир дар ширкат ва ташаббускории фаъоли кишвар барои ҳалли мушкилиҳои муҳимтарини ҷаҳон муайян менамуд. Яъне, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди

[1] Ризоён, Ш.Ш. Национальные интересы во внешней политике Республики Таджикистан: структура и специфика [Текст]: дисс... канд. полит. наук / Ризоён Шерали Шукруллозода. – Душанбе, 2017. – С.10.
[2] Эмомали Рахмон о современном мире и основных аспектах внешней политики Республики Таджикистан [Текст] / сост.: З.Ш. Саидов (З.Ш. Сайидзода), М.Р. Камолова. – Душанбе: ООО «Контраст», 2019. – С.12.

ҷаҳонишавӣ на танҳо арзишҳои миллии худро нигоҳ медошт, балки ҳамчун субъекти фаъол дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ саҳми муносиб гузошт. Ин шакли пешбурди сиёсати хориҷӣ шароит муҳайё намуд, ки Тоҷикистон аз доираи минтақа фаротар равад ва худро ҳамчун кишвари озоду соҳибистиқлол дар баррасии мушкилиҳои ҷаҳонӣ соҳибмавқеъ ва ташаббускор нишон диҳад. Аввалин ташаббуси байналмилалии Тоҷикистон дар соли 1999 аз он гувоҳӣ медод, ки кишвари мо нисбат ба масъалаҳои ҷаҳонӣ бетараф нест ва бартарафсозии мушкилиҳои минтақа ва ҷаҳонро муҳиму зарурӣ меҳисобад, ки ташаббусҳои кишвари мо ҷавобгӯи ниёзҳои кишварҳои ҷаҳон мебошад[1].

Дар радифи арзёбӣ сиёсати бисёрсамта нисбат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ сухан гуфта, метавон тахмин намуд, ки он ҳолати муътадили сиёсати хориҷии ин кишварҳо дар шароити гузариш ба замони ҷаҳонишавӣ мебошад.

Метавон инчунин пешбинӣ намуд, ки интихоби сиёсати хориҷии бисёрсамта барои аксар ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ дар солҳои 90-ум ва минбаъд василаи ягонаи ҳифзи бақо ва эмин мондан аз ҳукмфармоии кишварҳои дигар, инчунин имконияти ба таври ниҳоӣ коҳиш додани вобастагӣ аз онҳо мебошад. Масалан, ба ақидаи коршиносони машҳур истилоҳи бисёрсамта сиёсати хориҷии мустақил, ғайритаҳмилӣ ва озод дар интихоби кишвари ҷавонро ифода менамояд. Воқеан, дар сиёсати бисёрсамта тавозун байни марказҳои мухталифи қудрати геополитикӣ ниҳон аст, ки ба Осиёи Марказӣ дар маҷмуъ таъсир менамоянд.

Лекин баъд аз чанде ба сабаби шурӯъ шудани даргириҳои дохилии кишвар, шиддат гирифтани он ва дар охир зиёдӣ шудани даргириҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ раванди шаклгирӣ ва рушди сиёсати хориҷии мамлакат ба душвориҳои зиёд дучор гардид, истиқлоли миллӣ ба мо шароит муҳайё намуд, ки дар ин азъияти нооромии ҷаҳон самти дурусти муваффақиятро дарк

[1] Саидзода, Ш. Истиқлол ва саодати байналмилалӣ. / Ш. Саидзода [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://jumhuriyat.tj/ index. php?art_id=44823 (санаи муроҷиат: 05.09.2021).

карда, нуфузи кишварро ҳифз намоем, сарзамини куҳанбунёди хешро ба тарзи нав дар оламиён муаррифӣ созем, ба сулҳу ободӣ расида онро боз ҳам тақвият диҳем, дар ин ҷодаи мустаҳкам ба шоҳроҳи инкишофу тараққиёт, бунёдкориву созандагӣ ноил гардем[1].

Ба қавли Пешвои миллат – «Мо ба мисли пештара инкишофи робитаҳоямонро бо кишварҳои узви ИДМ чи дар асоси дуҷониба ва чи дар доираи Иттиҳод ва созмонҳои гуногуни бо иштироки амалкунанда самти афзалиятноки сиёсати хориҷии худ мешуморем. Мавқеи Тоҷикистон дар ин самт аз он бармеомад, ки ҳамкориҳо бояд ба талаботи замони ҳозира ҷавобгӯ буда, тавре болотар қайд гардид, дар давраи ҷаҳонишавӣ маҳз рушди омилҳои сиёсати хориҷӣ кафили сулҳу суботи кишвар дар минтақа ва ҷаҳон шуда метавонад»[2].

Роҳандозӣ намудани сиёсати хориҷии бисёрсамта дар кишварҳои минтақа, махсусан Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вижагиҳои сиёсат, иқтисод, амнияти минтақа, мавқеи ҷуғрофие, ки қудратҳо ва муттаҳидони онҳо бо кишварҳои минтақа ҳамкорӣ мекунанд, нуфузи худро паҳн мекунанд, вобаста аст. Аз ин лиҳоз, кишварҳо барои рушди мўътадили равобит бо қудратҳои пешбар саъй менамоянд, зеро роҳи интихобнамудаи чунин навъи ташаккул ба манфиатҳои минтақа мувофиқат мекунад[3].

Дар самти муваффақ гардидани сиёсати хориҷӣ ва амиияти байналхалқӣ кишварҳои Осиёи Марказӣ аз сиёсати хориҷии бисёрсамта кор мегиранд. Ин усул аз ҷониби коршиносон ба тарви гуногун тафсир мегардад. Масалан, А.Д. Богатуров чунин меҳисобад, ки ин кишварҳо «талоше барои иштирок дар ҳамкории ҳарбии фаротар аз ҳудуди ҳадди ақали зарурии амниятӣ надоранд» ва бо салоҳдиди хеш бо бозингарони минтақавӣ ва

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20.04.2012 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.president.tj/node/1084(санаи муроҷиат: 12.09.2020).

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 04.04.2003 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.president.tj/node/6637 (санаи муроҷиат:11.10.2021).

[3] Мирзоева Ф.Б. Влияние геополитических факторов на безопасность государств Центральной Азии в конце XX - начале XXI вв. [Текст]: дисс... канд. истор. наук / Мирзоева Фарангис Бадриддиновна. – Душанбе, 2021. – С.133.

ғайриминтақавӣ аз рӯйи зарурат ҳамкорӣ менамоянд. Ӯ чунин усулро «бетарафии таърихандозӣ» меномад[1], ки тавассути чунин сиёсат ба кишварҳои Осиёи Марказӣ метавонад мустақилият ва тавозунро дар миёни бозингарони бузург ҳифз намоянд.

Ба қавли Д.Б. Малишева чунин усул, баръакс, ба истиқлоли онҳо зарар мерасонад ва ба бозингарон имконият медиҳад манфиатҳояшонро дар минтақа роҳандозӣ намояд[2]. Новобаста аз тафсирҳои мухталиф, моҳияти ин падида ба андешаи оммаи мардуми кишварҳои минтақа кушиш менамоянд, ки пояҳои бунёдии истиқлолро дар сиёсати дохилиашон ба таври монанд тавассути усули сиёсати бисёрсамта рушд диҳанд. Бо ин роҳ кишварҳо тавозунро дар ҳамкорӣ бо бозингарони (мухолиф) хориҷӣ нигоҳ медоранд ва аз ҳоли вобастагӣ ва тобеият ба ин ё он қудрат худдорӣ менамоянд.

Ба ибораи дигар, пешбурди сиёсати фаъоли хориҷӣ, ки моҳиятан бисёрсамта аст аз оғози истиқлоли сиёсӣ роҳандозӣ шуд, вале ба татбиқи бевоситаи он ҷанги шаҳрвандӣ ва буҳрони шадиди иқтисодӣ монеа гардид.

Дар баробари ин, Русия натавонист дар татбиқи ислоҳоти иқтисодии кишварҳои минтақа саҳмгузор ва ба пешоҳанги равандҳои ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ бошад. Зиёда аз он, то оғози асри XXI Русия стратегияи ягонаи равобиташро бо кишварҳои минтақа мурраттаб насохт, ки дар он нақш ва мақоми минтақа дар низоми манофеи миллии Русия дақиқ бошад.

Аз замони ба сари қудрат омадани В. Путин ва дастаи ӯ ин тамоюл тадриҷан тағйир ёфта, давраи талоши мақсадноки ҷалби минтақа ба доираи нуфузи Москва баҳри тақвияти мавқеи байналхалқии Русия оғоз гардид, ки то ҳол идома намуда истодааст[3].

[1] Богатуров, А. Отложенный нейтралитет? Центральная Азия в международной политике [Текст] / А. Богатуров // Русия в глобальной политике. – 2010. – №2. – С.16.
[2] Малышева, Д.Б. Центральноазиатский узел мировой политики [Текст] / Д.Б. Малышева. – М.: ИМЭМО РАН, 2010. – С.16.
[3] Шарипов, А.Н. Бархӯрди манфиати геополитикии кишварҳои абарқудрат дар Осиёи Марказӣ [Матн] / А.Н. Шарипов // Илм ва фановарӣ. – 2013. – №1. – С.239.

Кишварҳои минтақа дар ҳоле ки ҷиҳати ҳалли мушкилиҳои дохилӣ ва эҳёи таваҷҷуҳи Русия ба минтақа чандон интизорӣ надоштанд, ба татбиқи манфиатҳои миллӣ ва таҳкими сиёсати хориҷӣ оғоз намуданд.

Аз ҷониби дигар, таҳдидҳои муосир, воқеиятҳои геополитикӣ, ҷойгиршавӣ дар минтақаи ҳассоси олам, устувории табиӣ барои Тоҷикистон ва Қазоқистон воқеиятеро равшан намуд, ки танҳо тавассути пешбурди сиёсати фаъоли хориҷӣ бобати таъмини соҳибихтиёрӣ дар хориҷ ва қоҳиши вобастагии сатҳи байналхалқӣ мебошад.

Иштироки фаъолонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли мушкилиҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дигар самти муҳимми ҳадфҳои сиёсати хориҷӣ мебошад, ки дар ин ҷода дастовардҳои кишвари мо ба назар мерасад. Аз ҷумла, ташаббуси кишвари мо дар бартараф намудани мушкилиҳо оид ба масъалаҳои обу энергетика, муқовимат бар зидди терроризм, ғояҳои ифротгароӣ ва нест кардании мушкилиҳои Афғонистон аз ҷониби дигар кишварҳои ҷаҳон дастгирӣ ёфта, тадриҷан амалӣ мешаванд[1].

Сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Консепсияи сиёсати хориҷӣ, сандҳои меъёрӣ-ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ роҳандозӣ шуда, дар даврони соҳибистиқлолии кишвар роҳи ягонаи муваффақ гардидан дар самти сиёсати хориҷӣ барқарор намудани ҳамкориҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ дониста мешавад.

Сарвари давлат зикр карда буданд: «Он аз сиёсати ҳашт сол пеш эълон кардаи мо сиёсати «дарҳои кушода» бармеояд, ки мисли пештара вазифаи худро дар эҷоди шароити мусоиди байналмилалӣ ҷиҳати рушд ва инкишофи устувори кишвар мебинад. Дар вазъияти зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир ва таҳаввулоти навини ҷаҳони имрӯза, таъмин намудани истиқлолу озодӣ, суботи сиёсӣ, ҳифзи амнияти кишвар ва дар маҷмуъ амалинамоии манфиатҳои миллӣ вазифаҳои муҳимми он ба шумор мерафт»[2].

[1] Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири истиқлолият [Матн] / зери назари Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2011. – С.4.

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 24.04.2010 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.president.tj/ node/192 (санаи мурочиат: 09.10.2020).

Эмомалӣ Раҳмон робитаи дӯстонаи Тоҷикистонро бо тамоми кишварҳо ва ба таври дақиқ мушаххас намудани самтҳои васеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар муносибатҳои байналхалқӣ бо назардошти мавқеи ҷуғрофӣ, вазъи геополитикӣ, манфиатҳои миллӣ, робитаҳои фарҳангиву таърихӣ, арзишҳои умумибашарӣ ва якхела будани манфиатҳо танзим менамояд [1].

Имкониятҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи гидроэнергетикӣ хеле зиёд аст. Тоҷикистон аз ҷиҳати иқтидори энергетикии обӣ дар ҷаҳон ҷойи ҳаштумро ишғол менамояд. Дар ин соҳаи мавқеи кишвари мо баъд аз кишварҳои Хитой, Русия, ИМА, Бразилия, Зоир, Ҳиндустон ва Канада ҷой гирифтааст.

Иқтидори солонаи истеҳсоли нерӯи барқ дар Тоҷикистон ба андозаи таъмин намудани кишварҳои Осиёи Марказӣ дар давоми зиёда аз 3 сол мебошад. Бинобар таҳқиқи кормандони соҳаи гидроэнергетикӣ дар 5 дарёи бузурги Тоҷикистон ва маҷрои 948 дарёи хурд имкони бунёд намудани зиёда аз 900 неругоҳи хурди обии барқӣ мавҷуд аст[2]. Аз ин рӯ, барои ҷалби сармоя ҷиҳати истифода аз ин сармояи бузурги табиӣ, мусоидат ба рушди устувори кишвар ва расидан ба ҳадафи стратегӣ, яъне саноатикунонии босуръат - амалинамоии сиёсати хориҷии бисёрсамта зарур мебошад.

Ҳамин тариқ дар натиҷаи таҳлили зарурати ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон дар ибтидои асри XXI метавон ба хулосае омад, ки дар давоми барқарор намудани робитаҳои дипломатӣ бо тамоми кишварҳои хориҷа аъзо гардидан ба созмонҳои бонуфузи минтақавию байналхалқӣ ҳадафи аз ҳама муҳим пайдо намдани мавқеи муносиб дар арсаи ҷаҳонӣ ва муаррифӣ намудани, фарҳангу дастовардҳои кишвар дар муносибатҳои байналхалқӣ равона шуда буданд.

---

[1] Сайидзода, З. Мафҳумҳои бунёдии назариёти сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон [Матн] / З. Сайидзода, П. Давлатзода, А. Даминова. – Душанбе: Контраст, 2018. – С.181.

[2] Сайидзода, З.Ш. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Ш. Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – С.164.

Ҳамин тариқ метавон қайд кард, ки сиёсати хориҷии бисёрсамта зарурати воқеӣ мебошад, ки дар даврони истиқлол барои ҳамроҳшавии муфиди кишварҳо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, муаррифии давлатҳои миллӣ ба унвони ташаббускори сатҳи байналмилалӣ ва кишварҳои муваффақ мусоидат намуд.

Дар амал табиқ намудани сиёсати хориҷии бисёрсамта барои кишварҳои соҳибистиқлол имкон фароҳам меорад то ки таъмини манфиатҳои миллии кишвар дар дохил ва хориҷ, ҷалби ниҳодҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ бунёди корхонаҳои муштарак, баланд бардоштани сатҳи иҷтимоиёти аҳолии кишвар роҳандозӣ шавад.

Муҳимтар аз ҳама бо дарназардошти пешбурди сиёсати фаъоли хориҷӣ вобастагии кишвар аз қутб ё кишвари муайян коҳиш меёбад ва фурсати роҳандозии ҳамкориҳои мутақобила бо тамоми кишварҳое фароҳам меояд, ки хостори равобити беғараз бо Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

## 2.2.Заминаҳои ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Қазоқистон ва таҳаввули он

Новобаста аз он ки Қазоқистон доир ба пешбурди сиёсати бисёрсамтаи хориҷӣ аллакай дар охири асри XX тасмим гирифта буд, вале раванди татбиқи амалии он ба оғози ҳазораи навин пайванди ногусастанӣ дорад. Қазоқистон яке аз кишварҳои камшумор дар фазои пасошуравӣ буд, ки тавонист бидуни осебпазирии манофеи стратегии худ бо ҳама кишварҳо равобити хуби устувор барқарор созад[1].

Бояд тазаккур дод, ки Қазоқистон дар тӯли солҳои истиқлол сиёсати хориҷии мутавозину санҷидашудаaро роҳандозӣ менамояд, ки асоси онро бисёрсамта ташкил медиҳад.

Зеро таъсири таҳдидҳои муосир роҳбарияти кишварро водор намуд, ки моҳи марти соли 2001 Консепсияи нави сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистонро қабул намояд. Асосан Консепсияи номбурда рушди ҳамгироии иқтисодӣ ва робитаҳои дуҷонибаи байнидавлатиро бо кишварҳои шарики стратегии Қазоқистон муайян менамояд, ки ин кишварҳо Русия, ИДМ, Хитой, ИМА, ИА, Ҳиндустон, Туркия ва Эрон мебошанд[2].

Дар Консепсияи сиёсати хориҷии Қазоқистон «Ҳадафи асосии сиёсати хориҷӣ – ташаккули муҳити мусоиди хориҷӣ ва дастгирии рушди устувори кишвар дар асоси ислоҳоти сиёсӣ ва иқтисодӣ - ишора шудааст»[3].

Ҷумҳурии Қазоқистон бо пурзур намудани низоми амнияти миллӣ, яъне сиёсати хориҷиаш бояд аз вобастагии мавқеи геополитикӣ ва иқтисодии кишвар хориҷ мешуд[4].

---

[1] Послание Президента Республики Казахстан Н.А. Назарбаева народу Казахстана. Апрель 2002 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.akorda.kz/ru/addresses/addresses_of_president/ poslanie-prezidenta-respubliki-kazakhstan-n-a-nazarbaeva-narodu-kazakhstana-aprel-2002g_1342416567 (дата обращения: 06.12.2019).

[2] Основные черты внешней политики Казахстана [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.kazportal.kz/osnovnyie-chertyi-vneshney-politiki-kazahstana/ (дата обращения: 05.10.2021).

[3] Внешняя политика Республики Казахстан [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://testent.ru/index/0-93 (дата обращения: 20.05.2021).

[4] Внешняя политика Республики Казахстан [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://testent.ru/index/0-93 (дата обращения: 20.05.2021).

Махсусияти фаъолияти хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистонро дар ибтидои асри XXI сиёсати хориҷии бисёрсамта, тайёрӣ ҷиҳати ҳамкори намудан бо ҳамаи субъектони муносибатҳои байналхалқӣ, дар заминаи санадҳои қабулнамудаи ҳуқуқи байналхалқӣ ташкил менамояд. Қазоқистон дар макони ҷойгир аст, ки тавассути он роҳҳои нақлиётӣ ва алоқавии пайвасткунандаи қисмати Ғарб ва Шарқ бо ҳам пайваст мешаванд.

Дар оғози асри XXI аксарияти кишварҳои ҷаҳон барои барқарор ва тақвияти ҳамкориҳои гуногунҷанба бо Ҷумҳурии Қазоқистон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд. Асосан сабаби аслии таваҷҷуҳи махсуси кишварҳо мавҷудияти бойгариҳои табиӣ, захираҳои бузурги сарватҳои зеризаминӣ дар Қазоқистон ба шумор меравад. Роҳбарияти кишвар зимни муайян кардани самтҳои асосии фаъолияти сиёсати хориҷӣ дар навбати аввал кӯшиш менамояд, ки аз ин омили геосиёсӣ баҳраманд шавад[1].

Ҳадафи ниҳоии талошҳои дипломатияи қазоқистонӣ дар самтҳои Русия, Хитой ва Осиёи Марказӣ фароҳам овардани амният дар атрофи сарҳадҳои Қазоқистон ва шароити зарурии хориҷӣ барои таҳкими истиқлоли кишвар ба шумор меравад[2].

Яъне, яке аз зарурати асосии пешбурди сиёсати фаъоли хориҷӣ ин таъмини амнияти миллӣ мебошад, ки бо равандҳои минтақавӣ, ҳамоҳанг сохтани амалҳои муштараки кишварҳои минтақа, роҳандозии муносибатҳои мутақобила бо кишварҳои муқтадир созгор аст.

Консепсияи амният дар заминаи ҳамкорӣ ба чораҳои дипломатӣ дар таъмини амният асос меёбад. Дар ин ҷо аҳамияти нақши дипломатияи пешгирикунанда дар чораҳои боэътимод, шаклҳои муколамавӣ ва бисёрҷонибаи ҳамкорӣ ва машваратҳо возеҳ мегардад. Махсусияти консепсияи амният дар асоси ҳамкорӣ аз низоми амнияти дастаҷамъӣ ҳатмӣ набудани ниҳодҳои расмӣ ба шумор меравад. Намунаи режими амнияти

[1] Внешняя политика Республики Казахстан [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://testent.ru/index/0-93 (дата обращения: 20.05.2021).
[2] Токаев, К.Т. Внешняя политика Республики Казахстан в период становления нового мирового порядка [Текст]: дисс... д-ра полит. наук / Токаев Касым-Жомарт Кемелевич. – М., 2001. – С.33.

кооперативӣ метавонад раванди МҲТБО, СҲШ, АСЕАН бошад. Агар низоми амнияти дастаҷамъӣ ҷиҳати омодагӣ ба муқобили таҷовузкорӣ такя намояд, пас ҳамкорӣ ба коркарди чораҳои пешгирикунанда таҳдиди низоъҳои мусаллаҳонаи эҳтимолиро коҳиш медиҳанд[1].

Ҳамин тариқ, таҳкими амният ва субот дар Осиё метавонад ба маънои васеъ тавассути рушди механизм ва сохторҳои бисёрҷонибаи зерминтақавӣ, минтақавӣ ва фароминтақавӣ (СҲШ, МҲТБО, СКИ, СААД) дар доираи густариши шабакаи ҳамкориҳои байни якдигар амалӣ гардад.

Аз ин рӯ, барои роҳандозии иртибот бо қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, узвияти фаъол дар ниҳодҳои бисёрҷониба бояд сиёсатро пеш бурд, ки тавозунро дар ин муносибатҳо ҳифз кунад ва ба ҳамон андоза бар аҳамияти кишварҳо ва созмонҳо дар меҳвари сиёсати хориҷӣ таъкид намояд.

Дар баробари ин, соли 2002 Нурсултон Назарбоев зимни ироаи Паёми солона ба Парлумони кишвар изҳор намуда буд, ки «дипломатияи мо бояд ба таҳкими созмонҳои афзалиятнок, аз қабили Ҷомеаи иқтисодии Авруосиё (минбаъд ҶИАО), СҲШ, Созмони ҳамкории Осиёи Марказӣ диққати ҷиддӣ диҳад»[2].

Ин омилҳо дар умум, корбурди усулҳои нави муносибат бо кишварҳои минтақаро пеш овард, ки то андозае ба тағйироти куллӣ дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ, тақвияти ҳузури бозингарони дигар дар минтақа, аз қабили ИМА, Хитой, Покистон, Эрон, Туркия – Русия вобасатагӣ дошт.

Дар интиҳои асри XX Ҷумҳурии Қазоқистон уфуқҳои геополитикии худро то марзи кишварҳои ғарбӣ ва исломӣ паҳн намуд, ки он натавонист тавозуни муносибатҳояшро бо Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии халқии Хитой муҳайё созад. Аз лиҳози ҷуғрофӣ Қазоқистон дар секунҷаи геополитикӣ – Русия – Хитой – ҷаҳони ислом ҷой гирифтааст. Вале

---

[1] Гирфанов, Р.М. Внешняя политика Республики Казахстан в контексте обеспечения глобальной и региональной безопасности (политологический анализ) [Текст]: дисс... д-ра философии (PhD) 23.00.00 – политические науки / Гирфанов Ринат Марсович. – Астана, 2010. – С.37.

[2] Послание Президента Республики Казахстан Н.А. Назарбаева народу Казахстана. Апрель 2002 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.akorda.kz/ru/addresses/addresses_of_president/ poslanie-prezidenta-respubliki-kazakhstan-n-a-nazarbaeva-narodu-kazakhstana-aprel-2002g_1342416567 (дата обращения: 06.12.2019).

пешсафии олами ғарбӣ бо роҳбарии ИМА ин секунҷаро ба чоркунҷаи геополитикӣ табдил дод, ки он дар заминаи рушди илму техника ва технологӣ ташаккул ёфтааст. Амалан ягоне аз ин қутбҳо ё иштирокчиёни геополитикӣ ба Қазоқистон мақоми бетараф доданӣ нестанд.[1]

Дар баробари ин як қатор омилҳои таъсиргузори дигар зарурати роҳандозии сиёсати хориҷии бисёрсамтаро дар Ҷумҳурии Қазоқистон асоснок менамоянд:

1. Мавқеи Ҷумҳурии Қазоқистон дар қаламрави бузург байни ду қудратҳои бузург Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Халқии Хитой;

2. Зарурати ҳифзи сарҳад ва ҳам масъалаҳои баҳсталаби сарҳадӣ;

3. Набудани роҳи мустақими баромад ба роҳҳои баҳрии ҷаҳонӣ, ки дастрасӣ ба онҳо танҳо тавассути қаламрави кишварҳои ҳамҷавор аст;

4. Фишори марказҳои нави ҷаҳонӣ ва қудратҳои минтақавӣ;

5. Захираҳои бузурги табиӣ, ки кишварҳои дуру наздик ба онҳо таваҷҷуҳ доранд;

6. Ҳаҷми нисбатан заифи иқтисоди Қазоқистон дар қиёс бо қаламрави бузурги он;

7. Заъфи ҳарбӣ;

8. Гуногунтаркибии аҳолӣ.

Бо назардошти омилҳои мазкур, метавон хулоса намуд, ки бисёрсамта маҳз он фишангест, ки барои ислоҳи камбудиҳои табиӣ ва истифодаи афзалиятҳо дар Қазоқистон имкон фароҳам меорад.

Қазоқистон 15 марти соли 2001 усули бисёрсамтаро дар сиёсати хориҷӣ ба таври расмӣ тасдиқ намуд[2], ки аз тағйири дурнамои мақом ва назари Қазоқистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ (дар асри XXI) шаҳодат медод[1].

---

[1] Кыдырбекулы, Д.Б. Казахстан как геополитический субъект в международных отношениях [Текст] / Д.Б. Кыдырбекулы // Рост международного авторитета независимого Казахстана и вызовы глобализации: материалы международной научно-практической конференции (Алматы, 27 мая 2011 г.). – Алматы: КИЦ Института Философии и политологии КН МОН РК, 2011. – С.111.

[2] Губайдулина, М.Ш. Принципы и выбор внешнеполитических приоритетов Республики Казахстан в концептуально значимых документах [Текст]: выступление / М.Ш. Губайдулина // Вестник КазНУ. – 2009. – №4. – С.3-8.

Самти сиёсати хориҷии Қазоқистон вазъи муносибатҳои байналхалқии муосирро инъикос месозад. Қазоқистон аз лаҳзаи ба даст овардани соҳибихтиёрӣ як қатор усулҳои пешбурди сиёсати хориҷӣ, амал ва ташаббусҳои созанда пешниҳод намуд.

**Якум.** Бисёрсамта ба сифати усули муҳимми сиёсати хориҷии Қазоқистон баромад менамояд. Дар ин усул сиёсати бисёрсамта барои таъмини истиқлоли миллӣ ва имкони қабули қароре нисбатан оқилона тавассути роҳандозии муносибатҳои мутақобила бо тамоми кишварҳо муҳим арзёбӣ мешавад. Усули мазкур ҷустуҷӯйи тавозуни қувва дар ҳамкорӣ бо «марказҳои қудрат»-и геополитикӣ ва иқтисодӣ мебошад.

Қазоқистон бо кишварҳои атрофаш Русия, Хитой ва олами ислом ҳамкории нисбатан хуб дорад ва ҳамзамон муносибатҳояшро бо пешсафи ҷаҳонӣ – ИМА, бозори бузургтарини байналхалқӣ – ИА, кишварҳои АСЕАН ва Япония тавсеа медиҳад.

Қазоқистон рушди ҳамкориҳои ҳамаҷониба бо тамоми ниҳодҳои байналхалқӣ – созмонҳои байналхалқӣ, ширкатҳои ҷаҳонӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ талош дорад.

**Дуюм.** Таҳкими амнияти ҷаҳонӣ ва минтақавӣ. Муҳимтарин иқдом барои мустаҳкам кардани амнияти ҷаҳонӣ, дасткашӣ аз аслиҳаи ҳастаӣ буд. Қазоқистон бо созмонҳои мухталифи байналхалқӣ, аз қабили САҲА, МАГАТЭ, НАТО ва ғайра дар масъалаи таъмини амният ҳамкорӣ менамоянд. Инчунин, ба чунин аҳднома ба мисли Аҳдномаи паҳн накардани аслиҳаи ҳастаӣ (АПНАҲ) ҳамроҳ шудааст.

Дар баробари ин, ворид шудани Қазоқистон ба низоми СААД амали хеле муҳим мебошад, ки алҳол фишанги муҳимми воқеии таъмини амнияти хориҷии кишвар дар минтақа ҳисобида мешавад.

Иқдоми дигар дар самти мустаҳкам кардани амнияти байналхалқӣ ва минтақавӣ ташаббуси даъвати МҲТБО ба шумор меравад, ки нахустин

---

[1] Выступление Президента Республики Казахстан Н.А. Назарбаева на Саммите тысячелетия ООН (Нью-Йорк, 6 сентября 2000 года) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30007277 (дата обращения: 10.11.2019).

нишасти он бо ширкати 16 кишвари аъзо, 10 кишвар ва созмонҳои нозир 4 июни соли 2002 дар Алмаато баргузор шуд[1].

**Сеюм**. Рушди ҳамкории минтақавӣ. Бо назардошти тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ ва робитаҳои сиёсати хориҷии иқтисодӣ, Ҷумҳурии Қазоқистон дар мавриди ҳамкориҳои минтақавӣ якчанд ташаббусро пешниҳод ва дастгирӣ намуд, ки барои кишвари мустақил бисёр муҳим буданд. Махсусан, ҳамкорӣ бо кишварҳои аъзои ИДМ, Ҷомеаи иқтисодии Осиёи Марказӣ,ҶИАО, Созмони ҳамкории иқтисодӣ (СҲИ) ва ғайра.

Ҳамгирой дар Осиёи Марказӣ муҳимтарин афзалият дар рушди кишварҳои минтақа дар масъалаи фароҳам кардани бозор барои беш аз 70 миллион нафар, таҳкими амният, таъмини об ва масъалаҳои дигар ба шумор меравад.

Дар давраи пасошуравӣ дар Осиёи Марказӣ кӯшишҳои зиёде барои ҳамгироии давлатҳои минтақа дар заминаи сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомӣ анҷом дода шуданд. Қазоқистон ва махсусан раҳбари аввалини он Н. Назарбоев дар рушди ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ, таъсиргузор буданд. Хизматҳои сарвари Қазоқистон дар кишварҳои ИДМ мусбат арзёбӣ мешавад. Ба ин муносибат муовини якуми раиси Кумитаи иҷроия – котиби иҷроияи ИДМ Владимир Гаркун таъкид карда буд, ки «нақши бузурги Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон дар татбиқи амалии принсипи ҳамгироии фарогир ва суръатнок, таъсиси як қатор иттиҳодияҳои ҳамоҳангсози ҳамгирой дар ИДМ, ҶИАО, СААД, Иттиҳоди гумрукӣ, Фазои ягонаи иқтисодӣ, инчунин ташкили Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё, ки тарҳаш дар солҳои аввали истиқлол аз ҷониби сарвари Қазоқистон пешниҳод гардид, хеле муассир мебошад»[2].

Бояд қайд намуд, ки новобаста аз вазъияти сиёсӣ, иқтисодӣ, фаъолияти дигар субъектҳои минтақавӣ, аз ҷумла Созмони ҳамкориҳои иқтисодии

---

[1] Прохоров, И. Топ 30 самых знаковых событий независимого Казахстана [Электронный ресурс] / И. Прохоров. – Режим доступа: https://kazpravda.kz/news/obshchestvo/top-30-samih-znakovih-sobitii-nezavisimogo-kazahstana (дата обращения: 02.02.2021).

[2] Омаров, М. Роль интеграционных инициатив Казахстана в обеспечении безопасности в Центральной Азии [Электронный ресурс] / М. Омаров. – Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/rol-integratsionnyh-initsiativ-kazahstana-v-obespechenii-bezopasnosti-v-tsentralnoy-azii (дата обращения:03.04.2021).

Осиёи Марказӣ, Созмони ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ ва ҶИАО Ҷумҳурии Қазоқистон дар амалӣ намудани аҳдофи созмонҳои минтақавӣ ширкат намуд ва аз равандҳои ҳамгироии минтақавӣ канораҷӯйӣ накард.

Аз ҷониби дигар, афзалияти минтақавӣ ҳамеша дар сиёсати хориҷӣ возеҳ буд ва кишвар новобаста аз усули бисёрсамта ба кишварҳои минтақа дар заминаи арзишҳои муштараки таърихӣ ва фарҳангӣ, низоми коммуникатсионӣ ва таҳдидҳои умумӣ ҳамкории судманд дошт.

Барои таъмини манфиатҳои дарозмуддати худ Ҷумҳурии Қазоқистон ба ҳифзи майдони васеъ барои тобиши сиёсӣ манфиатдор мебошад. Аз ин рӯ, махсусиятҳои хоси дипломатияи қазоқистонӣ устуворӣ дар пайгирии манфиатҳои миллӣ-давлатӣ дар ҳамоҳангӣ бо хушоҳангӣ ва тобиш дар дастёбӣ ба мақсади муайяншуда, инчунин бисёрсамта ва мутавозинӣ гаштааст. Зери мафҳуми бисёрсамта на талоши дипломатӣ дар тамоми самтҳои афзалиятнок фаҳмида мешавад, ки бо пароканда гаштани онҳо ва муваффақ нагаштан дар ягон самт ҳамоҳанг мебошад. Бисёрсамта набудани вобастагии шадиди самти сиёсати хориҷиро аз рафтори ин ё он шарик, аз пешгӯйинашавандагии инкишофи вазъият дар ин ё он минтақа, аз тағйирёбии талаботи бозори ҷаҳонӣ пешбинӣ менамояд. Дар амал бисёрсамта маънои ҳамкориҳои мутақобиларо бо кишварҳои, ҳамҷавори ИДМ, инчунин кишварҳои пешрафтаи Ғарб, Осиё ва Шарқи Наздикро ифода менамояд[1].

Ҷумҳурии Қазоқистон тарафдории худро аз дастгирии амнияти байналхалқӣ ва сулҳи умумӣ, пешгирии низоъҳои ҳарбӣ тасдиқ менамояд. Остона сиёсати хориҷии бисёрсамтаро дар соҳаи ҳарбӣ низ амалӣ менамояд, ки он дар барномаи ҳамкориҳои ҳарбӣ тасдиқи худро ёфтааст. Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Қазоқистон бартариҳоро дар ин самт дуруст ва мушаххас сохт: ба монанди СААД, Федератсияи Русия,Ҷумҳурии халқии Хитой, ИМА, кишварҳои Осиёи Марказӣ, Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (минбаъд НАТО) ва СММ. Дар он бахши наве дар бораи сохтмони

---

[1] Токаев, К.Т. Внешняя политика Республики Казахстан в период становления нового мирового порядка [Текст]: дисс... д-ра полит. наук / Токаев Касым-Жомарт Кемелевич. – М., 2001. – С.26.

эътилофии ҳарбӣ илова шудааст, ки ба таври истисно оид ба ҳамкорӣ бо СААД-ро фаро мегирад. Дар баробари ин, ба ҷойгоҳи Созмон дар мустаҳкам кардани амнияти миллии Ҷумҳурии Қазоқистон ва афзалияти ҳамкориҳои эътилофӣ таъкид мегардад. Дар шароити таҳаввули муносибатҳои байналхалқӣ ва коҳиши нақши ҳуқуқи байналхалқӣ вазъият дар ҷаҳон ба таври фаврӣ дигаргун мегардад. Дар чунин ҳолат ҳамкориҳои Қазоқистон ва Русия нақши муҳимро касб менамояд[1]. Зеро, Русия аслиҳаи ҳастаӣ дорад ва барои Қазоқистон кафили амният ба шумор меравад. Дар навбати худ, Қазоқистон ҳамсояи шимолии худро аз хатари «камонаки бесуботӣ» эмин медорад[2].

Сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Қазоқистон, ки ба инкишофи иқтидори мудофиавии кишвар равона шудааст, дар маҷмуъ ба амнияти Русия ва Осиёи Марказӣ мусоидат менамояд.

Усулҳои мазкур омили татбиқи самти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон буданд. Вобаста ба ин метавон таъкид кард, ки барномаи амали сиёсати хориҷии кишвар ба ҳамаи фарзияҳои муосири дидгоҳи муносибатҳои байналхалқӣ, инчунин вазъи воқеии рақобати байналхалқии геополитикӣ мувофиқат менамояд.

То соли 2014 консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон бо сабабҳои номаълум асосан пӯшида буд. Аз ин лиҳоз паҳлӯҳои асосии сиёсати хориҷии кишвар, аслан, аз паёмҳои солонаи парезидент ба марудми мамлакат ва суханрониҳои ӯ ба корпуси дипломатӣ бармеояд. Дар заминаи ҳодисааҳои муосири байналмилалӣ, ки дар оғози даҳаи дуюми асри XXI ба амал омад, кишвар лозим шуморид, ки мутобиқ ба замони нав қабули санади нави сиёсати хориҷӣ, барои муаррифии симои аслии кишвар ва самтҳои асосии сиёсати хориҷии Қазоқистон ва воридшавӣ ба равандҳои нави ҷаҳонӣ возеҳ гардид.

---

[1] Гирфанов, Р.М. Внешняя политика Республики Казахстан в контексте обеспечения глобальной и региональной безопасности (политологический анализ) [Текст]: дисс... д-ра философии (PhD) 23.00.00 – политические науки / Гирфанов Ринат Марсович. – Астана, 2010. – С.49.

[2] Султанов, Б.К. Становление внешней политики Казахстана [Текст]: история, достижения и взгляд в будущее / Б.К. Султанов, Л.М. Музапарова; под ред. М.С. Ашимбаева. – Алматы, 2005. – С.85.

Дар ин радиф Консепсияи нави сиёсати хориҷии Қазоқистон барои солҳои 2014-2020 бо назардошти нуқтаҳои муҳимми Паёми Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон (декабри соли 2012) – Стратегияи «Қазоқистон-2050»: ҷиҳати муваффақ гардидани кишвар дар самти сиёсати хориҷӣ таҳия гардид. Дар Стратегия ҳадафи дарозмуддати Қазоқистон дар самти пайвастан ба қатори 30 кишвари нисбатан пешрафтаи ҷаҳон муайян гардид. Аз ин рӯ, сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон эҳё ва таҳкими манфиатҳои миллиро ба таври воқеӣ бо назардошти як қатор омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ муайян намуд[1].

Дар ин санад афзалияти Осиёи Марказӣ мушаххас гардид. Рушди муносибатҳои гуногунҷанба бо Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон ба ваҳдати талошҳо ҷиҳати муқовимати муштарак ба таҳдиду хатарҳои дохилию хориҷӣ мутамарказ мегардад[2].

Махсусиятҳои Консепсияи нави соли 2014 ба қавли вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон Е. Идрисов дар он ифода меёбад, ки он хислати оммавӣ гирифтааст[3].

Бояд эътироф намуд, ки дар тӯли солҳои соҳбистиқлолӣ сиёсати хориҷии бисёрсамта барои ворид гардидани Қазоқистон ба ҷомеаи сиёсӣ ва иқтисодӣ, инчунин таҳкими мавқеи кишвар дар арсаи байнахалқӣ мусоидат намудааст.

Дар Консепсия афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ таъкид гашта буданд, ки асоси татбиқи онҳо бисёрсамта, дипломатия ва болоравии нақши иқтисоди мамлакат дар сиёсати хориҷӣ ба шумор меравcovered[4]. Бо дарназардошти воқеиятҳои муосир Консепсияи сиёсати хориҷии Қазоқиситон дар шакли нав

[1] Ганиев, Р. Внешнеполитические и внешнеэкономические отношения государств Центральной Азии [Текст] / Р. Ганиев, Г. Коваленко. – Душанбе: филиал МГУ им. М.В. Ломоносова, 2022. – С.51.
[2] Ганиев, Р. Внешнеполитические и внешнеэкономические отношения государств Центральной Азии [Текст] / Р. Ганиев, Г. Коваленко. – Душанбе: филиал МГУ им. М.В. Ломоносова, 2022. – С.51.
[3] Внешняя политика стран СНГ [Текст]: учеб. пособие для студентов вузов / ред.-сост. Д.А. Дегтерев, К.П. Курылев. – М.: Аспект Пресс, 2017. – С.265.
[4] Султанов Б. Политика и интересы великих держав в Казахстане. Стратегические перспективы [Текст]: ведущие державы, Казахстан и центрально-азиатский узел / Б.Султанов, Л. Музапарова; под ред. Р. Легволда. – Лондон: Американская академия гуманитарных и точных наук, 2003. – С.233.

барои солҳои 2014 то 2020 қабул шуд, ки таҷдид ва пешбурди манфиатҳои миллиро дар асоси воқеъбинона тақозо менамояд[1].

Имрӯз метавон дар бораи зуҳури вазъи нави геополитикӣ ва геоиқтисодӣ дар ҷаҳон гуфт, ки Қазоқистонро ба боздиди мавқеи худ дар ҷаҳон водор менамояд. Ба омилҳое, ки вазъи нави ҷаҳониро муайян менамоянд метавон инҳоро ворид намуд: афзоиши таъсири минтақавии Қазоқистон; номуайянӣ ва анҷом наёфтани равандҳои ҳамгироӣ дар Осиёи Марказӣ ва ИДМ; тағйирёбии вазъи геополитикии ҷаҳон, мувозинати ниҳодҳои қудратманди байналхалқӣ; зуҳури таҳдид ва хатарҳои нав; падидаҳои шадиди буҳронӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ; тавсеаи пандемияи COVID-19[2].

Ҳамин тариқ, Ҷумҳурии Қазоқистон шакли нисбатан самараноки сиёсати хориҷиро ба роҳ монд, ки имконияти вокуниши мувофиқ ба равандҳо ва тамоюлҳои рушди муносибатҳои байналхалқии муосирро дорост.

Ба ақидаи Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев бисёрсамта маънои «…рушди ҳамкориҳои дӯстона ва қобили пешбинӣ бо тамоми кишварҳое мебошад, ки дар умури корҳои ҷаҳонӣ нақши муассир ва кишвари мо таваҷҷуҳи амалӣ доранд. Қазоқистон, бинобар мавқеи геополитикӣ ва иқтидори иқтисодиаш наметавонад ба масъалаҳои минтақавӣ маҳдуд шавад.

Бо пешбурди маҳз чунин сиёсат, мо метавонем аз зуҳури таҳдидҳо дар бахши амнияти Қазоқистон пешгирӣ намоем. Мо метавонем аз шароити мусоиди иқтисоди хориҷӣ ва тағйироти сиёсии дар кишварамон ҳифз намоем»[3]. Чунин мавқеи Қазоқистон, асосан, бо мавқеи геополитикии кишвар, таркиби бисёрқавмӣ ва бисёрмазҳабии гуногуни аҳолӣ, сатҳи рушди иқтисод дар маҷмуъ алоқаманд мебошад. Бо назардошти воқеияти муосири

---

[1] Идрисов, Е.А. Контуры казахстанской дипломатии до 2020 года. Концепция внешней политики РК на 2014-2020 годы и задачи по ее реализации [Текст] / Е.А. Идрисов // Материалы «круглого стола» (11 апреля 2014 г.). – Алматы, 2014. – С.111.

[2] Деловарова, Л.Ф. Некоторые теоретические аспекты многовекторности [Электронный ресурс] / Л.Ф. Деловарова. – Режим доступа: https://articlekz. com/article/7012 (дата обращения: 26.09.2021)

[3] Линевич, А. Многовекторная внешняя политика – веление времен [Электронный ресурс] / А. Линевич. – Режим доступа: https://camonitor.kz/31253-mnogovektornaya-vneshnyaya-politika-velenie-vremeni.html (дата обращения: 16.08.2021).

байналхалқӣ дар асоси стратегияи сиёсати хориҷии Қазоқистон ба масоили таъмини самарабахши низоми амният дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла пешгирӣ аз таҳдиду хатарҳои ғайримуқаррарӣ (терроризми байналхалқӣ, экстремизми динӣ, қочоқи маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунӣ) диққат дода мешавад, ки онҳо айни замон аз Афғонистон ва дигар минтақаҳои ҳамҷавор маншаъ мегиранд.

Барои бартараф намудан мушкилиҳои мавҷуда ҳалли вазифаҳо дар ин самт Ҷумҳурии Қазоқистонро лозим аст, ки ба самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намояд: ширкати фаъол дар иттиҳодияҳои байнидавлатӣ – МҲТБО, СҲШ, СААД; рушди робитаҳои стратегӣ бо Русия ва Хитой; пайвастагии дӯстона бо кишварҳои Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон; ҳамкориҳои дурбинонаи созанда бо ИМА ва кишварҳои ИА, созмонҳои САҲА ва НАТО; ҳамкорӣ бо кишварҳои ҷаҳони ислом; робитаҳои шарикӣ бо кишварҳои Минтақаи осиёии укёнуси Ором[1].

Сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар оғози асри XXI бо назардошти имконият ва таҳдидҳои навзуҳури арсаи байналхалқӣ ба марҳалаи такомул расид, ки воқеан вокуниши комилро ба равандҳои ҷаҳонӣ инъикос менамояд. Муносибатҳои мутавозин ва бисёрсамта дар сиёсати хориҷии кишвар хусусиятест, ки аз шароитҳои айнӣ, пеш аз ҳама мавқеъгирии Қазоқистон дар маркази Авруосиё ба вуҷуд омадааст.

Агар сиёсати хориҷии Қазоқистонро дар ин марҳала тавсиф намоем, пас онро метавон мутаносиб номид. Мутавозинӣ дар сиёсати хориҷии Қазоқистон сифатест, ки дар баробари равишҳои қаблӣ муайян шудааст. Сиёсати хориҷии тағйирпазир, эҳтимолан, як вижагии комил ва дар айни замон муваффақияти идораи муассир, ташхиси дурусти вазъи байналмилалӣ, шароити берунӣ, мутобиқшавӣ ба онҳо ва вокуниши фаврӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, сиёсати хориҷии Қазоқистонро метавон вобаста ба шароити хориҷӣ танзим ва тағйир дод. Дар ин самт муҳимтарин омили

---

[1] Многовекторная внешняя политика Казахстана [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.kazportal.kz/mnogovektornaya-vneshnyaya-politika-kazahstana/ (дата обращения: 12.04.2021).

муваффақият зарурати риояи рукни бисёрсамта ва ҳифзи тавозун дар муносибат бо қудратҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ ва кишварҳои ҳамҷавори минтақа, инчунин эҳтироми манфиатҳои сиёсиву иқтисодии онҳо ба шумор меравад.

Дар маҷмуъ, зимни баррасии таҳаввули сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон дар ибтидои асри XXI метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки:

- пешбурди сиёсати хориҷии бисёрсамта дар ибтидои ҳазораи сеюм аз зарурати объективие бармеомад, ки бинобар риояи тавозун дар ҳамкорӣ бо қудратҳои ҷаҳонӣ, оғози амалиёти байналмилалии зиддитеррористӣ дар Афғонистон, ҷалби сармояҳои мустақими хориҷӣ ва умқи падидаи ҷаҳонишавӣ возеҳ гардид;

- Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Консепсияи сиёсати хориҷӣ (24.09.2002) ва Паёми солинавии Президенти мамлакат (01.01. 2003) расман аз сиёсати «дарҳои кушода» эълон кард, ки дар асоси он амалинамоии сиёсати хориҷии бисёрсамта ва ҳамкорӣ бо кулли кишварҳои ҷаҳон дар асоси усули баробариву эҳтироми манфиатҳои якдигар талқин менамояд.

- Қазоқистон дар заминаи қабули консепсияи сиёсати хориҷӣ аз соли 1995 сиёсати бисёрсамтаро ба роҳ монд, ки моҳиятан ба риояи манфиатҳои дарозмуддати миллӣ равона гардида буд. Вале таҳаввули воқеии ин сиёсат ба оғози асри XXI рост меояд;

- дар ҳуҷҷатҳои умури сиёсати хориҷии ду кишвар яке аз вазифаҳои асосии сиёсати бисёрсамта иштирок дар фаъолияти созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ ба мақсади мусоидат дар таҳкими амнияту субот дар минтақа ва ҷаҳон унвон шудааст;

- пешбурди сиёсати бисёрсамта ба ҳеҷ ваҷҳ маънои коҳиши мавқеи гурӯҳи муайяни кишварҳоро дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон надорад, ҳамкорӣ бо кишварҳои Ғарб, муносибат бо Русия, таҳкими ҳамгироӣ ва амнияти минтақавӣ ҳамчун афзалияти асосӣ дар Консепсияҳои сиёсати хориҷии кишварҳо боқӣ мондаанд;

- яке аз шартҳои татбиқи муваффақонаи сиёсати хориҷии бисёрсамта риояи тавозун дар ҳамкорӣ бо қудратҳои ҷаҳонӣ ва дарки мушкилоти мубрами олам мебошад. Дар заминаи ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон ҳамчун кишварҳои ташаббускор дар ҳалли мушкилиҳои сатҳи байналхалқӣ, кафили сулҳу субот, ба ҳам омадани тамаддунҳо ва ҳамкориҳои фарҳангӣ дар минтақа ва ҷаҳон эътироф шудаанд.

# БОБИ III. НАТИҶА ВА ДУРНАМОИ СИЁСАТИ БИСЁРСАМТАИ ТОҶИКИСТОН ВА ҚАЗОҚИСТОН

## 3.1. Марҳалаҳои асосии ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон

Бо дарёфти истиқлол Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон ҳамчун субъекти комилҳуқуқ ба арсаи ҷаҳонӣ қадам ниҳоданд. Ба кишварҳо лозим меомад, ки барои пайдо намудани нуфуз ва мавқеи арзанда дар давраи бениҳоят мураккаби таърихӣ тағйирот дар муносибатҳои муосири байналхалқӣ кӯшиш намоянд. Дар ин самт ташхиси дурусти моҳият ва самтҳои сиёсати хориҷӣ омили асосӣ ба шумор мерафт. Мавқеи геополитикӣ барои кишварҳо бисёр муҳим ҳисобида мешуд, чунки дар кишварҳои Осиёи Марказӣ таъмини амният ва нигоҳ доштани мувозинат дар байни кишварҳои абарқудрат ба назар мерасид. Ин зарурат кишварҳоро ба роҳандозии сиёсати хориҷии бисёрсамта овард, ки дар ташаккули таърихии худ чанд марҳалаи муайянро сипарӣ намудааст.

Бо гузашти сӣ соли замони истиқлол метавон натиҷагирӣ намуд, ки таҳаввулоти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон се марҳалаи асосӣ дорад, ҳар кадоми онҳо ҷавобгӯйи манфиатҳои миллии кишварҳоянд.

**Марҳалаи якум** – дар самти татбиқи сиёсати хориҷии кишвар марҳалаи якум марҳалаи ташаккул мебошад, ки баробари ба даст овардани мустақилияти сиёсӣ, заминаҳои таъсиси хадамоти дипломатии кишвари соҳибистиқлол, тақвияти робитаҳои байнидавлатӣ, ҳамкорӣ бо ташкилотҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ, ҳамроҳшавӣ ба ҷомеаи ҷаҳон ва таъсиси намояндагиҳо дар хориҷи кишвар барои амалӣ намудани ҳадфҳои сиёсатӣ хориҷии мамлакат оғоз гардид. Махсусияти ин марҳала дар он буд, ки ҳар ду кишвар новобаста аз таҷрибаи муайяни умури иқтисодӣ, илм, маориф дар самти сиёсати хориҷӣ, амалан анъанаҳои собит ва низоми хадамот надоштанд. Мебоист низоми хадамоти дипломатӣ, механзими роҳандозии

сиёсати хориҷӣ, таъмини манфиатҳои миллӣ ва муаррифии кишварҳоро дар саҳнаи байналмилалӣ аз сифр оғоз намуд.

Дар замони ба даст овардани истиқлоли давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳкими сохтори идоракунии давлатӣ ва пайдо намудани мавқеи муносиб дар саҳнаи байналхалқӣ кӯшиш менамуд, аммо ҳангоми сар задани ҷанги шаҳрвандӣ раванди амалишавии ин ҳадаф муваққатан манъ гардид. Фақат баъди раиси Шурои Олӣ интихоб шудани Эмомалӣ Раҳмон раванди мазкур дубора эҳё ва тадриҷан тавсеа ёфт. Роҳбари тозаинтихоби Тоҷикистон дар муроҷиатномаи аввалинаш (12.12.1992) ба мардуми тоҷик зимни эълони самтҳои муосири татбиқнамоии сиёсати хориҷӣ «мустаҳкам кардан ва боз ҳамтақвияти робитаҳоро бо кишварҳои ИДМ, махсусан бо Русия, Қазоқистон ва дигарон»-ро дар он шароит созгор донист[1]. Ин муроҷиатнома барои оғози сиёсати фаъоли хориҷӣ ва муаррифии симои Тоҷикистони нав замима гузошт, ки дар баробари тарғиби дипломатияи сулҳ, расидан ба ваҳдати миллӣ арзишҳои бисёрсамтаро инъикос менамуд.

Марҳалаи аввали сиёсати хориҷии Қазоқистон аз нашри мақолаи Нурсултон Назарбоев «Стратегияи ташаккул ва рушди Қазоқистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр ва мустақил» аз (16 майи соли 1992) маншаъ гирифт, ки аввалин маротиба равишҳои консептуалро дар стратегияи сиёсати хориҷии давлат мушаххас сохт. Дар он танҳо мақсади амалинамоии сиёсати хориҷии сулҳхоҳона, роҳандозӣ гардида, такомули муносибатҳои баробарҳуқуқ ва байнидавлатии судманд бо субъектҳое ба нақша гирифта шуд, ки барои ҳамкорӣ бо Қазоқистон манфиатдор буданд. Дар баробари ин, Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон соли 1995 қабул ва бо фармони Президент тасдиқ шуд. Дар ин ҳуҷҷат аввалин маротиба аҳамияти сиёсати бисёрсамта бо назардошти манфиатҳои дарозмуддати миллӣ эълом шуд. Мавқеи маркази ҷуғрофии кишвар дар минтақа ҳамчун пули байни Ғарб ва

---

[1] Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат [Матн]: иборат аз 21 ҷилд / мурат. С. Фаттоев. – Душанбе, 2002. – Ҷ.1. – С.6.

Шарқ арзёбӣ гардид[1]. Бояд таъкид кард, ки дар ду санади мазкур афзалияти самти минтақавии ҳамкорӣ ба таври равшан мушоҳида мегардид.

Муваффақияти аввали кишварҳо ба унвони эътироф дар ҷомеаи ҷаҳонӣ узвият ба ҳайати САҲА ва СММ ба шумор меравaнд. Узвият ба созмони аврупоӣ дар заминаи уҳдадориҳои риояи усулҳои ҳуқуқи байналхалқӣ ба кишварҳои ҷавон имкон фароҳам овард, ки ҳадафҳои миллиашонро аз саҳнаи бонуфузи авруосиёӣ татбиқ намояд.

Қабул ба узвияти созмони бонуфузтарини ҷаҳонӣ (дар чаҳорчӯбаи ҷаласаи 46-уми МУ СММ панҷ ҷумҳурии Осиёи Марказӣ ва се ҷумҳурии Қафқоз ба узвияти созмон пазируфта шуданд) аз эътирофи истиқлоли кишварҳо дар арсаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад.

Бо ин роҳ барои кишвари мо ҷиҳати шомил шудан ба масъалаҳои глобалӣ ва ҳалли онҳо, барои ташаккулёбии тамаддуни ҷаҳон дар замони муосир, имконияти хуб ба даст омад ва аз натиҷаҳои он дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигр соҳаи муҳимми кишвар тавонистем ба манфиати худ истифода намоем[2].

Дар шароити мураккаби рушди кишварҳо, шиддати буҳрони иқтисодӣ баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон истиқрори муносибатҳои дипломатӣ аз 7-уми январи соли 1993 тавассути мубодилаи нотаҳои дипломатӣ сурат гирифтанд. Барои ташаккули заминаи ҳуқуқии муносибати кишварҳо сафари Эмомалӣ Раҳмон ба Қазоқистон 13-уми январи соли 1993 аҳамияти хосса дошт. Дар чаҳорчӯбаи он санади хеле муҳим «Аҳднома дар бораи асосҳои муносибат байни Тоҷикистону Қазоқистон» имзо карда шуд, ки мутобиқи он самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии ҳар ду кишвар, ҳифзи истиқлоли давлатӣ, муозинат дар робитаҳои байнидавлатӣ, эҳтиром ва дахолат накардан ба сиёсати дохилии кишвар,

[1] Тургамбаев, А. Основные этапы развития внешней политики Республики Казахстан [Электронный ресурс] / А. Тургамбаев. – Режим доступа: https://interaffairs.ru/jauthor/material/2212 (дата обращения: 29.11.2021).
[2] Шарипов, А.Н. Марҳалаҳои асосии ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.Н. Шарипов // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ “Самтҳои афзалиятнок ва дурнамои тавсеаи сиёсати бисёрсамтаи Тоҷикистон дар шароити муосир" (ш.Душанбе, 11 декабри соли 2019). – Душанбе, 2019. – С.80.

талош намудан барои ҳамкориҳои байниҳамдигарӣ дар сатҳи идоракунии давлатӣ муайян шудааст[1].

Маҳз дар натиҷаи ин иқдомот равобити ҷонибҳо дар заминаи эътимоди собит ва ҳамкориҳои мутақобила тадриҷан рушд ёфт, ки ҳамзамон ба ҳалли масоили сарҳадӣ ва раванди музокироти байни тоҷикон таъсири мусбӣ гузошт.

Тамоюли рушд ва таҳаввули робитаҳои дипломатии Тоҷикистон ва Қаоқистон дар доираи мавқеи монанд доштан дар самти сиёсати хориҷӣ, зарурати таъмин гардидани амнияти кишварҳо дар минтақа, истодагарӣ намудан ҳангоми зуҳури ҳама гуна хатарҳои таҳдидкунанда, шабеҳи якдигар будани сохторҳои сиёсӣ ва идораи давлатӣ, имкони ҳамкориҳои мутақобилаи судманд, тақвияти ҳамкориҳо дар сатҳи минтақа, ҳифзи манфиатҳои муштарак дар соҳаҳои сиёсати хориҷӣ, миллӣ ва ҷаҳонии дар ҳар ду кишвар аҳамияти махсус доранд.

Дар марҳалаи аввали ташаккули сиёсати хориҷӣ баробари воридшавӣ ба сахнаи ҷаҳонӣ ва пайдо намудани мақоми хос дар ҷомеаи ҷаҳон яке аз вазифаи муҳимтарини ташаккул ва таҳаввули  сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муваффақ шудан дар самти комёбӣ ба сулҳ ва ризоияти миллӣ дар мамлакат ба шумор меравад. Бо дастёбӣ ба мавқеи устувори роҳбари давлат ва сиёсати пешгирифтаи ӯ дар ин ҷода халқи тоҷик 27 июни соли 1997 ба мақсади аслии худ расиданд. Ҳамон рӯз Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари мухолифин Саид Абдуллоҳи Нурӣ санади хеле муҳимми сиёсӣ «Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон»-ро ки барои миллати тоҷик бисёр зарур буд, имзо намуданд[2].

Бояд ёдовар шуд, баробари дигар ташкилоту созмонҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ, кишварҳо халқи қазоқ низ, махсусан роҳбари он дар сарҷамъ ва ба зиндагии осоишта баргардонидани мардуми тоҷик бисёр нақши назаррас

[1] Токаев, К. Под стягом независимости. Очерки о в.п. Казахстан [Текст] / К. Токаев. – Алматы: Білім, 1997. – С.115.

[2] Шарипов, А. Эмомалӣ Раҳмонов – поягузори сулҳ ва Ваҳдати миллӣ [Матн]: сиёсати дохилӣ ва хориҷии Президенти Тоҷикистон дар солҳои 1996-1999 / А. Шарифов, С. Фатоев. – Душанбе: Деваштич, 2006. – К.2. – С.129.

доранд. Намояндагони Қазоқистон аз солҳои аввали музокироти сулҳи тоҷикон (соли 1994) то анҷоми он (соли 1997) чун намоянда иштирок карданд ва ҳамчун кафили сулҳ дар Тоҷикистон суханронӣ намуда, худро кафили сулҳи тоҷикон номиданд. Ҳамчунин, мардуми Ҷумҳурии Қазоқистон дар рафти ҷанги шаҳрвандӣ ба гурезагон ва муҳоҷирони иҷбории тоҷик ёрии худро дареғ надонистанд ва дар вазъити буҳронии кишвар ба мо кӯмаки башардӯстонаи худро расониданд. Қобили тазаккур аст, ки баталиони сулҳхоҳи қазоқ солҳои 1993 - 2001 дар дифои сарҳадҳои ҷумҳурӣ ширкат ва баҳри ба эътидол омадани вазъи сиёсӣ дар кишвар хизмат намуд[1].

Ҳангоми хизмат дар сафи неруҳои дастаҷамъонаи муҳофизи сулҳ дар кишвари мо 50 сарбози қазоқ вафот кардааст[2].

Нахустин сафари расмии аввалин Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 13 июни соли 2000 саҳифаи наверо дар муносибат миёни кишварҳо боз намуд. Дар натиҷаи сафар 8 ҳуҷҷати хоси ҳукуматӣ ва идорӣ ба имзо расид, ки пойгоҳи аҳдномавӣ-ҳуқуқии ҳамкории кишварҳоро таҳким бахшиданд[3].

Давраи аввали рушди сиёсати хориҷӣ ба шакли номуназзам чараён дошт. Зеро, дар солҳои охири асри XX кишварҳои Осиёи Марказӣ ба таъсиси сохторҳои идоракунии давлатӣ ва пайдо намудани мавқеи устувор дар арсаи байналхалқӣ машғул ва ба татбиқи ҳадафҳои миллӣ талош доштанд. Аз рӯзҳои аввали истиқлол кишварҳо сиёсати хориҷии сулҳхоҳонаро барои ташаккули имиҷи мусбат дар саҳнаи ҷаҳонӣ пайгирӣ намуданд.

Ташаббуси Қазоқистон дар ин самт барои дасткашӣ аз мероси ҳастаӣ, ихтисори аслиҳаи қатли ом ва ташаккули имиҷи мусбати кишвар муассир буд. Маҳз ин омил барои эътирофи Қазоқистон ҳамчун кишвари масъул ва

---

[1] Kazakhstan in focus: ten years of independence. Center of foreign Policy and Analysis [Text]. – Almaty, 2002. – P.155.

[2] Истинные арийцы. Интервью с ЧПП РК в РТ Е.Абильдаевым [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http.www.express.kz (дата обращения: 20.11.2019).

[3] Комилов, Н. Марҳалаҳои асосии ташаккули ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон дар даврони истиқлол [Матн] / Н. Комилов, А. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – №1. – С.58.

ташаббускор замина гузошт. Ин муваффақият поягузори воқеии роҳандозии сиёсати бисёрсамта гардид.

Моҳияти сулҳхоҳона ва воқеъбинонаи сиёсати хориҷии кишвар баръало дар пешбурди пайгиронаи равандҳои ҳамгирои дар фазои пасошуравӣ, рушди ҳамкориҳо бо Федератсияи Русия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, ташаббуси бунёди МҲТБО ва татбиқи сиёсати бисёрсамтаи хориҷӣ инъикос мегардад.

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон 28.01.1993 аввалин Конститутсияи кишвари соҳибихтиёрӣ ҳуқуқбунёд қабул карда шуд, ки ба шакли идоракунии ҷумҳурии парлумонӣ хос буд. Конститутсияи амалкунанда 30 августи соли 1995 дар заминаи райъпурсии умумихалқӣ қабул гардид. Ҳарчанд, вобаста ба рушди равандҳои байналмилалӣ ва талаботи замон ба он шаш бор тағйирот ворид гардид, вале моҳияти сиёсати хориҷии сулҳхоҳона бетағйир боқӣ монд[1].

Дар марҳалаи аввали истиқлоли давлатӣ (солҳои 1991 – 2000) Ҷумҳурии Қазоқистон аз ҷониби 117 кишвари ҷаҳон эътироф шуд ва ҳамзамон бо 105 кишвар муносибати дипломатӣ барқарор кард. Дар хориҷ 26 сафорати Қазоқистон ифтитоҳ шуд. Дар Алмаато 40 сафорат ва намояндагиҳои хориҷӣ, 16 намояндагии созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ фаъолият доштанд. Зиёда аз 800 Аҳднома ва Созишномаи байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ ба имзо расид[2].

Боиси таъкид аст, ки бинобар таҳаввулоти ҷаҳонӣ ва рушди дохилӣ мардуми мо ба Конститутсия се маротиба бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ тағйирот ворид сохтанд. Аммо меъёре, ки дар моддаи 11-и Конститутсия дарҷ шуда буд, аслан боқӣ монд, баробари ин моҳияти сулҳхоҳӣ, фарҳанги башардӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣи кишварҳо, арзишҳои таърихӣ ва тамаддуни волои халқи тоҷик таъбир мегардид.

---

[1] Конституция Казахстана [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://ru.wikipedia.org/wiki/Конституция_Казахстана#Конституция_Республики_Казахстан_1993_года (дата обращения: 21.11.2020).

[2] Назарбаев, Н. Евразийский Союз: идеи, практика, перспективы 1994-1997 [Текст] / Н. Назарбаев. – М.: Фонд содействия развитию социальных и политических наук, 1997. – С.18.

Аз марҳалаи аввал натиҷагирӣ намуда, ташаккули сиёсати хориҷӣ, махсусияти сиёсати давлатӣ ҷиҳати таҳкими ниҳоди давлатдории миллӣ, таъмини амнияти ҳозира ва минбаъдаи кишвар, дарёфти мақоми махсус дар сиёсати ҷаҳонӣ равона гардидааст, ки кишварҳо барои ноил гардидан ба ин ҳадафҳои номбурда тамом кӯшишҳоро ба харҷ додаанд.

**Марҳалаи дуюми** сиёсати хориҷии кишварҳо раванди фарогири он дар ибтидои ҳазораи навин мебошад, ки марҳалаи рушд гуфта мешавад. Ин марҳала бо воқеаҳои 11 сентябри соли 2001 дар ИМА ва тағйирёбии вазъи сиёсию геополитикии ҷаҳон алоқаманд мебошад.

Солҳои охир низоми байналмилалӣ бо хусусиятҳои рушди худ таҳдиду хатарҳои ҷиддиеро ба амнияти миллии Тоҷикистон ва манфиатҳои ҳаётан муҳимми давлат эҷод менамояд. Дар ин радиф, дар арсаи ҷаҳонӣ воқеаҳои нави сиёсӣ ва иқтисодӣ ба амал омада истодаанд, ки боиси тағйирёбии низом дар муносибатҳои байналхалқии замони муосир ва оянда мегарданд[1].

Дар ин самт, 24 сентябри соли 2002 Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аввалин Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ намуд, ки ҳамчун санади муҳимми сиёсӣ низоми назарҳои расмиро доир ба самтҳои асосӣ ва афзалиятҳои фаъолияти байналхалқии кишвар инъикос менамояд. Ин санад дар ҷодаи эълон намудани таҳияи сиёсати хориҷии «дарҳои кушода» нахустин қадам гардид, ки тамоми паҳлӯҳои муносибатҳои байнидавлатӣ, самтҳои сиёсати хориҷии бисёрсамта ва робитаҳои байналхалқиро ифода менамуд[2].

Дарки нисбатан амиқи равандҳои дар ин зернизоми минтақавӣ ҷараёндошта ба шинохти вижагӣ ва моҳияти сиёсати ҳам иштирокчиёни он ва ҳам бозингарони хориҷӣ вобаста аст. Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали арси XXI хислати бисёрсамтаро касб намуд. Сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон дар асоси санадҳои меъёрӣ-

---

[1] Сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва роҳҳои нави мутобиқгардонии он ба низоми байналмилалӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: https://khovar.tj/2019/10/siyosati-hori-ii-to-ikiston-va-ro-oi-navi-mutobi-gardonii-on-ba-nizomi-bajnalmilal (санаи муроҷиат: 11.07.2022).

[2] Внешняя политика стран СНГ [Текст]: учеб. пособие для студентов вузов / ред.-сост. Д.А. Дегтерев, К.П. Курылев. – М.: Аспект Пресс, 2017. – С.349.

ҳуқуқии байналхалқӣ ва эҳтироми истиқлоли давлатии кишварҳо татбиқ карда мешавад. Сиёсати бисёрсамта кишвари дар асоси сиёсати «дарҳои кушода» роҳандозӣ мегардад[1], мантиқан ин навъи сиёсати хориҷӣ мувозинат дар робитаҳои хориҷиро нигоҳ дошта, ҳангоми ташаккули он Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳамкориҳои байнидавлатӣ бо назардошти эътирофи манфиатҳои якдигар, муносибатҳои дутарафа дар соҳаҳои мухталиф, баробар ва ҳамкории судмандро бо кулли кишварҳои олам вусъат медиҳад[2].

Мақсади аввалиндараҷаи сиёсати хориҷии мамлакат ҳимояи манфиатҳои стратегии кишвар ва шаҳрвандои он дар хориҷа мебошад, ки дар асоси пайдо намудани имкони мусоид дар хориҷа бобати рушди босуботи давлат, мусоидат ба таҳкими пайвастаи пояҳои истиқлолу давлатдории миллии тоҷикон ва кӯшишҳои мунтазам барои дарёфти ризоият ва манфиатҳои мутақобила бо кишварҳои хориҷӣ, ҳамроҳшавӣ ба ниҳодҳои бонуфузи байналмилалӣ, ки дар рафти он вазифаҳои авлавиятноки сиёсати хориҷии давлат бо усули бисёрсамта амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тариқ, сиёсати хориҷии «дарҳои кушода»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар асоси пиринсипҳои дӯстона ва сулҳхоҳона рушд намуда, Тоҷикистон омода аст бо тамоми кишварҳои олам дар асоси эътирофи манфиатҳои тарафайн, нигоҳдории муовознати робитаҳои дипломатии байнидавлатӣ дар ҳамаи соҳаҳоро ба хотири ҳифзи манфиатҳои дохилии кишвар рушд диҳанд. Сиёсати бисёрсамтаи хориҷӣ бошад, ҳамчун унсури рушди робитаҳои дӯстӣ ва пешгӯйишаванда бо он кишварҳое мебошад, ки дар сиёсати ҷаҳонӣ, манфиати махсуси кишварҳоро доро мебошад.

Ҷумҳурии Қазоқистон низ дар сиёсати хориҷии худ ба масъалаи амният аҳамияти хоса дода ва бар муқобили хатарҳои муосир ва таъмини суботи минтақа зарурати талошҳои дастаҷамъона таъкид месозад[3].

---

[1] Ризоён, Ш.Ш. Национальные интересы во внешней политике Республики Таджикистан: структура и специфика [Текст]: дисс... канд. полит. наук / Ризоён Шерали Шукруллозода. – Душанбе, 2017. – С.10.

[2] Эмомали Рахмон о современном мире и основных аспектах внешней политики Республики Таджикистан [Текст] / сост.: З.Ш. Саидов (З.Ш. Сайидзода), М.Р. Камолова. – Душанбе: ООО «Контраст», 2019. – С.12.

[3] Концепция внешней политики Республики Казахстан на 2014-2020 гг. [Электронный ресурс]: утверждена Указом Президента Республики Казахстан от 21 января 2014 года №741. – Режим доступа:

Маълум буд ки кишварҳои тозаистиқлол наметавонанд, дар муқобили хатарҳои муосир дар алоҳидагӣ истодагарӣ намоянд, аз ин лиҳоз, ҳамроҳ гардидан ба ИДМ, СААД ва СҲШ идомаи судманди сиёсати хориҷӣ барои таъмини амнияти Тоҷикистону Қазоқистон арзёбӣ мегардад. Мавқеи кишварҳо доир ба чунин масъалаҳо, аз қабили мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, одамрабоӣ, қочоқи маводи мухаддир ва аслиҳа бо ҳам мувофиқат менамояд. Вобаста ба риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон низ мавқеи давлатҳо мушобеҳ мебошад[1].

Ташаккули платформаи боэътимоди рушди робитаҳои байниҳамдигарӣ яке аз омилҳое мебошад, ки дар заминаи онҳо сиёсати берунаи кишварҳо дар асоси дипломатия ва гуфтушунидҳо дар сатҳи бисёрҷониба дар доираи ташкилотҳои байналхалқӣ СММ, ИДМ, СҲШ, ҶИАО, САҲА, СААД бо ҳам омаданд. Таҳлили намудан аз натиҷаи иштироки кишварҳо дар созмонҳои номбурда аз мувофиқати дурусти давлатҳо оид ба масъалаҳои муҳимми минтақавӣ ва байналхалқӣ, ба монанди таҳкими равандҳои ҳамгироӣ, таъмини амнияти минтақавию байналхалқӣ, мубориза дастаҷамъона бар муқобили терроризм, амалҳои ифротӣ, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир гувоҳӣ медиҳад[2].

Ба сиёсати бисёрсамтаи хориҷӣ рӯ овардан, аз мавқеи геополитикӣ ва муҳити зисти кишварҳои ҷаҳон вобастагӣ дорад. Зеро Осиёи Марказӣ, ҳамеша дар зери  таваҷҷуҳи махсуси кишварҳои абарқудрати ҷаҳон – Русия, Хитой, ИМА қарор дорад. Ҳамзамон, бозингарони бузурги минтақавӣ – Туркия, Ҳиндустон, кишварҳои Шарқи Наздик ва Иттиҳоди Аврупо ҳамкорӣ бо минтақаро яке аз манфиатхои муҳим дар самти робитаҳои хориҷии кишварашон медонанд.

---

http://mfa.gov.kz/ru/erevan/content-view/koncepcia-vnesnej-politiki-rk-na-2014-2020-gg (дата обращения: 24.04.2021).

[1] Таджикистан и Казахстан имеют огромный потенциал для многогранного сотрудничество [Электронный ресурс].– Режим доступа: http://www.zakon.kz/4675334 - tadzhikistan-i-kazakhstan-imejut.html (датаобращения: 15.05.2019).

[2] Казахстан-Таджикистан [Текст]: дружба на века. – Душанбе, 2006. – С.52.

Аз дигар тараф, зиёд гардидани таҳдиду хатарҳои муосир дар арсаи байналхалқӣ, ки бо терроризм, ифротгароии динӣ, қочоқи маводи мухаддир, муҳоҷирати ғайриқонунӣ пайвастагӣ доранд.

Омилҳои номбурда зимни ташаккул ва пешбурди самти сиёсати хориҷии кишварҳо ба инобат гирифта шуданд.

Дар солҳои рушди мустақилона Қазоқистон чун дар Осиёи Марказӣ мавқеи пешсаф касб намуд, ҳамкорӣ бо кишварҳои минтақа бо назардошти муштаракоти таърихӣ, қавмӣ, инчунин зарурати таъмини амнияти миллӣ, пешгирӣ ва муқовимат бо таҳдидҳо яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ дар сатҳи минтақавӣ ба шумор мерафт[1].

Фурӯпошии низоми duқутбаи тартиботи ҷаҳонӣ ва зуҳури аломатҳои бисёрқутбӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ, зарурати пешбурди сиёсати хориҷиеро ба миён овард, ки ба воқеияти ҷаҳони муосир манфиатҳои миллӣ ва давлатии Қазоқистон ҷавобгӯ бошад[2].

Консепсияи сиёсати хориҷӣ, ки аз ҷониби Шурои амнияти Ҷумҳурии Қазоқистон 15 марти соли 2001 тасдиқ шуд, ба марҳалаи нави ташаккули сиёсати хориҷии Қазоқистон асос гузошт. Мисли асноди қаблӣ, он ба усули бисёрсамта афзалият медод. Истилоҳи «бисёрсамта» ба маънои сиёсати созгору воқеӣ метавонист байни талош ва имконоти Қазоқистон дар арсаи байналмилалӣ як навъ тавозун эҷод намояд. Моҳияти он консепсия дар ташаккул ва рушди мутақобила бо тамоми кишварҳо ифода меёфт[3]. Ҳарчанд ба таври расмӣ эълом намудани ин сиёсат дар кишвар нисбатан пештар сурат гирифт, вале дар амал татбиқ гардидани он дар оғози асри XXI рост меояд.

Сарфи назар аз мутобиқати меъёрҳои Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон ба воқеияти он замон, соли 2001 ба ин ҳуҷҷат тағйироти муайян ворид шуд. Ҳодисаҳои террористии 11 сентябри соли 2001,

---

[1] Фаизова, Р.С. Роль Республики Казахстан в интеграционных процессах на постсоветском пространстве (1991-2010 гг.) [Текст]: автореф. дисс... канд. истор. наук / Фаизова Рената Сергеевна. – М., 2011. – С.16.

[2] Токаев, К.К. Под стягом независимости. Очерки о в.п. Казахстан [Текст] / К. Токаев. – Алматы: Білім, 1997. – С.14-15.

[3] Комилов, Н. Ташаккули сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар охири асри XX [Матн] / Н. Комилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2021. – №7. – С.36.

зуҳур ва ташаккули низоъҳои мухталиф дар кишварҳои Афғонистон, Сурия ва Ироқ, боиси афзун гардидани амалҳои террористӣ ва экстремистӣ мегарданд. Ҳодисаҳои ногувори солҳои охир дар ҷаҳон мутахассисон ва коршиносони соҳаро водор намуд, ки ба вазъити ҷаҳони муосир бо нигоҳи нав бингаранд. Вобаста ба ин, соли 2005 бо фармони Президент Нурсултон Назарбоев ба консепсияи сиёсати хориҷӣ баъзе тағйиротҳо ворид шуданд. Ин дафъа дар назди Қазоқистон як мушкилии наве ба миён омад, ки бояд ҳал мешуд – ҳимояи манфиатҳои Ҷумҳурии Қазоқистон дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун як пешсафи нави минтақа. Татбиқи стратегияи сиёсати хориҷӣ ба риояи қоидаи «аввал иқтисод, баъд сиёсат» шурӯъ гардид. Афзалиятҳо аниқ муайян карда шуданд: Русия, Чин, ИМА, Иттиҳоди Аврупо, Осиёи Марказӣ ва ҷаҳони ислом[1].

Дар марҳалаи дуюм сиёсати хориҷии кишварҳо заминаи асноди ҳуқуқӣ (Консепсияи сиёсати хориҷӣ) моҳиятан бо баъзе нуқтаҳои Паёмҳои солона ба Парлумон комил гардид.

Новобаста аз он, ки кишварҳо расман сиёсати бисёрсамтаро пеша намуданд, таваҷҷуҳи хос нисбат ба якдигар – самти Осиёи Марказӣ ва зарурати тавсеаи ҳамгироии минтақавӣ дар равобити мутақобила ва заминаи ҳуқуқии он возеҳ ва баръало ба назар мерасид.

Бинобар буҳрони молиявии ҷаҳонӣ дар солҳои 2008-2009, афзоиши нақши иттилоот дар пешрафти кишварҳои ҷаҳон зуҳури падидаи «Баҳори араб», шиддати рақобати геополитикии кишварҳои абарқудрат ва терроризми худкифо дар амалкарди ҳар ду кишвар ҷиҳати вокуниш ба онҳо як навъ ҳамоҳанги дар самтгирии сиёсати хориҷӣ фароҳам омад.

Маҳз дар ҳамин марҳала Тоҷикистон ва Қазоқистон дар саҳнаи байналмилалӣ ҳамчун кишварҳои ташаббускор эътироф гардида, сиёсати бисёрсамтаи хориҷиро амалан роҳандозӣ намуданд.

---

[1] Тургамбаев, А. Основные этапы развития внешней политики Республики Казахстан [Электронный ресурс] / А. Тургамбаев. – Режим доступа: https://interaffairs.ru/jauthor/material/2212 (дата обращения: 29.11.2021).

Дар тамоми санадҳои расмӣ доир ба сиёсати хориҷӣ, баромадҳои расмӣ ва Паёмҳои солона муносибат бо Қазоқистон дар баробари дигар шарикони стратегӣ дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон мавқеи муҳимро касб кард.

Дар маҷмуъ, равобит ва ҳамкории Тоҷикистон ва Қазоқистон дар оғози садаи XXI амалан ба марҳалаи воқеан нав - марҳалаи ҳамкории бунёдӣ ва васеи муосир дохил мешавад, ки ба манфиатҳои ду кишвари дӯст ва пешрафтаи обод дар Осиёи Марказӣ ҷавобгӯ мебошад. Маҳз ин сатҳи ҳамкорӣ барои гузариш ба марҳалаи васеи робитаҳои мутақобила мусоидат намуд, ки онро метавон шарикии стратегӣ номид.

**Марҳалаи сеюми сиёсати хориҷӣ** марҳалаи таҳаввул мебошад, ки баъд авҷ гирифтани рақобатҳои геополитикӣ ва баъд аз муайян намудани бартарияти сиёсати хориҷии бисёрсматаи кишварҳо оғоз мегардад.

Бо назардошти тағйиротҳои куллӣ ва ҷузъӣ дар ҷахони муосир, зуҳури таҳдиду хатарҳои ба вазъи дохилии кишварҳои соҳибистиқлол, истодагарӣ намудан бар муқобили онҳо дар таърихи 27 январи соли 2015 Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли нав қабул карда шуд, ҳамчун ҳуҷҷати муҳимми сиёсӣ инъикоскунандаи нигоҳи расмӣ нисбат ба тамоюлоти муосири муносибатҳои байналхалқӣ, вазъи мураккаби ҷаҳонӣ, самтҳои асосӣ ва авлавиятноки сиёсати хориҷии кишвар дар арсаи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад[1].

Бо қабули Консепсияи сиёсати хориҷӣ мамлакат дарки муосири мавқеияти геополитикӣ Тоҷикистон дар сиёсати хориҷӣ рӯйи кор оварда шуд. Аҳамияти мавқеъгирӣ дар сиёсати хориҷӣ аз он иборат аст, ки кишварҳо бо назардошти он мавқеи ҷойгиршавӣ ва муносибатҳоро дар шаклҳои мухталиф вобаста ба мавқеъ муайян менамоянд. Дар асоси ин санад, кишвар меъёри муҳимми тартиботи умумиҷаҳониро риояи амалии тавозун

[1] Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]: бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст. – Низоми дастрасӣ: https://www.mfa.tj/tg/main/view/4255/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston (санаи муроҷиат 20.10.2021).

байни равандҳои ҷаҳонишавӣ ва манфиатҳои миллии ҳар як кишвар меҳисобад [1].

Вале дар баробари рушди ҳамкориҳои мутақобила бо кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар сиёсати хориҷии кишварҳо равобити минтақавӣ афзалият дошт, ки аз арзишҳои таърихӣ, манфиатҳои муштарак ва зарурати ҳалли дастаҷамъонаи масоили мубрами амниятӣ шаҳодат медиҳанд. Чи хеле ки дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ шудааст: «Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсоя ва минтақа мақоми авлавиятнокро касб намуда, минбаъд ҷонибдори вусъат бахшидани таҷрибаи мусбии бисёрасра ва созандаи ҳамзистӣ бо мардумони Осиёи Марказӣ мебошад[2].

Дар ин радиф Пешвои миллат соли 2021 дар Паём ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуданд, «Мо ҳамеша ҷонибдори рушди ҳамкориҳои созанда бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар асоси усули дӯстиву ҳамкорӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва эҳтирому эътимоди тарафайн дар минтақа мебошем»[3].

Қазоқистон 21 январи соли 2014 Консепсияи сиёсати хориҷии худро қабул намуд, ки дар дипломатияи бисёрсамта, тарҳи иқтисодии сиёсати хориҷӣ ва пешбурди манфиатҳои миллӣ бар асоси усулҳои воқеӣ аз авлавияти сиёсати хориҷӣ дониста мешуд[4].

Дар ин консепсия дар фарқ аз консепсияҳои қаблӣ ба нуфузи нақши байналмилалии Қазоқистон, зуҳури тамоюлҳои усулан нав дар сиёсат ва иқтисоди ҷаҳони муосир таъкид мешуд[5].

---

[1] Ризоён, Ш.Ш. Национальные интересы во внешней политике Республики Таджикистан [Текст] / Ш.Ш. Ризоён. – Душанбе: Дониш, 2020. – С.120.

[2] Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]: бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Точикистон аз 27 январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст. – Низоми дастрасӣ: https://www.mfa.tj/tg/main/view/4255/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston (санаи мурочиат 20.10.2021).

[3] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21.12.2021 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://prezident.tj/node/27417 (санаи мурочат: 15.02.2022).

[4] Идрисов, Е.А. Контуры казахстанской дипломатии до 2020 года. Концепция внешней политики РК на 2014-2020 годы и задачи по ее реализации [Текст] / Е.А. Идрисов // Материалы «круглого стола» (11 апреля 2014 г.). – Алматы, 2014. – С.111.

[5] Идрисов, Е.А. Контуры казахстанской дипломатии до 2020 года. Концепция внешней политики РК на 2014-2020 годы и задачи по ее реализации [Текст] / Е.А. Идрисов // Материалы «круглого стола» (11 апреля 2014 г.). – Алматы, 2014. – С.111.

Консепсияҳои қабулнамудаи сиёсати хориҷии кишварҳо дар асоси принсип ва вазифаҳои мушаххаси муайянгардидаи хориҷӣ таҳия шуда, ҳадафҳои дарозмуддати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистонро дар амал татбиқ менамояд ва самтҳои афзалиятноки онро бо назардошти вазъияти замони муосир рушд медиҳад. Дар тамоми ин аснод, изҳороти расмӣ ва Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибат бо Қазоқистон дар баробари дигар кишварҳои минтақавӣ дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон мақоми хосса доранд.

Эъломи усулҳои асосии сиёсати хориҷӣ, моҳият ва самтҳои афзалиятноки он, мавҷуд набудани мамлакатҳои муқобил дар самти муносибатҳои судманди байналхалқӣ, омодагӣ ба ҳамкориҳои байнидавлатӣ бо тамоми кишварҳои сулҳпарвар ва манфиатдори миллӣ моҳият ва принсипи Консепсияҳои сиёсати хориҷии кишварҳоро ташкил менамояд. Ин аснод дар асл идомаи мантиқии сиёсати хориҷии кишварҳоро инъикос менамуд, ки маҳз тавассути он кишварҳо дар ҷомеаи ҷаҳонӣ бо пешбурди сиёсати фаъоли иқтисодии хориҷӣ ва дипломатияи ташаббускор ба мақоми эътироф ва дигар дастовардҳои назаррас ноил шуданд.

Бояд таъкид кард, ки рушди тадриҷии ҳамкориҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар марҳалаи таҳаввули сиёсати хориҷии кишварҳо ба сатҳи нав баромад. Маҳз дар заминаи тавофуқи пурраи кишварҳо доир ба дурнамои ҳамкорӣ, мувоффиқ будани мавқеи онҳо ба масъалаҳои асосии минтақавию байналхалқӣ ва эътимоди мутақобилаи Тоҷикистон бо Қазоқистон дар доираи сафари Президенти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев (14 сентябри соли 2015) Созишнома дар бораи шарикии стратегӣ ба имзо расид, ки ҳамкории кишварҳоро дар сатҳи воқеан нав баровард ва миёни онҳо дар самти рушди минбаъдаи ҳамкориҳо шароити мусоид фароҳам сохт[1].

[1] Договор о стратегическом партнерстве между Республикой Казахстан и Республикой Таджикистан (Вступил в силу 20 апреля 2017 года) [Текст] // Бюллетень международных договоров РК. – 2017. – №2. – С.27 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://adilet.zan.kz/rus/docs/ Z1600000019 (дата обращения: 12.11.2021).

Тавре Нурсултон Назарбоев дар рафти сафари расмии Эмомалӣ Раҳмон, (14 марти соли 2018) ба Қазоқистон зикр намуд: «Мо ҳеҷ гоҳ мушкилиҳои ҳалношуда надорем, ҳамдигарро доимо ва дар ҳолатҳои гуногун, аз ҷумла дар миқёси байналхалқӣ дастгирӣ менамоем»[1]. Дар ин ҷода, сарони ду давлат омодагии худро дар самти дастгирии ташаббусҳои якдигар дар сатҳи байналхалқӣ иброз намуданд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки: «Муносибат бо Қазоқистон дар сиёсати хориҷии мо мавқеи муҳим ва мо барои рушди минбаъдаи ҳамкориҳо манфиатдорем»[2].

Тоҷикистон ва Қазоқистон, ҳамчун шарикони стратегӣ ба таъмини амнияти минтақавӣ дар чаҳорчӯбаи дуҷониба ва бисёрҷониба аҳамияти махсус зоҳир менамоянд. Байни Тоҷикистон ва Қазоқистон муносибат дар бахши амният бар асоси маҷмуи аснод дар соҳаҳои ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникӣ барқарор гаштааст. Муносибат байни мақомоти мудофиавии ду кишвар дар заминаи робитаҳоии суннатии таърихӣ, анъанаҳои дӯстӣ ва ҳамкории халқҳо мустаҳкам гаштааст.

Самтҳои асосии ҳамкории ҳарбии кишварҳо дар навъҳои зерин муайян гардидааст:

- омӯзиш ва тайёр намудани хизматчиёнии ҳарбӣ дар муассисаҳои ҳарбӣ-таълимии Тоҷикистон ва Қазоқистон;
- омоданамоии мутахассисони баланди ҳарбӣ-илмӣ ва ҳарбӣ-педагогӣ дар кишварҳо;
- ҳалли мушкилиҳои таъминоти моддӣ-техникии артиш;
- мубодилаи маълумоти ҳарбӣ-техникӣ ва махсус [3].

Тоҷикистон ва Қазоқистон омили асосии амн мондан кишварашонро аз ҳама гуна таҳдиду хатарҳои байналхалқии муосир дар густариши робитаҳои

---

[1] Назарбаев: Казахстан готов к обсуждению любых вопросов с Таджикистаном [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://tj.sputniknews.ru/asia/20180314/1025002782/tajikistan-kazakhtan-rahmon-nazarbaev-vizit.html. (дата обращения: 10.11.2019).

[2] Мулоқоту музокироти сатҳи олӣ миёни Тоҷикистон ва Қазоқистон (14.03.2018, Қазоқистон) [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.president.tj/node/17259 (санаи муроҷиат: 14.09.2019).

[3] Двусторонние связи республики Таджикистан и республики Казахстан [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://group-global.org/ru/publication/31978-dvustoronnie-otnosheniya-mezhdu-respublikoy-tadzhikistan-i-respublikoy-kazahstan (дата обращения: 20.04.2016).

судманд бо созмонҳои минтақавӣ ва байналхалқи махсусан ИДМ, СҲШ, СААД, МҲТБО, САҲА, СММ ва дигар созмонҳо мебинанд[1].

Тағйиротҳои муназзам дар ҷаҳони муосир, ки ба оғози даҳсолаи сеюми асри XXI рост меоянд ба амалишавии ҳадафҳои стратегии миллии рушд ва сиёсати хориҷӣ дар минтақа бе таъсир намемонанд. Хуруҷи бемори сироятии коронавирус ҷиҳати ташаккули судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 таъсири манфӣ расонид. Барои ҳифз ва ҳимояи саломатии аҳолии кишвар Ҷумҳурии Тоҷикистонро лозим омад усули канораҷӯйиро интихоб намояд[2].

Ба Қазоқистон низ пандемия мувофиқи арзёбии натиҷаҳои сол аз ҳама бештар ба соҳаи хизматрасонӣ таъсир гузошта ва суръати афзоиши манфии он ба 5,6 фоиз расид. Дар маҷмӯъ, маҷмӯи маҳсулоти дохилии Қазоқистон дар соли 2020 2,6% коҳиш ёфт[3].

Шиддат гирифтани рақобатҳо байни абарқудратҳои ҷаҳон бо бухронҳои иқтисодии ҷаҳон ва вазъи эпидемиологӣ рост меомад, ки омили ҳамкорӣ дар байни кишварҳои минтақа гардад. Кишварҳои минтақаро лозим меомад ҷиҳати бартараф намудани таъсири манфии омилҳои болозикр робита ва хамоҳангсозии рушди кишварҳоро бо хамдигар мувофиқ созанд.

Маҳз дар шароити инзивои ҳамагонӣ арзиши ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкориҳои мутақобила возеҳ гардид. Ба Тоҷикистон дар соли 2020 43 кишвар ёрии башардӯстона расонид. Дар шароити пандемия ҳамкории Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шакли дуҷониба тақвият ёфт, аз ҷумла Қазоқистон ба Тоҷикистон панҷ ҳазор тонна орд фиристод[4]. 23 декабри соли 2020 Қазоқистон ба Тоҷикистон барои табобати беморон ва пешгирии бемории КОВИД - 19 зиёда аз 100 дастгоҳи нафасдиҳии

---

[1] Казахстан-Таджикистан [Текст]: взаимодействие во имя процветания двух народов. – Астана, 2010. – С.4.

[2] Майтдинова, Г.М. Таджикистан в геополитических трендах в начале третьего десятилетия XXI в. [Текст] / Г.М. Майтдинова // Постсоветские исследования. – 2021. – Т.4. – №1. – С.10.

[3] Маркова, А. Как год пандемии повлиял на Казахстан [Электронный ресурс] / А. Маркова. – Режим доступа: https://kz.kursiv.media/2021-03-13/kak-god-pandemii-povliyal-na-kazakhstan/ (дата обращения: 01.09.2022).

[4] Гуманитарная помощь: Таджикистан от Казахстана получил 5 тысяч тонн муки [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://l.facebook.com/l.php?u=http%3A%2F%2Favesta.tj%2F2020%2F05%2F13%2Fgumanitarnaya-pomoshh-tadzhikistan-poluchil-ot-kazahstana-pyat-tonn-tys-muki (дата обращения: 10.09.2022).

«Кокчетав-4П» ҳамчун кумаки башардӯстона, равон намуд, ки он таҷҳизот дар корхонаи «Тыныс»-и шаҳри Кокшетауи Қазоқистон истеҳсол карда шуданд [1].

Барои бартараф намудани оқибатҳои бухрон, ки дар пандемияи коронавирус ба вуҷуд омада буд, Ҳукумати кишвари Қазоқистон моҳи июни соли 2021 ба Тоҷикистон 10 ҳазор тонна орди гандум ба арзиши 1 млрд. 285 млн. танга ё худ 3 млн. 669 ҳаз. долл. ёрии башардӯстона равон кард. Тибқи сарчашмаҳои дигари қазоқӣ дар соли 2021 ба арзиши умумии 4,3 миллион доллар ёрии башардӯстона ворид сохт[2].

Бо назардошти зуҳури тамоюлоти нав дар замони муосир ва таъсири он вазъи робитаҳои Тоҷикистон ва Қазоқистонро ба таври зер тасниф намуд:

- Таҳкими нуфузи Тоҷикистон ва Қазоқистон дар сатҳи байналхалқӣ;
- Тавсеаи муносибатҳои дуҷонибаи сиёсӣ ва расидан ба сатҳи шарикии стратегӣ аз 14 сентябри соли 2015[3].
- Рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ дар миёни кишварҳо, агар соли 2000 табодули мол миёни ду кишвар 88,1 млн долларро ташкил медод[4], пас ин нишондод дар соли 2021 наздик ба 1,2 млрд доллар баробар гардид,[5] ки аз рӯйи ин Қазоқистон дар тиҷорати хориҷии Тоҷикистон баъд аз Русия ҷойи дуюмро ишғол менамояд[6].

---

[1] Казахстан направил в Таджикистан 100 аппаратов ИВЛ в качестве гуманитарной помощи [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://zonakz.net/2020/12/23/kazaxstan-napravil-v-tadzhikistan-100-apparatov-ivl-v-kachestve-gumanitarnoj-pomoshhi/ (дата обращения: 12.10.2022).

[2] Кому Казахстан отправляет гуманитарную помощь, а какую получает сам [Электронный ресурс]. – Режим доступа:https://liter.kz/komu-kazakhstan-otpravliaet-gumanitarnuiu-pomoshch-i-kakuiu-poluchaet-sam-1647403918/ (дата обращения: 05.08.2022).

[3] Закон Республики Казахстан «О ратификации Договора о стратегическом партнерстве между Республикой Казахстан и Республикой Таджикистан» от 31 октября 2016 года №19-VI ЗРК [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://adilet.zan.kz/rus/docs/Z1600000019 (дата обращения: 21.07.2019).

[4] Шарипов, С.С. Особенности развития торгово-экономических отношений между Таджикистаном и Казахстаном в начале XXI века [Текст] / С.С. Шарипов, А.Н Шарипов // Вестник ТНУ. – 2017. – №3/3. – С.107.

[5] Товарооборот Таджикистана и Казахстана достиг рекордных отметок [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://tj.sputniknews.ru/country/20190711/1029388638/tajikistan-kazakhstan-uvelichenie-tovarooborot.html (дата обращения:22.06.2022).

[6] Торговые партнеры Республики Таджикистан [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://tajtrade.tj/menu/28?l=ru (дата обращения:25.10.2022).

- Ба имзо расидани зиёда аз 120 санадҳои дуҷониба байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон ба ташаккули муносибатҳои байни ҳар ду давлат дар соҳаҳои гуногун мусоидат мекунанд.

- Ташаккули ҳамкориҳои вижаи фарҳангӣ. Рӯзҳои фарҳангии кишварҳо дар қаламрави якдигар ба таври мунтазам сурат мегиранд[1]. Дар баробари ҷамъиятҳои дӯстӣ дар ҳудуди якдигар, марказҳои илмӣ – фарҳангии тоҷикон дар Қазоқистон ва маркази фарҳангии қазоқии «Байтерек»[2] дар шаҳри Душанбе амал менамоянд. Дар Қазоқистон чандин диаспораи тоҷикӣ[3] амал доранд, ки дар асоси санаду меъёрҳои муштараки ду кишвар аз имтиёзҳои муайян, ба мисли будубош дар ҳудуди якдигар бидуни сабт то 30 рӯз ва дар ҳоли ба қайд гирифтан то 90 рӯзи зиндагӣ[4] ва ғайра бархӯрданд.

- Ба ғайр аз ин, рушди ҳамкориҳо дар соҳаи гуманитарӣ, бо роҳи эҷоди алоқаҳо ва мубодила миёни ниҳодҳои илмӣ, фарҳангӣ, эҷодӣ ва татбиқи барномаҳои муштарак дар ин самт аз авлавиятҳои ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар шароити тағйирёби муносибатҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ мебошанд[5].

Муносибатҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон дар марҳалаи сеюми ҳамкориҳо зери таъсири равандҳои амиқ ва тамоюлҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ рушд намуданд. Дар ин давра омили асосии таҳаввулоти ҷаҳон рушди пайваста ва босуръати раванди ҷаҳонишавӣ, ҳамбастагии равандҳои

---

[1] 25 Октября – День Республики Казахстан [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.akt.adilet.gov.kz/ru/node/73330. (дата обращения: 03.01.2021).

[2] Нуралиев, А. Казахско-таджикские литературные взаимосвязи [Текст] / А. Нуралиев. – Душанбе, 2011. – С.6.

[3] О двусторонних таджикско-казахстанских отношениях [Текст] // Дусти. Специальный выпуск. – Душанбе, 2016. – С.7.

[4] Таджикистанцы смогут находиться в Казахстане без регистрации до 30 дней [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://ru.sputniknews.kz/society/20180314/4912329/kazakhstan-tajikistan-registraciya.html (дата обращения: 22.03.2019).

[5] Закон Республики Казахстан «О ратификации Договора о стратегическом партнерстве между Республикой Казахстан и Республикой Таджикистан» от 31 октября 2016 года №19-VI ЗРК [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://adilet.zan.kz/rus/docs/Z1600000019 (дата обращения: 21.07.2019).

ҳамгирой дар соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва динӣ ба ҳисоб мерафт, ки тамоюлҳои тағйироти сохтори ҷаҳониро тағйир доданд[1].

Дар маҷмуъ, рушди ҳамкориҳои муназзам омили таҳкими ҳамбастагӣ ва равобит дар сатҳи шарикии стратегӣ миёни ду кишвари ба ҳам дӯст гардиданд. Ин сатҳи муносибат на танҳо барои рушду тақвияти ҳамкории кишварҳо, балки ба умқи ҳамгирой ва субот дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ мусоидат менамояд[2].

Дар натиҷаи таҳлили марҳалаҳои асосии ташаккули сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон метавон хулоса намуд ки:

- сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон дар давраи мураккаби шикасти низоми дуқутбӣ рушд намуда, бо дарназардошти мавқеи геополитикии кишварҳо, рушди ҳамкориҳои дутарафа, дарёфти мавқеи сазовор дар арсаи ҷаҳонӣ, пешгирии вобастагӣ аз қудратҳои алоҳидаи ҷаҳонӣ махсусияти сиёсати хориҷии бисёрсамтаро касб намуд;
- ҳар ду кишвар дар марҳалаи аввал ба ташаккули низоми хадамоти дипломатӣ, фароҳам овардани заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, узвият дар созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва ба ҳалли масоили дохилӣ машғул буданд. Вале таҳлили дурусти афзалиятҳои сиёсати хориҷӣ, пешбурди сиёсати сулҳҷӯёна ва авлавияти минтақавӣ барои онҳо хос буд. Аз ин рӯ кишварҳо муносибатҳои дипломатиро барои рушди сатҳи ҳамкориҳои мутақобила тадриҷан афзоиш медиҳанд;
- аз оғози аси XXI ҳодисаҳои муассири геополитикӣ дар Осиёи Марказӣ дигаргун шуда амалисозии сиёсати бисёрсамта оғоз гардид. Маҳз дар натиҷаи пешбурди сиёсати мутавозини

[1] Шарипов, С.С. Особенности развития взаимоотношений Таджикистана с Казахстаном в начале XXI века (2001-2016 гг.) [Текст]: автореф. дисс... канд. истор. наук / Шарипов Сайхомид Сафармадович. – Душанбе, 2021. – С.44.
[2] Шарипов, С.С. Шарикии стратегӣ дар низоми муносибатҳои байнидавлатӣ дар мисоли Тоҷикистон ва Қазоқистон [Матн] / С.С. Шарипов, А.Н. Шарипов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2019. – №9. – С.178.

бисёрсамта Тоҷикистон ва Қазоқистон ислоҳоти иқтисодӣ анҷом доданд, ба кишварҳои ташаббускори ҳалли масоили глобалӣ табдил ёфтанд;

- тағйироти бунёдӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ таҳаввулоти наверо дар сиёсати хориҷии кишварҳо фароҳам кард. Новобаста аз шиддати хатарҳои муосир ва зуҳури таҳдидҳои нав моҳияти сиёсати хориҷии бисёрсамтаи кишварҳо тағйир наёфт ва баръакс заминаи аснодии он дар шакли Консепсияи сиёсати хориҷӣ барои тамоми кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ возеҳ гардид. Рушди тадриҷии ҳамкориҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Қазоқистон дар сатҳи воқеан шарикии стратегӣ боис гардид, ки равобити ҷонибҳо дар даврони истиқлол таҳким ёбад.

## 3.2.Дастовардҳо ва дурнамои рушди сиёсати хориҷии бисёрсамтаи кишварҳо

Моҳияти сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар пешбурди сиёсати хориҷии «дарҳои кушода» ифода меёбад. Чунин сиёсати хориҷии шаффоф имкон дод, ки ҳамкориҳоро бо созмонҳои бонуфузи минтақавӣ ва байналхалқӣ, ҳамзамон бо кулли кишварҳои соҳибистиқлоли ҷаҳон дар асоси эҳтироми манфиатҳои якдигар ба роҳ монда шавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди расидан ба Ваҳдати миллӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ мавқеи хос пайдо намуда буд ва то имрӯз ҳамчун субъекти ташаббускор дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ шинохта мешавад. Симои мазкур аз дуруст муайян намдани самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷӣ, устувор ва қобили пешгуйи бармеояд. Дар баробари ин Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони аввали истиқлоли давлатӣ новобаста аз мушкилоти зиёди, иқтисодӣ, иҷтимоии дохилии кишвар, таъсири вазъи номуносиби дохилӣ кишварҳои хориҷиро бо ташаббусҳои байналмилалии ҳалли масоили мубрами ҷаҳонӣ, бартарафсозии моҷароҳо бо роҳи гуфтушунид ва кӯшиши дастаҷамъона бар муқобили таҳдиду хатарҳои замони муосир ҷалб менамояд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ ин масъаларо ба хубӣ дарк намуда, фарҳанги инсондӯстонаи мардуми тоҷикро мушоҳида карда, бетараф набудан нисбат ба мушкилоти сайёра ва кӯшишҳои воқеӣ дар самти ҳалли онҳо, Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун узви фаъол ва ташаббускори саҳнаи байналмилалӣ эътироф намуд.

Дар қаринаи пешбурди сиёсати хориҷии мутавозин Ҳукумати ҷумҳурӣ дар сатҳи байналмилалӣ ва дохилӣ чанд пешниҳод ва ташаббус андешид:

1. Эҷоди камарбанди амниятӣ дар атрофи Афғонистон. Нахустин бор чунин пешниҳод аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон дар ҷараёни Ҷаласаи 20-уми махсуси Маҷмааи умумии СММ аз 8-уми июни соли 1998 изҳор гашт[1].

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни баромадҳояш аз минбарҳои созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ, вохӯриҳои сатҳи олӣ ва

[1] Саидов, З. Основные внешнеполитические интересы Таджикистана на рубеже веков [Текст] / З. Саидов. – 4-е, доп. изд. – Душанбе: ООО «Контраст», 2011. – С.294.

Паёмҳои солонаашон ба Парлумони кишвар нисбати таъмин намудани сулҳ дар Афғонистон борҳо таъкид намудааст. «Мо наматавонем масъалаҳои марбут ба Афғонистони ҳамсояро баррасӣ накунем, зеро ҳамеша таъкид бар он дорем, ки амнияти Осиёи Марказиро бидуни таъмини амният дар Афғонистон тасаввур намудан ғайримкон аст[1] Эҷоди камарбанди эътимоду амният дар тамоми тӯли сарҳади кишвар аз тариқи густариш ва таҳкими муносибатҳои неки ҳамсоягӣ бо ҳамаи мамлакатҳои ҳамҷавор вазифаи муҳимтарини сиёсати хориҷӣ буд ва хоҳад монд»[2].

2. Доир ба масоили оби тоза дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалӣ гузаронида шуд[3].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор дар қатори дигар кишварҳои минтақа аъзои созмони Бунёди байналмилалии наҷоти Арал (ББНА) мебошад. Фаъолияти ин созмон, махсусан замони раёсати Тоҷикистон (2002-2008) пурсамар арзёбӣ мегардад[4].

Зиёда аз он, кишвари мо масъалаи обро дар чаҳорчӯбаи ҷаласаҳои давлатӣ, минбари созмонҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ баррасӣ намудааст. Соли 1999 зимни ҷаласаи 54-уми Маҷмааи умумии СММ, ки сарварии онро Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба уҳда дошт, ҷомеаи ҷаҳониро ба ҳалли масъалаи норасоии об даъват кард. Аллакай, 7-уми сентябри соли 2000 дар чаҳорчӯбаи Маҷмааи умумии СММ «Эъломияи ҳазорсола ба тасвиб расид», ки яке аз ҷанбаҳои асосии он таъмини дастрасии озоди аҳолии сайёра бо об то соли 2015 ба шумор меравад. Дар Иҷлосияи 55-уми Маҷмааи

---

1 Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20.04.2012 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.president.tj/node/1084(санаи муроҷиат: 12.09.2020).

2 Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23.04.2014 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://president.tj (санаи муроҷиат: 12.10.2021).

3 Ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://mfa.tj/tj/tashabbushoi-baynalmilalii-tojikiston/tashabbushoi-baynalmilalii-tojikiston.html (санаи муроҷиат: 04.12.2021).

4 Тоҷикистон ва Бунёди байналмилалии наҷоти Арал [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: https://mfa.tj/tg/main/view/146/tojikiston-va-bunjodi-bainalmilalii-najoti-aral (сани муроҷиат: 05.02.2022).

умумии СММ 20 сентябри соли 2000, соли 2003 ҳамчун соли байналмилалии «Оби тоза» эълон гардид[1].

3.Пешниҳод ва таъмини кишварҳои минтақа бо оби тоза тавассути таъсис Консортсиуми байналмилалӣ доир ба истифодаи оби кӯли Сарез.

Ин пешниҳод дар Паёми Президенти мамлакат ба Маҷлиси Олӣ 30 апрели соли 2007 садо дод: «Мо ҳеҷ гоҳ бар зарари мурдумони бародари минтақа ба ташаббусе даст нахоҳем зад, баръакс барои ҳама гуна ҳамкорӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамгирой омода ҳастем»[2]

4. Нуқтаи дигари самти сисёсати кишвари мо оид ба масъалаи об дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷиикистон ба Парлумони кишвар аз 15 апрели соли 2010 инъикос ёфтааст. «Кишваре, ки сарфи назар аз манбаи асосии оби Осиёи Марказӣ буданаш ҳамагӣ 5-7 %-и обро истифода мекунаду чун кишвари кӯҳсор имконияти васеъ кардани киштзорҳои обёришавандаро надорад, дар ягон вақт барои таъмини минтақа бо об наметавонад монеа эҷод намояд»[3].

5. Эълон намудани соли 2013 – соли байналмилалии «Ҳамкори дар соҳаи об». Дар асоси ташаббуси номбурда 20-21 августи соли 2013 Конеференсияи байналмилалии сатҳи баланд дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, ки дар натиҷа як қатор санадҳои марбут ба об қабул карда шуд:

- Эъломияи Конференсияи байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ дар соҳаи об;
- Барномаи амали Конференсияи Душанбе оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об;
- Натиҷаи конференсияи байналмилалии сатҳи баланди ҳамкорӣ

[1] Ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://mfa.tj/tj/tashabbushoi-baynalmilalii-tojikiston/tashabbushoi-baynalmilalii-tojikiston.html (санаи муроҷиат: 04.12.2021).
[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30.04.2007 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://president.tj (санаи муроҷиат: 07.12.2021).
[3] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 24.04.2010 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.president.tj/ node/192 (санаи муроҷиат: 09.10.2020).

дар соҳаи об[1].

6. Солҳои 2018-2028 даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» эълон гардид.

7. Ташаббуси байналмилалии Тоҷикистон оид ба Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряххо. Ин масъала аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар форуми 3 - юми ҷаҳонӣ доир ба иқлим, ки 31 август то 4 сентябри соли 2009 дар шаҳри Женева баргузор гардид, баъдан дар Конференсияии 15-уми аъзоёни Конвенсияи СММ оид ба тағйироти иқлим дар Копенгаген 7-8 декабри соли 2009 пешниҳод шуда буд[2].

8. Ташаббусҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳалли масъалаҳои амниятӣ, мубориза бо терроризм, амалҳои экстремистӣ, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир. Дар ин самт яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа ин таъмини амният ва сулҳ дар Афғонистон мебошад. Бо назардошти ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки доир ба таъмини амну субот бояд вазъи иқтисодӣ-иҷтимоии Афғонистон таҷдид ёбад. Дар ин ҷода панҷ пули хурду калон дар дарёи сарҳадии Панҷ сохта шуд. Сохтмони пулҳои наздисарҳадӣ дар ҳалли мушкилиҳои аҳолии ноҳияҳои наздисарҳадии Афғонистон, аз ҷумла, дарёфти ҷойи кор, хариди маводи ғизоӣ ва рӯзғор, доруворӣ, гирифтани муолиҷа дар шифохонаҳои ноҳияҳои сарҳадии Тоҷикистон нақши муҳим мебозад[3].

Таъмин ва ҳифзи манофеи давлату миллат дар сатҳи байналхалқӣ ҳамеша дар маркази диққати сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сарвари олии давлат мебошад.

---

[1] Ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://mfa.tj/tj/tashabbushoi-baynalmilalii-tojikiston/tashabbushoi-baynalmilalii-tojikiston.html (санаи муроҷиат: 04.12.2021).

[2] Ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://mfa.tj/tj/tashabbushoi-baynalmilalii-tojikiston/tashabbushoi-baynalmilalii-tojikiston.html (санаи муроҷиат: 04.12.2021).

[3] Ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://mfa.tj/tj/tashabbushoi-baynalmilalii-tojikiston/tashabbushoi-baynalmilalii-tojikiston.html (санаи муроҷиат: 04.12.2021).

Дигар мушкилие, ки дар зери таваҷҷуҳи роҳбари кишвар қарор дорад, истифодаи имкониятҳои хориҷӣ барои таъмини инкишофи босуботи кишвар ва рушди масъалаҳои иқтисодӣ мебошад.

Дар ҳоли ҳозир сиёсати хориҷии Тоҷикистон тавассути иштироки фаъоли ҳамчун ташаббускор дар раванди дипломатияи бисёрҷанбаи минтақавию ҷаҳонӣ бо муваффақият роҳандозӣ шуда, барои боз хам рушд додани нуфузи кишвар дар арсаи байналхалқӣ мусоидат менамояд. Истифода аз сиёсати хориҷии бисёрсамта нақши кишвари мо дар амали гардонидани ҳадафҳои ҷаҳонӣ, таъмин намудани амнияти сиёсӣ ва суботи миллӣ, кафили ҳаёти осоиштаи ҷомеаи башар, ҳамроҳшавӣ ба масъалҳои ҳалталаби минтақа ва ҷаҳон дар замони муосир ба назар мерасад, ки ин яке аз дастоварди назарраси сиёсати хориҷии бисёрсамта мебошад. Бо назардошти ин навъи сиёсати хориҷӣ халқи тоҷик фаъолияти муассири Сарвари давлатро ҳамчун сиёсатмадори дараҷаи олӣ дар сатҳи байналмилалӣ эътироф намуда, эътимоди комил доранд, ки таҷрибаи сулҳофарии ин шахсиятро кишварҳои минтақа ва ҷаҳон ҷиҳати ба эътидол овардани вазъияти дохилӣ ва байналхалқӣ идома медиҳанд.

Дар маҷмуъ, сиёсати санҷида ва мутавозини хориҷӣ, мавқеи равшану устувор дар мубориза бар зидди ғояҳои ифротгароӣ ва амалҳои террористӣ, қоҷоқи маводи мухаддир ва таҳдиду хатарҳои дигари глобалӣ, ширкати масъулонаи Пешвои миллат дар амалинамоии масъалаҳои муҳимтарини умумиинсонӣ сабаб шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви фаъол ва соҳибэҳтироми ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидааст[1].

Исбот гардид, ки интихоби сиёсати дарҳои кушод ягона роҳи дурусти муаррифии кишвар дар шароити мураккаби тағйироти бунёдӣ, таъмини манфиатҳои давлат ва шаҳрвандони он дар хориҷа мебошад. Дар сурати баррасии мушаххас метавон мушоҳида намуд, ки сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Тоҷикистон ба дастовардҳои беназир муваффақ гаштаанд:

---

[1] Самиев, Х. Пешвои миллат – бунёдгузор ва таҳкимбахши ҳамкориҳои байналхалқии Тоҷикистон [Матн] / Х. Самиев // Ба қуллаҳои дониш. – 2015. – 25 декабр.

- Муваффақ шудан дар ҳимояи истиқлоли миллӣ дар шароити мураккаби ҷаҳонӣ, раванди босуръати ҷаҳонишавӣ ва ҷаҳоникунонӣ, таъсири нерӯҳои берна ба амнияти миллии давлатҳои минтақа натиҷа ва дастоварди беназири халқи тоҷик ба шумор меравад.

- Дар асоси сиёсати муваффақонаи «дарҳои кушод», ки тавассути он сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷиикистон ба роҳ монда шудааст, Тоҷикистон бо кишварҳои зиёди минтақа ва ҷаҳон робитаҳои дуҷониба ва бо ташкилотҳои байналмилалӣ дипломатияи бисёрҷонибаро амалӣ менамояд. Ҳадаф аз аз дипломатияи дуҷониба ва бисёрҷониба ҳимояи манфиатҳои давлат, пайдо намудани мавқеъ ва нуфуз дар ҷаҳон, имконияти мусоид ҷиҳати рушди муназзами сиёсати дохилии кишвар мебошад. Дар натиҷаи тақвият бахшидани сиёсати хориҷии бисёрсамта ва мутавозин Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 180 кишвари ҷаҳон робитаҳои дипломатиро барқарор намуд. Бо истифода аз ин навъи сиёсати хориҷӣ дар пойтахти 30 кишвари хориҷӣ сафоратхона кушода аст, ки айни замон боиси рушди босуботи робитаҳои байнидавлтӣ гардидаанд. Ҳамзамон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои боз ҳам дар сатҳи зарурӣ амалӣ гардидани ҳадафҳои хориҷии давлатҳо зиёда аз 30 намояндагии кишварҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои созмонҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ фаъолият доранд[1], Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо истифода аз сиёсати хориҷии «дарҳои кушод» бо усули бисёрсамта робитаҳоро бо кишварҳои узви ИДМ, ИА, ИМА, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, мамлакатҳои арабӣ ва кишварҳои ҷаҳони ислом тақвият дода, аз имкониятҳое, ки дар замони муосир ваояндаи наздик пеш меояд ва ба манфиати миллии давлатҳо истифода намоянд[2].

- ба макони баргузории чорабиниҳои сатҳи минтақавию байналмилалӣ мубаддал гаштани пойтахти мамлакат ва ҳамчун бренди миллии Тоҷикистон

---

[1] Сӣ дастоварди муҳимми Тоҷикистон дар сӣ соли истиқлоли давлатӣ [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: https://khovar.tj/2021/06/vymyvmiys-dastovardi-mu-immi-to-ikiston-dar-s-soli-isti-loliyat-davlat-mutahassisoni-markazi-tad-i-oti-strategii-nazdi-prezidenti-um-urii-to-ikiston-on-oro-zikr-kardaand/ (санаи муроҷиат 06.11.2021).

[2] Шарипов А.Н. Дастовардҳои сисолаи сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Тоҷикистон. / А.Н. Шарипов //Мизони қонун, Маҷаллали илмӣ-амалии АНДММК ҶТ. –2021, №2. – С.58

дар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ[1] дарёфти эътирофи умумиҷаҳонии «Раванди Душанбе»;

- Ташаккули дипломатияи фарҳангии кишвар. Дар соҳаи фарҳанг дипломатияи тоҷик бо ҳидоятҳои пайгиронаи Роҳбари кишвар Эмомалӣ Раҳмон мероси адабӣ, таърихӣ ва фарҳангии тоҷикон, муаррифии чеҳраҳои мондагор ва фарзандони баруманди миллати тоҷик вобаста аст. Дар заминаи рушди дипломатияи фарҳангии тоҷикон якчанд ҷашнҳои миллӣ ба меросии ғайримоддии башарият аз ҷониби ЮНЕСКО дохил карда шудаанд.

- Барқарор намудани робитаҳо бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ба шумор меравад. Дар замони истиқлол Тоҷикистон ба зиёда аз 60 созмони минтақавию байналмилалӣ аъзо шудааст. Баробари он яке аз муассисони ниҳодҳои минтақавӣ – ИДМ, СААД, СҲШ, МҲТБО, ББНА ва раванди Истамбул мебошад;

- Рушди ҳакориҳо дар сатҳи нав, яъне шарикии стратегӣ, ки аз натиҷаи сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи муваффақи кишвар гувоҳӣ медиҳад. Ташаккули тезҷараёни ҳамкориҳо бо кишварҳои дӯсту ҳамсоя имкон дод, ки ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Беларус, Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар сатҳи стратегӣ таҳким ёбад, ки ин дар таърихи дипломатияи тоҷик аз марҳалаи нави рушди муносибатҳои мутақобила ва сиёсати дӯстона бо ин давлатҳо шаҳодат медиҳад[2];

-. Ташаккули дипломатияи муваффақи тоҷик, мутаносиб ва пешгӯйишаванда мебошад, ки паҳлӯҳои авлавиятноки он дар самти сиёсати хориҷии мамлакат дар асоси Муроҷиатномаи роҳбари давлат ба халқи тоҷик роҳандозӣ шуда буд. Ҳадафи муҳимми кишвар дар соҳаи сиёсати хориҷӣ дар боби 2 моддаи 11 – уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (6 ноябри соли 1994) дарҷ гардидааст. Баробари ин паҳлӯҳои судманди сиёсати хориҷӣ дар

---

[1] Аслов, С. Эмомалӣ Раҳмон – Асосгузори мактаби нави сиёсати хориҷӣ [Манобеи электронӣ] / С. Аслов. – Низоми дастрас: http://www.mfa.tj/. (санаи муроҷиат: 09.07.2021).

[2] Шарипов, А. Дастовардҳои сисолаи сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Тоҷикистон [Манобеи электронӣ] / А. Шарипов. – Низоми дастрас: https://khovar.tj/2021/09/dastovard-oi-s-soli-siyosati-hori-va-diplomatiyai-to-ikiston-andesha-oi-dotsenti-dmt-dar-ostonai-ashni-isti-loliyat-davlat (санаи муроҷиат: 10.12.2022).

баромади Сарвари мамалакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи XVII Шурои Олӣ аз таърихи 28-уми декабри соли 1993 дар заминаи таҳияи Консепсияи сиёсати хориҷӣ дарҷ гардида буд.

Ҷумҳурии Қазоқистон низ дар солҳои соҳибистиқлолӣ сиёсати самараноки хориҷиеро роҳандозӣ намуд, ки бо шарофати он вазифаҳои муҳимтарин масоили ташаккул ва рушди кишвар ҳалли худро ёфт ва ҷумҳурии ҷавон аз нуфузи комил ва эътирофи ҷомеаи ҷаҳонӣ бархӯрдор гардид[1].

Қазоқистон дар самти пешбурди сиёсати бисёрсамта ба дастоварди беназир ноил шуд. Дар охири асри XX баъди касби истиқлол барои муваффақияти кишвар дар саҳнаи байналмилалӣ ҳалли мушкилоти зиёд дар дохил, фароҳам овардани ризоияти байнимиллӣ ва фазои озоди динӣ зарур буд. Зеро бо шикасти ҷаҳони дуқутбӣ низоъҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ метавонистанд, таҳдидҳои зиёдеро ба бор биоранд, ки аз онҳо аҳолии осоишта бештар зарар медиданд. Аз ин рӯ, тақрибан тамоми ташаббусҳои гуманитарии Сарвари қазоқистонӣ аҳамияти таърихӣ касб намуданд. Анҷумани роҳбарони динҳои ҷаҳонӣ ва суннатӣ – майдони беназири муколамавӣ дар ҷаҳон ба шумор меравад, ки тамоми олам онро ҳамчун таҷрибаи арзишманди таҳаммулпазирӣ дар кишвари бисёрмиллатӣ қабул доранд[2].

Тавассути роҳандозии равобити наздики сиёсӣ ва иқтисодӣ Қазоқистон, аз ҷумла ба бозорҳои ҷаҳонӣ роҳ ёфт ва дар ҳадди имкон содироти худро тавсеа медод[3].

---

[1] Магер, Ю. Как формировалась многовекторная внешняя политика независимого Казахстана [Электронный ресурс] / Ю. Магер. – Режим доступа: https://kazpravda.kz/n/kak-formirovalas-mnogovektornaya-vneshnyaya-politika-nezavisimogo-kazahstana-obzor/ (дата обращения: 12.05.2022).

[2] Мансурова, А.С. Роль первого президента Н. Назарбаева в развитии внешнеполитических связей Республики Казахстан [Текст] / А.С Мансурова // Рост международного авторитета независимого Казахстана и вызовы глобализации: материалы международной научно-практической конференции (Алматы, 27 мая 2011 г.). – Алматы: КИЦ Института Философии и политологии КН МОН РК, 2011. – С.130.

[3] Токтушаков, А. Многовекторность: 30 лет успешного внешнеполитического развития РК [Электронный ресурс] / А. Токтушаков. – Режим доступа: https://365info.kz/2021/07/mnogovektornost-30-let-uspeshnogo-vneshnepoliticheskogo-razvitiya-rk (дата обращения: 12.05.2022).

Дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон аз даҳсолаи дуюми асри XXI ҳодисаҳои муҳим ба вуқӯъ пайвастанд, ки ба пешрафти Қазоқистон таъсири зиёд доштанд:

1) декабри соли 2015 Ассамблеяи Генералии СММ дар асоси пешниҳоди Президенти Қазоқистон қатъномаеро дар бораи татбиқи Эъломияи умумиҷаҳонӣ дар бораи аслиҳаи ҳастаӣ қабул намуд;

2) аз 1 январи соли 2015 аҳднома дар бораи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ҳукми қонунӣ гирифт;

3) узвияти Қазоқистон дар СУС, ки 27 июли солли 2015 дар Женева бо имзои протоколи воридшавӣ сурат гирифт;

4) 21 декабри соли 2015 созишномаи нав дар бораи густариши шарикӣ байни Қазоқистон ва ИА ба имзо расид[1].

Қазоқистон аз рӯзҳои аввали соҳибихтиёрии худ самти мустаҳками сиёсати хориҷии бисёрсамтаро ба хотири кӯшиши рушди ҳамкорӣ бо тамоми марказҳои қудрати иқтисодӣ ва бозингарони калидии геополитикӣ пеша кард. Чунин сиёсати оқилона ҳамаҷониба дарк шуд ва бар асоси он нуфуз ва мақоми кишвар дар саҳнаи байналхалқӣ тақвият ёфт.

Аввалин эътирофи ҷиддии Қазоқистон ҳамчун кишвари масъулият ва тавонои ҷаҳонӣ ин интихоб шуданаш дар соли 2010 ба мақоми раиси Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо буд. Қазоқистон аввалин ҷумҳурии пасошуравӣ ва давлати Осиё буд, ки роҳбарии созмон ба зиммаи он вогузор шуд. Дар доираи ин раёсат Эъломияи Остона қабул гардид.

Нуфузи байналмилалии дипломатияи Қазоқистон аз он шаҳодат медиҳад, ки намояндагони он дар созмону ниҳодҳои байналмилалӣ вазифаи баланд доранд. Масалан, солҳои 2011-2013 Президенти ҳозираи Қазоқистон

---

[1] Ма Ифэн. Эволюция внешней политики Республики Казахстан в период 1991-2015 [Текст] / Ифэн Ма // Человеческий капитал. – 2019. – №7 (127). – С.23.

Қосим-Ҷомарт Тоқаев муовини дабири кулли СММ, мудири дафтари ин созмон дар Женева буд[1].

Моҳи июни соли 2016 Қазоқистон аз миёни кишварҳои Осиёӣ – уқёнуси Ором барои солҳои 2017-2018 узви – ғайридоимии Шурои амнияти СММ интихоб гардид. Номзадии Қазоқистонро 138 кишвари узви СММ дастгирӣ намуданд. Қазоқистон дар Шурои Амният ба Кумита доир ба таҳримҳо нисбати ДИИШ ва «Ал-Қоида» роҳбарӣ намуд ва бо ин роҳ саҳми муассири худро дар мубориза бо терроризми байналхалқӣ гузошт.

Қазоқистон тавонист, ки дар ин марҳала ҳамчун миёнарав дар пешбурди музокирот байни ҷонибҳои мухталифи даргир баромад намояд. Намунаи возеҳ Раванди Остона доир ба Сурия маҳсуб меёбад[2].

Пешниҳоди Президенти Қазоқистон Нурсултон Назарбоев дар бораи таҳияи эъломияи умумии ҷаҳонӣ доир ба ҳалли аслиҳаи ҳастаӣ низ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Бар ин асос пойгоҳи ҳуқуқӣ тавсеа ва назорати амиқи МАГАТЭ (Агентии байналмилалӣ оид ба нерӯи атомӣ) нисбат ба иҷрои уҳдадории тамоми кишварҳо дар самти паҳн накардани аслиҳаи ҳастаӣ афзоиш ёфт.

Ҳамзамон, кишвар таваҷҷуҳи ҷомеаро ба он равона месозад, ки имрӯз дар ҷаҳон маҷмуи хароҷот ба аслиҳа дар қиёс бо солҳои «ҷанги сард» байни ИҶШС ва ИМА ду баробар бештар, яъне 6% дар як сол зиёд мегардад. Арзиши ин хароҷот аллакай ҳамасола ба 1,5 триллион доллар баробар шудааст. Ин амр ҳолест, ки дар тамоми ҷаҳон аксар масъалаҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ҳалли худро наёфтаанд. Аз ин рӯ, стратегияи сулҳ, фалсафаи бунёдкорӣ зарур мебошад. Метавон бо итминон гуфт, ки сол то сол чун ин

[1] Магер, Ю. Как формировалась многовекторная внешняя политика независимого Казахстана [Электронный ресурс] / Ю. Магер. – Режим доступа: https://kazpravda.kz/n/kak-formirovalas-mnogovektornaya-vneshnyaya-politika-nezavisimogo-kazahstana-obzor/ (дата обращения: 12.05.2022).
[2] Токтушаков, А. Многовекторность: 30 лет успешного внешнеполитического развития РК [Электронный ресурс] / А. Токтушаков. – Режим доступа: https://365info.kz/2021/07/mnogovektornost-30-let-uspeshnogo-vneshnepoliticheskogo-razvitiya-rk (дата обращения: 12.05.2022).

мавқеи созанда пайравони зиёд пайдо менамояд, Қазоқистон дар ҷаҳон ҳар чӣ бештар муаррифӣ мегардад[1].

Иқдомҳои Қазоқистон – ҷорӣ намудани алифбои лотинӣ ва боздиди Назарбоев аз ИМА (январи соли 2018), худдорӣ аз овоздиҳӣ дар рафти баррасии лоиҳаи қатъномаи Русия доир ба Сурия дар Шурои амнияти СММ, намунаи муваффақияти сиёсати бисёрсамта ва бетарафии Қазоқистон мебошад.

Дар тӯли се даҳсола Қазоқистон сиёсати хориҷии созанда, мутавозин ва бисёрсамтаро роҳандозӣ менамояд. Тайи ин муддат Қазоқистон узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ шуд ва ба сифати шарики масъул ва боэътимод дар муносибатҳои байналхалқӣ ҷойгоҳи устувор касб кард. Президенти Қазоқистон Қосим-Ҷомарт Токаев зимни нутқи савгандёдкунии худ 12 июни соли 2019 ҷомеаро бовар кунонд, ки ин самти сиёсати хориҷӣ идома меёбад ва пешбурди сиёсати хориҷии кишвар ба давлат, соҳибкории миллӣ ва ҳар як мушаххасан сазовор хоҳад буд[2].

Имрӯз Қазоқистон бо 186 кишвари ҷаҳон равобити дипломатӣ дар тамоми қитъаҳо намояндагӣ, аз ҷумла 62 сафорат ва беш аз 20 консулгарӣ дорад. Бо бисёр бозигарони калидии ҷаҳонӣ шарики стратегӣ аст[3].

Ба қавли дипломати тоҷик А. Сатторзода чунин сиёсат бештар ба воқеиятҳои муосири давраи гузариш ва равандҳои ҷаҳонишавӣ мутобиқат менамояд, усули ягонаи дурусти зиндамонӣ, ки фоидаи назаррас меорад, инчунин пушбурди самараноки манфиатҳои миллии худ дар самтҳои мухталифи муносибатҳои байналхалқӣ, сиёсати хориҷии санҷидашуда,

---

[1] Линевич, А. Многовекторная внешняя политика – веление времен [Электронный ресурс] / А. Линевич. – Режим доступа: https://camonitor.kz/31253-mnogovektornaya-vneshnyaya-politika-velenie-vremeni.html (дата обращения: 16.08.2021).

[2] Байгарин, М. Внешняя политика Казахстана совершенствуется, оставаясь многовекторной [Электронный ресурс] / М. Байгарин. – Режим доступа: https://www.inform.kz/ru/vneshnyaya-politika-kazahstana-sovershen stvuetsya-ostavayas-mnogovektornoy_a3550188 (дата обращения: 14.10.2021).

[3] Магер, Ю. Как формировалась многовекторная внешняя политика независимого Казахстана [Электронный ресурс] / Ю. Магер. – Режим доступа: https://kazpravda.kz/n/kak-formirovalas-mnogovektornaya-vneshnyaya-politika-nezavisimogo-kazahstana-obzor/ (дата обращения: 12.05.2022).

мавзун ва пайгирона ба шумор меравад[1]. Чунин сиёсат на танҳо афзалиятҳои ҷумҳурӣ, балки манфиатҳои кишварҳои минтақа ва тамоми ҷомеаи ҷаҳониро ба назар мегирад[2].

Бисёрсамта, ҳамчун усули асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон, ҳадафмандии худро нишон дод ва исбот намуд, ки дар геополитикаи муосир усули ягонаи дурусти зиндамонӣ ба шумор меравад[3]. Ҷумҳурии Қазоқистон ҳамеша аз самти сиёсати хориҷии мутавозин пайгирӣ менамояд, ки манфиатҳои он, дар динамикаи инкишофи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ба назар мерасанд[4].

Сиёсати хориҷии бисёрсамтаи кишварҳои Осиёи Марказӣ омодаи ҳамкорӣ бо ҳар як шарик (Федератсияи Русия, ИМА, Ҷумҳурии халқии Хитой, Иттиҳоди Аврупо, Ҷумҳурии Туркия кишварҳои ҷаҳони ислом ва ғайра) ҳаст, ки майли ёрӣ дар ҳалли мушкилиҳои минтақаро доранд[5]. Чунин сиёсат геополитикаи минтақаро аз «парокандагӣ» нигоҳ медорад[6], ки амалан падидаи хоси Осиёи Марказӣ аст. Новобаста аз бисёрсамта, на танҳо ҳар ду кишвар ба умқи ҳамкорӣ бо якдигар, балки бо тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамоянд[7].

Ҳамкории кишварҳои ҳамсуд дар доираи созмонҳои болозикр ҳанӯз дар сатҳи зарурӣ нест ва ин дар ҳолест, ки ҳамбастагӣ миёни онҳо вобаста ба зуҳури муноқишаҳои сиёсӣ дар Қазоқистон, ташаннуҷи вазъият дар Афғонистон бинобар ғасби ҳокимияти сиёсӣ аз ҷониби Толибон, шиддати

---

[1] Сатторзода, А. Некоторые теоретические аспекты многовекторности во внешней политике государств Центральной Азии [Электронный ресурс] / А. Сатторзода. – Режим доступа: easttime.ru/analitic/1/206.html (дата обращения: 25.04.2021).
[2] Зарифи, Х. Многовекторная дипломатия Таджикистана [Текст] / Х. Зарифи. – Душанбе, 2010. – С.42.
[3] Абдуов, Н.К. Политика Республики Казахстан по обеспечению региональной стабильности и безопасности [Текст]: автореф. дисс... канд. полит. наук / Абдуов Нурлан Канатович. – М., 2013. – С.7.
[4] Райхан, С.Ж. Приоритеты внешней политики Казахстана исторические традиции и современность [Текст] / С.Ж. Райхан // Евразийский национальный университет имени Л.Н. Гумилева. CONCORDE. – 2015. – №5. – С.79.
[5] Султанов Б. Политика и интересы великих держав в Казахстане. Стратегические перспективы [Текст]: ведущие державы, Казахстан и центрально-азиатский узел / Б.Султанов, Л. Музапарова; под ред. Р. Легволда. – Лондон: Американская академия гуманитарных и точных наук, 2003. – С.233.
[6] Казанцев, А. Многовекторность внешней политики и геополитическая неопределенность в Центральной Азии [Текст] / А. Казанцев // Вестник института Кеннана в России. – 2011. – №19. – С.22.
[7] Коваленко, Г.В. “Многовекторность” Во внешней политике государств Центральной Азии [Текст] / Г.В. Коваленко // Вестник ТНУ. – 2019. – №1. – С.76.

вазъи сиёсӣ-динӣ дар Хитой ва мунокишаи сиёсӣ-динии Ҳиндустону Покистон бояд наздиктар гардад, то кишварҳои Осиёи Марказӣ қудрати мудофиавии худро дар баробари хавфу хатарҳои навин ба хотири бақо мустаҳкам намоянд.

Натиҷа ва дастовардҳо дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ва робитаҳои дипломатии Ҷумҳурии Қазоқистон, ки аз татбиқи сиёсати хориҷии бисёрсамта маншаъ гирифтаанд Қазоқистонро ҳамчун кишвари муваффақи ҷаҳон дар ҳалли мушкилиҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ чун субъекти ташаббускор муаррифӣ намудааст.

Новобаста аз ин, Қазоқистон ба арзишҳои эълоннамудаи сиёсати хориҷии бисёрсамта пойбанд боқӣ мемонад ва Президенти кишвар Қосим-Жомарт Токаев дар ин бора зимни имзои Консепсияи нави сиёсати хориҷӣ барои солҳои 2020-2030 ва ироаи Паёми солона таъкид намуд[1].

Дар соҳаи сиёсати хориҷӣ дастовардҳои халқи тоҷик дар замони соҳибихтиёрии давлат бо роҳбарии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зиёд ба назар мерасад. Махсусан, сиёсати муваффақи хориҷии кишвар шароит муҳайё намуд, суботи сиёсӣ ва эъмори давлатдории миллӣ пойдор гардад, таъмини амният дар кишвар, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, буёди пояҳои навини истиқлол, рушд дода шуда Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили ташаббускор дар арсаи байналхалқӣ шинохта шавад.

Бояд мардуми тоҷик ба ин дастовардҳои сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи кишвар қаноат накарда, ҷиҳати боз ҳам афзун намудани дастовардҳои нави хориҷӣ, татбиқи ҳадафҳои стратегӣ, баланд гардонидани мавқеъ ва нуфузи Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар арсаи байналхалқӣ талош намояд.

Сиёсати хориҷии кишварҳо бо дарназардошти вазъи байналхалқӣ дар оғози ҳазораи сеюм муваффақ буда, Тоҷикистон ва Қазоқистонро на танҳо ҳамчун узви равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ, балки иштирокчии фаъоли

---

[1] Чего достигла казахстанская внешняя политика за тридцать лет [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://e-cis.info/news/566/96600/ (дата обращения: 29.11.2021).

муносибатҳои байналхалқӣ ва кишварҳои ташаббускори ҳалли мусолиматомези масоили умумиҷаҳонӣ эътироф гардиданд.

Дар баробари дастовардҳои назаррас, сиёсати хориҷии бисёрсамта метавонад бо як қатор мушкилоте рӯ ба рӯ гардад, ки танҳо дар натиҷаи вокуниши дуруст ва натиҷагирӣ метавон дурнамои мусбати онро муайян сохт.

Масалан, аз 1-уми январи соли 2015 Русия зери фишори таҳримҳои Ғарб дар Осиёи Марказӣ ба механизми ҳамгироии Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё таваҷҷуҳи хос зоҳир сохт. Қазоқистон аз оғози фаъолияти ин ниҳод ба он пайваст ва ҳамкориҳоро бо кишварҳои аъзо дар қаринаи пешоҳангии Русия ба роҳ монд. Баръакси пешгӯйи баъзе муҳаққиқон, Қазоқистон дар ин ҳол низ тавонист, моҳияти бисёрсамтаи сиёсати хориҷии худро нигоҳ дорад.

Тоҷикистон то ҳол ба ИИАО ҳамроҳ нашудааст, вале новобаста аз ин бо кишварҳои узви Иттиҳод дар чаҳорчӯбаи дуҷониба ва қаринаи ниҳодҳои дигари минтақавӣ ҳамкориҳои мутақобила дорад.

Яке аз таҳдидҳое, ки метавонад ба сиёсати мутавозини хориҷӣ ва арзишҳои бисёрсамта таҳдид намояд, ин пайдоиши пандемияи COVID-19, шиддати вазъ дар Афғонистон ва бӯҳрони русу украинӣ мебошад. Дар ин қарина рақобати кишварҳои Ғарб бо Русия аз як тараф ва бо Хитой аз тарафи дигар кишварҳои минтақа, бахусус Тоҷикистон ва Қазоқистонро дар рӯ ба рӯи интихоб мегузорад. Агар мухолифат дар байни Ғарб ва Русия идома ёбад, пас барои кишварҳои пасошуравӣ ҳифзи мавқеи бетарафӣ душвор мешавад ва воқеан онҳо дар рӯ ба рӯйи интихоби геополитикӣ қарор мегиранд[1].

Дар шароити буҳрон Тоҷикистон аз дипломатияи маҷозӣ (онлайн) барои муқовимат бо пандемия тавассути амалҳои муштараки кишварҳои узви ИДМ, СҲШ ва СММ кор гирифт.

[1] Мирзобекова, Р. Таджикистана критикуют за многовекторную политику и ставят перед выбором [Электронный ресурс] / Р. Мирзобекова. – Режим доступа: https://www.asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/politics/20220830 /tadzhikistan-kritikuyut-za-mnogovektornuyu-politiku-i-stavyat-pered-viborom (дата обращения: 10.09.2022).

Дар шароите, ки пайвандиҳои байналхалқии истеҳсолӣ тиҷорат ва ҳамлу нақл канда мешавад, дар ин ҳолат як қатор давлатҳои бузург ва минтақаҳои алоҳида кушиш намуда истодаанд, ки воридотро бо захираҳои дохилӣ иваз намоянд. Дар ин самт давлатҳои минтақа метавонанд нерӯи худро дар робитҳои истеҳсолӣ, нақлиётӣ, агросаноатӣ ва ба инҳо монанд роҳандозӣ намоянд.

Бухрони ҷаҳонӣ ва чораҳои мухталиф дар бахши инзивоъ нишон медиҳад, ки кишварҳо бо сохтори иқтисодии мутавозин бештар аз уҳдаи рафъи таҳдидҳои мазкур мебароянд[1].

Агар таъсири пандемияи коронавирус баръакс самтҳои нави ҳамкорӣ ва равобити кишварҳоро фаъол намуда бошад, пас ғасби дубораи ҳукумати Афғонистон аз ҷониби Толибон ва қазияи «амалиёти ҳарбии махсуси» Русия дар Украина ба сиёсати бисёрсамтаи хориҷӣ ва пешбурди мавқеи бетарафӣ (бетарафии интихобӣ) бештар фишор овард.

Услубҳои дурушти роҳандозии муносибат бо давлату миллатҳои атроф дар шароити муосири низоми ҷаҳонӣ бештар аз он бармеоянд, ки марказҳои ҷалби манобеи инсонӣ, илмӣ, истеҳсолӣ ва захираҳои табиӣ танҳо дар як ҷой ва зери назорати як ирода қарор надоранд.

Барои коҳиши таъсири чунин нобаробарӣ қутбҳои ҷаҳонӣ дар рақобати доимӣ барои тамаркузи онҳо ва бо ин роҳ таъмини рушди дохилии худ ва пешниҳоди онҳо ба воҳидҳои дигари содиқи сиёсӣ қарор доранд. Имрӯз дар ҳолати маҳдудияти дастрасӣ ба захираҳои рушд, асосан, кишварҳои мутараққӣ қарор доранд. Кишварҳои дар ҳоли рушд бинобар чунин вазъ маҷбур мешаванд, ки ҳамеша моҳият ва самтҳои ҳамкории бозингарони бузурги байналхалқиро ба инобат гиранд, то ба манфиатҳои абарқудратҳо зарар нарасонанд. Дар аксар ҳолат интихоби беҳтарин — пайгирӣ аз мавқеи бетарафӣ зимни бархӯрди воҳидҳои муқтадири сиёсӣ ва ҷилавгирӣ аз нақши ҳакам байни онҳо мебошад.

[1] Кушкумбаев, С.К. Казахстан и Центральная Азия между вызовами из прошлого и грядущего [Текст]: сборник статей, выступлений и интервью / С.К. Кушкумбаев. – Астана: КИСИ при Президенте РК, 2022. – С.304.

Дар шароити муосири бархӯрди шадиди бозингарони бузурги ҷаҳонӣ интихоби чунин шакли кор барои кишварҳои мутараққӣ нисбатан афзал мебошад. Мавҷудияти омилҳои зиёд Тоҷикистон ва Қазоқистонро водор менамояд, то дар ҳамкорӣ бо кишварҳои дигар омилҳои геополитикиро ба инобат гиранд. Маҷмуи чунин омилҳо, табиист, ки кишварҳои мутараққиро аз талошҳои геополитикии худ бозмедорад ва онҳоро барои ҳифзи манфиатҳои миллии худ ба тавсеаи ҳамкорӣ бо ҳамаи шарикони байналхалқӣ водор менамояд. Ҳамин тариқ на танҳо барои таҳкими асосҳои давлатдорӣ, суботи низоми сиёсӣ, иқтидори мудофиавӣ, балки барои пешрафти иқтисод шароит фароҳам меояд.

Интихоб намудани самти дурусти робитаҳо бо шарикони сатҳи байналмилалӣ ҷиҳати ҳимояи манфиатҳои миллии давлатҳои минтақа бо назардошти мавқеи ҷуғрофӣ яке аз нуқтаҳои муҳимми геополитикӣ аҳамияти махсус дорад. Таҳлил ва натиҷагирӣ аз сиёсати хориҷии кишварҳо гувоҳӣ аз он аст, ки рӯ овардан ба сиёсати хориҷии бисёрсамта аз дахолати кишвархои абарқудрат ба вазъи дохилии кишварҳо пешгирӣ менамояд[1].

Тоҷикистон ва Қазоқистон ҳамеша аз усули бисёрсамта дар сиёсати хориҷӣ ва соҳаи муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ пайгирӣ менамуданд. Вале дар вазъи имрӯзаи ҳассоси геополитикӣ сиёсати бисёрсамтаи кишварҳо бо озмоиши зиёд рӯ ба рӯ гардиданд.

Бисёрсамта метавонад танҳо дар ҷаҳоне амалӣ гардад, ки дар байни неруҳои асосӣ тавозуни муайян ва иродаи дастаҷамъона баҳри ҳифзи сулҳ мавҷуд бошад. Татбиқи амалии бисёрсамта ҳангоми шиддати ҷудошавии қутбҳои мухолиф, бархӯрди кишварҳо ва зарурати интихоб ниҳоят душвор мебошад.

Агар ҳадафҳои асосии сиёсати хориҷии бисёрсамта таҳким ва ҳифзи истиқлоли миллӣ, муносибатҳои ҳамоҳанги хориҷӣ ва ташхиси дурнамои стратегӣ барои кишварҳо бошад, пас дар вазъи муосири байналхалқӣ, ки

[1] Усмонзода, Х.У. Укрепление внешней политики Таджикистана в эпоху меняющегося миропорядка [Электронный ресурс] / Х.У. Усмонзода. – Режим доступа: https://mts.tj/ru/3785/news/ (дата обращения: 22.08.2022).

шиддати рақобат дар байни абарқудратҳо меафзояд, пешбурди чунин сиёсат боз ҳам мубрамтар мегардад. Зеро бар асари рақобати кишварҳои абарқудрат фишор ба кишварҳои хурд афзоиш меёбад ва интихоби ҷонибҳо душвор мешавад. Аммо дар муқоиса ба бист сол қабл дар ҷаҳон тағйиротҳои зиёд рух доданд, баробари он нақши минтақа меафзояд ва ниҳодҳои нави сиёсӣ дар арсаи байналхалқӣ ба фаъолият шурӯъ намуданд, ки аз зуҳури уфуқҳои нав гувоҳӣ медиҳад. Зарур аст, то бо назардошти мавқеи стратегӣ ва робитаҳои наздик бо Москва, ки инкори он барои Қазоқистон ғайриимкон мебошад, сиёсати мутавозини бисёрсамта ҳифз гардад. Эҳтимол ба Қазоқистон зарурате пеш биёяд, ки сиёсати худро бидуни тағйири ҳатмии моҳияти он ба воқеиятҳои нав мутобиқ намояд[1].

Бисёрсамта, дар кишварҳои Осиёи Марказӣ бо вуҷуди печидагии рӯзафзун дар ҳоли озмоиши дигаре аст ва метавон гуфт, ки дар ҳамоҳангӣ бо стратегияи таҳаммулпазирӣ дар оянда наздик беҳтару муассир хоҳад буд.[2].

Дар заминаи ин андеша наметавон бо чунин мавқеъ - баррасии ҳамешаи сиёсати бисёрсамта ва «дарҳои кушода» дар қаринаи эҳтимоли аз даст додани садоқати баъзе қудратҳои бузург розӣ шуд. Ба хилофи чунин андешаҳо, дар шароити муосири тартиботи вобастагии мутақобилаи ҷаҳонӣ ҳатто кишварҳои пешрафта дар самти роҳандозии муносибатҳо бо теъдоди зиёди кишварҳо талоши фаъол менамояд. Ҳолати мазкур аз он бармеояд, ки тамаркузи захираҳои молиявӣ-иқтисодии ҷаҳони муосир асосан, дар дасти гурӯҳи хурди кишварҳо қарор дорад ва дарёфти имконияти алтернативии дастрасии онҳо аз ҷониби кишварҳои мутараққӣ маҳдуд мебошад. Кишварҳои пешрафта танҳо ба василаи ҳамкории мутавозин бо ин марказҳои ҷалби захираҳо метавонанд ба рақобати шадиди рушд тобовар бошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз субъектҳои фаъоли муносибатҳои байналхалқӣ барои рушдии иқтисоди кишвар ба ниҳодҳои байналхалқии соҳа

---

[1] Многовекторная дипломатия на практике – Казахстан [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.caa-network.org/archives/12956 (дата обращения: 07.05.2022).
[2] Кушкумбаев, С.К. Казахстан и Центральная Азия между вызовами из прошлого и грядущего [Текст]: сборник статей, выступлений и интервью / С.К. Кушкумбаев. – Астана: КИСИ при Президенте РК, 2022. – С.300.

ҳамроҳ гардид ва ин ҳадаф яке аз принсипҳои асосии сиёсати хориҷии бисёрсамта шуморида мешавад.

Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳадаф ва вазифаҳои рушди инноватсионӣ пайгирона иқдомотро барои ҷалби сармоягузории хориҷӣ амалӣ менамояд[1].

Дар даврони истиқлол барои тақвияти робитаҳои байнидавлатӣ, байналхалқӣ ва ҳамқадам будан бо ҷомеаи ҷаҳон сиёсати «дарҳои кушода» аз ҷониби Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон эълон гардид, ки он асоси сиёсати хориҷии бисёрсамтаро ташкил медод ва он ба ташаккули ҳамкориҳо бо кишварҳои мухталифи олам таъсири муассир гузошт.

Дар робита ба ин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 10 марти соли 2022 зимни суханронӣ дар назди устодону донишҷӯёни Донишгоҳи Қоҳираи Ҷумҳурии арабии Миср ибрози андеша намуданд: «Кишвари мо дар тули 30 соли соҳибистиқлолии хеш тавонист бо кишварҳи гуногуни минтақа, ҷаҳон, созмонҳои минтақавию байналмилалӣ муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро барқарор намуда, мавқеашро дар арсаи байналхалқӣ мустаҳкам намуд.

Мо аз минбари созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ пайваста ташаббусу ибтикорҳои созандаро ҷиҳати ҳалли мушкилоти ҷаҳону минтақа, аз ҷумла дар масъалаҳои вобаста ба об, тағйирёбии иқлим, мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, қочоқи силоҳ ва маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ ва ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ, ба самъи ҷаҳониён мерасонем»[2]

Қазоқистон низ аз сиёсати хориҷии бисёрсамта кор гирифт. Қосим Жомарт Токаев дар баромади худ 12 июни соли 2019 таъкид намуда буд, ки ин навъи сиёсати хориҷии кишварро идома дода, рушди сиёсати хориҷии

---

[1] Усмонзода, Х.У. Укрепление внешней политики Таджикистана в эпоху меняющегося миропорядка [Электронный ресурс] / Х.У. Усмонзода. – Режим доступа: https://mts.tj/ru/3785/news/ (дата обращения: 22.08.2022).

[2] Далер Абдулло. Сиёсати муваффақи хориҷӣ ва саҳми Пешвои миллат дар ин раванд [Манобеи электронӣ] / Абдулло Далер. – Низоми дастрас: https://sadoimardum.tj/president/siyosati-muvaffa-i-hori-va-sa-mi-peshvoi-millat-dar-in-ravand/ (санаи муроҷат:20.08.2022).

Қазоқистон ба соҳибкорони миллии кишвар ва ҳар як шаҳрванд манфиатовар мебошад[1].

Дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон барои солҳои 2020-2030, ки 6 марти соли 2020 қабул шудааст, дар баробари навгониҳои муайян, ба идомаи сиёсати хориҷии бисёрсамта дар асоси усулҳои воқеъбинона таъкид мешавад[2].

Тоҷикистон ва Қазоқистон аз замони касби истиқлол дар муносибатҳо бо Русия, Хитой, ИМА ва кишварҳои дигар тавозунро риоя менамоянд. Барои идомаи ин сиёсат омилҳои муассир мавҷуданд: иқтисодӣ ва сиёсӣ. Ин сиёсат новобаста аз тағйироти ҷиддӣ ва фишори Русия, дар чаҳорчӯбаи Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё бетағйир боқӣ хоҳад монд.

Рӯ овардан ба сиёсати хориҷии бисёрсамта ва дар амал татбиқнамоии он ягона самти дурусти сиёсати хориҷӣ мебошад, ки ҷиҳати қарор гирифтан дар маркази рақобатҳои кишварҳои Ғарб ва Русия пешгирӣ карда шавад.

Бар асоси воқеаҳои солҳои охир таваҷҷуҳи кишварҳои Ғарб ва Федератияи Русия ба минтақа зиёд мешавад ва дар ин ҳолат ба мувофиқа наомадани кишварҳо ва бетарафӣ нисбати ҳодисаҳои нав дар сиёсати хориҷӣ қутбгароӣ пеш меояд. Аз ин рӯ, пайгирӣ аз сиёсати бисёрсамта чанд афзалият ва ҷанба дорад:

– Бинобар вазъи айнӣ ва мавқеъгирии ҷуғрофӣ гузинаи бехатаре аз сиёсати хориҷии бисёрсамта мавҷуд нест. Ба роҳбарияти кишварҳо зарур аст, ки тамоми талошу имкониятҳои худро ҷиҳати идомаи сиёсати бисёрсамта равона намоянд. Албатта, ин маҳорати дипломатӣ,ояндабинӣ, дасткашӣ аз манфиатҳои гузарои иқтисодро бо таваҷҷуҳ ба самти стратегӣ тақозо мекард;

– Зиёда аз он ҳамгироӣ дар ҳудуди минтақа метавонад яке аз роҳҳои муваффақшавӣ дар самти сиёсати хориҷӣ бошад, вале бояд ёдовар шуд, ки

---

[1] Лаумулин, М. Центральная Азия в эпоху трансформации [Текст] / М. Лаумулин. – Нур-Султан: КИСИ при Президенте РК, 2020. – С.281.

[2] Концепция внешней политики Республики Казахстан на 2020-2030 годы [Электронный ресурс]: указом Президента Республики Казахстан от 6 марта 2020 года №280. – Режим доступа: https://www.akorda.kz/ru/legal_acts/decrees/o-koncepcii-vneshnei-politiki-respubliki-kazahstan-na-2020-2030-gody (дата дата обращения: 21.10.2022).

ҷалби кишварҳо барои ҳамгироӣ дар соҳаҳои мухталиф сиёсати хориҷии бисёрсамтаро ҷойгузин наменамояд, баръакс барои боз ҳам рушди самараноки сиёсати хориҷии бисёрсамта ва таъмини амнияти дастаҷамъӣ дар баробари хатарҳои муосир ҳисобида мешавад;

- Дар баробари ин, сиёсати хориҷии бисёрсамта хислати эъломиявӣ надошта, балки гурӯҳбандии кишварҳоро бо назардошти мавқеъ ва шароити рушди хориҷӣ баробар таҷассум менамояд.

Бо вуҷуди шарикии стратегӣ бо кишварҳои Русия ва Хитой дар асоси ҳамгироии минтақавӣ, робитаҳои байнидавлалтӣ ба малакатҳои узви Иттиҳоди Аврупо ва ИМА, пурзӯр гардонидани ҳамкориҳо бо давлатҳои муқтадири минтақа– Ҳиндустон, Эрон, Покистон, Кореяи Шимолӣ ва Япония саривақтӣ мебошад[1].

Боиси қайд аст, ки сиёсати хориҷии бисёрсамта дар ҷаҳони муосир ба ҳамаи кишварҳои ҷаҳон баробар роҳандозӣ карда намешавад, амалисозии он бештар ба кишварҳои ҳамҷавор ва абарқудрат ба манфиати давлатҳост. Барқарор намудани робитаҳои дипломатӣ бо кишварҳои Африқо, Амрикои Лотинӣ ва Уқёнусия аслан дар шакли расмиётӣ ба роҳ монда шудаанд.

Дар замони муосир оид ба пешниҳодҳо ва ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон бояд ба натиҷаҳои сиёсати хориҷии бисёрсамта баҳогузорӣ намуд. Вазъи номусоид ва мураккаби ҷомеаи ҷаҳон кишварҳои минтақаро барои рушд бахшидани робитаҳои байниҳамдигарӣ ҷиҳати пайдо намудани нуфуз ва мавқеи хоссаи кишвар дар арсаи байналхалқӣ водор менамояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон барои ноил гардидан ба ин ҳадафи бисёр муҳимми байналхалқӣ аз сиёсати хориҷии бисёрсамта кор гирифтанд.

Дар умум таҳлили натиҷа ва дурнамоии сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон метавон чунин хулоса кард:

---

[1] Исабаева, С. Шаткая многовекторность. С кем Қазоқистон выгоднее дружить в условиях "новой реальности»? [Электронный ресурс] / С. Исабаева. – Режим доступа: https://inosmi.ru/20220604/kazakhstan-254417727.html (дата обращения: 01.05.2022).

- Аз солҳои аввали касби истиқлол то инҷониб сиёсати хориҷии кишварҳо марҳалаҳои ташаккул, рушд ва таҳаввулро тай намуда, дар шароити таҳаввулоти бунёдӣ ба омили муаррифгари кишвар ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва таҳкими нуфуз дар арсаи ҷаҳон табдил ёфт;

- Дар заминаи амалинамоӣ ва рушди минбаъдаи сиёсати хориҷии «дарҳои кушода»-и Тоҷикистон ва сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Қазоқистон дастовардҳои назаррас дар сиёсати хориҷӣ ба даст омад ва кишварҳо ҳамчун ташаббускори ҳалли масъалаҳои глобалӣ, дипломатияи мутавозин, ҳамчун миёнарав дар ҳалли низоъҳои мусаллаҳона, муваффақ дар самти муаррифии фарҳанг ва тамаддун эътироф гардидаанд. Муваффақияти кишварҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо ба дастовардҳои мазкур иктифо накарда, дар роҳи рушди босифати сиёсати хориҷӣ, фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати рушди дохилӣ ва беҳдошти некуаҳволии аҳолӣ беш аз пеш кушиш хоҳанд намуд;

- Шиддати рақобати геополитикии абарқудратҳо, пандемияи COVID – 19, эҳёи қудрати дубораи Толибон дар Афғонистон ва буҳрони Украина ба татбиқи муваффақонаи сиёсати бисёрсамта монеа гардида, мавқеъгирии Тоҷикистон ва Қазоқистонро зимни муайян намудани афзалияти сиёсати хориҷӣ душвор менамоянд. Вале омилҳои айнӣ, мавқеи ҷуғрофӣ ва ҳадафҳои стратегии рушд татбиқи сиёсати воқеъбинонаро тақозо менамояд. Сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон, новобаста аз вазъияти мураккаби муносибатҳои байналхалқии муосир ва таҳдиди кишварҳои абарқудрат дар ҳамоҳангӣ намудан тавассути стратегияи таҳаммулпазирӣ дарояндаи наздик созгор хоҳад буд;

- Дар маҷмуъ, роҳи интихобнамуда дар самти сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон муносиби дигаре надорад, дар вазъияти мураккаби байналхалқӣ ва авҷ гирифтани рақобати байни кишварҳои абарқудрат самти ягонаву дақиқи ташаккул ва таҳаввули минбаъдаи давлатҳо ҳисобида мешавад.

# I.ХУЛОСА ВА
# НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ДИССЕРТАТСИЯ
## I.НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Ташаккули мустақилонаи кишварҳо ва сиёсати муваффақи хориҷии Тоҷикистон ва Қазоқистон аз солҳои 90-уми аср XX маншаъ гирифтааст. Маълум аст, ки дар даврони шуравӣ мақомоти сиёсати хориҷии кишварҳо ба низоми идораи давлатӣ ворид мегардид.

Дар асоси таҳқиқи ба анҷом расида, метавон ҷанбаҳои асосии сиёсати хориҷии бисёрсамтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазокистонро ба тариқи зайл муайян намуд:

Якум, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо касби истиқлоли сиёсӣ ба арсаи ҷаҳонӣ ворид шуда, мунтазам робитаҳои дипломатиро бо мамлакатҳои хориҷа ва аъзошавӣ ба созмонҳои бонуфузро ҳадафи асосии сиёсати хориҷии давлат мешуморид, вале ҷанги шаҳрвандӣ ба раванди вуруди фаъоли ҷумҳурӣ ба муносибатҳои байналмилалӣ халал расонид.

Самтҳои авлавиятноки сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ, ки дар Мурочатномаи роҳбари кишвар ба мардуми кишвар пешниҳод шуда буд, моҳияти сиёсати хориҷии бисёрсамта ва фаъолияти хадамоти дипломатиро ифода менамуд. Вале бо назардошти буҳрони шадиди иқтисодӣ, таъсири ҷанги шаҳрвандӣ, таҳдидҳои муосири амниятӣ, раванди сулҳ ва ташаккули ниҳодҳои давлатдорӣ татбиқи бевоситаи ин сиёсат дар марҳалаи ибтидоии ташаккули сиёсати хориҷӣ амалӣ нагардид.[1-М]

Дуюм, новобаста аз мушкилиҳои солҳои аввали истиқлоли сиёсӣ, буҳрони шадиди иқтисодӣ ва фалаҷ гаштани сохторҳои рушди ҳамкориҳои мутақобила дар фазои пасошуравӣ ба Қазоқистон муяссар гардид, ки дар рушду таҳкими рукнҳои давлатдории худ самтҳои асосии сиёсати хориҷии худро муайян созад. Дар ин замина, натиҷаи муҳим дар самти пешгирии зиддиятҳои миллӣ ва мазҳабӣ, ба роҳ мондани сиёсати хориҷии бисёрсамта ва тақвияти роҳандозии сиёсати хориҷии бисёрсамта ва ташаккули ҳамкориҳои дутарафа бо кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҷаҳон ба даст омад.

Моҳияти сулҳхоҳона ва воқеъбинонаи сиёсати хориҷии кишвар дар барномаи дасткашӣ аз аслиҳаи ҳастаӣ, таҳкими пайгиронаи равандҳои ҳамгироӣ дар фазои пасошуравӣ, рушди ҳамкориҳо бо Русия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, ташаббуси бунёди МҲТБО ва пешбурди сиёсати бисёрсамтаи хориҷӣ инъикос мегардад. [3-М]

Сеюм, дастоварди муҳимми кишвари мо дар марҳалаи аввали ташаккули сиёсати хориҷӣ дастёбӣ ба сулҳ ва оштии миллӣ бошад, барои Ҷумҳурии Қазоқистон замина пайдо гардид, ки аз ташаннуҷи дохилӣ пешгирӣ намояд ва дар заминаи арзишҳои муштарак барои ташаккули ҷомеаи бисёрмиллатӣ шароит фароҳам орад.

Муштаракоти дигари рушди кишварҳо дар марҳалаи аввали истиқлоли сиёсӣ ин таҳкими давлатдории миллӣ мебошад, ки бо ташаббуси бевоситаи сарварони давлатҳо – Эмомалӣ Раҳмон ва Нурсултон Назарбоев доир гардид.

Пешбурди сиёсати хориҷии бисёрсамта, истиқрори муносибатҳои дипломатӣ бо кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ва узвият дар созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ ва минтақавӣ асоси таҳкими нуфузи кишвар дар арсаи байналхалқӣ ва муаррифии арзишҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва дастовардҳои кишвар дар ҷаҳон бармеояд.

Чорум, сиёсати хориҷии бисёрсамта зарурати айние ба шумор меравад, ки дар тӯли солҳои истиқлол дар роҳи воридшавии арзандаи кишварҳо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, муаррифии онҳо ҳамчун давлати ташаббускор ва муваффақ мусоидат намуд.

Бояд дар назар дошт, ки сиёсати бисёрсамта ба моҳияти фарогирӣ ва ташаббускорӣ аз дипломатияи бисёрҷониба тафовути куллӣ дорад. Дипломатияи бисёрҷониба аслан дар доираи ҳамкории кишварҳо бо созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ амалӣ карда мешавад. Сиёсати хориҷии бисёрсамта бошад, кишварҳоро барои ҳамкории дутарафа робитаҳои мутақобилаи дӯстона ва эътирофу эҳтироми манфиатҳои байниҳамдигарӣ дар асоси баробарӣ ва ҳамкориҳои дутарафаи судманд бо ҳамаи кишварҳои дуру наздик инъикос месозад.

Ба роҳ мондани сиёсати хориҷии бисёрсамта бештар барои ҳифзи манфиатҳои миллии кишвар, ҷалби сармояи хориҷӣ, татбиқи ислоҳоти сиёсӣ ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардуми кишвар шароит ва имкониятҳои муносиб фароҳам меорад.

Пешбурди самараноки сиёсати бисёрсамтаи хориҷӣ сатҳи вобастагии кишварро аз қудратҳои ҷаҳонӣ коҳиш дода, барои роҳандозии ҳамкориҳои мутақобила бо тамоми кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ замина фароҳам меорад.

Сиёсати бисёрсамтаи Тоҷикистон ва Қазоқистон воқеъбинона мебошад, зеро имконият фароҳам меорад, ки тавозуни қудрат дар минтақа риоя гардида, ҳамзамон манфиатҳои миллӣ таъмин карда шаванд. Чунин сиёсат на танҳо афзалиятҳои ҷумҳурӣ, балки манфиатҳои кишварҳои минтақа ва тамоми ҷомеаи ҷаҳониро ба назар мегирад.

Панҷум, тамоюли рушди робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон дар давраи соҳибистиқлолӣ бо дарназардошти зарурати таърихӣ барқарор карда шуд, ки моҳияти он дар мавқеи кишварҳо, манфиатҳои якҷояи сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ифода мегардад. Дар даврони истиқлол ҳамкории кишварҳо марҳалаи барқароршавӣ, ташаккул ва таҳаввулро сипарӣ намуд. Ҳар як давра вижагиҳои хос, раванд ва натиҷаҳои мушаххас дорад. Маҳз рушди тадриҷии муносибатҳо дар марҳалаҳои муайян барои гузариш ба сатҳи воқеан нав шарикии стратегӣ замина гузошт.

Шашум, дар марҳалаи таҳаввули ҳамкориҳои мутақобила тамоми нишондодҳои сатҳӣ ва сифати ҳамкориҳо дар соҳаҳои мухталиф боло рафта, ки ин аз дурнамои мусбии муносибати кишварҳо дар қаринаи тағйирёбии вазъи ҷаҳонӣ ва пешбурди сиёсати бисёрсамта шаҳодат медиҳад. Новобаста аз интихоби сиёсати бисёрсамта, дар сиёсати хориҷӣ моҳияти ҳусни ҳамҷаворӣ нисбат ба якдигар боқӣ монд ва таҳаввули минбаъдаи ҳамкориҳои дутарафа ва нест гардидани монеаҳои муштараки мавҷуда, омили равобити мусбии ҷонибҳо ва дурнамои ояндадор ҳампаймонӣ гардиданд. [1-М]

Бо зиёд шудани рақобат байни кишварҳои абарқудрат дар замони муосир, зухури низоъҳо дар минтақа ва чаҳон, дигаргуншавии вазъи

геополитикии ҷаҳон кишварҳоро лозим аст роҳҳои афзалиятнокро дар табиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ пайдо намоянд. Рӯ овардан ба сиёсати хориҷии бисёрсамта барои кишварҳо имконияти рушдро дар соҳаҳои мухталифи ҷомеа, зарурати риояи тавозун дар ҳакморӣ бо қудратҳои ҷаҳонӣ ва пайгирӣ аз асли воқеиятро пеш гузошта, масъулияти сарварони кишварҳо ва тамоми кормандони хизмати дипломатиро дар масъалаи сарнавишти халқҳо ва таъмини ҳадафҳои стратегӣ бештар месозад.

Ҳафтум, сиёсати бисёрсамта, ҳамчун усули асосии сиёсати хориҷии кишварҳо ҳадафи созандаи худро нишон дод ва исбот намуд, ки усули ягонаи дурусти бақо дар фазои геополитикии муосир ба шумор меравад. Зиёда аз он, маҳз дар қаринаи чунин сиёсат комёбиҳое ба даст омаданд, ки дар таърихи давлатдории кишварҳо беназир мебошанд. Дастовардҳои номбурда барои муаррифӣ намудани кишварҳо дар арсаи байналхалқӣ, пайдо кардани мавқеи махсус, рушди сиёсати хориҷии бисёрсамтаи ҳар ду кишвар мусоидат намуданд [5-М].

## II. ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО:

- Вусъати робитаҳои Тоҷикистон ва Қазоқистон дар доираи дуҷониба ва дар чаҳорчӯбаи созмонҳои фарогир ҷиҳати ҳамоҳанг сохтани манфиатҳои умумӣ ва мавқеи кишварҳо дар баробари равандҳои ҷаҳонишавӣ ва хатарҳои муосир;

- бо вуҷуди вазъи тағйирёбии минтақа ва ҷаҳон дар доираи сохторҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ кишварҳо аз тамоми имкониятҳо истифода намуда, дар самти таъмини амнияти минтақавӣ, рушди устувори босубот ва пешбурди сиёсати хориҷии бисёрсамта ҳамдигарро кумак намоянд;

омӯзиши натиҷа ва дастовардҳо дар самти сиёсати хориҷии бисёрсамтаи кишварҳо, рушд ва таҳкими анъанаҳои миллӣ, ҳамкорӣ бо созмонҳои байналхалқии соҳаи фарҳанг, тақвияти робитаҳои фарҳангии тоҷикон ва қазоқҳо дар кишварҳои якдигар;

- ҳар ду кишвар таҷрибаи самарабахши ҳамкорӣ дар самти ваҳдати ҷомеа ва кор бо намояндагони миллатҳоро дар минтақа доранд, омӯзиш ва мубодилаи дастовардҳо барои ҳамбастагии ҷомеа ва истифодаи он дар самти рушди устувори муассир арзёбӣ мешавад;

- дар чаҳорчӯбаи мубодилаи таҷриба омӯзиш ва баррасии афзалият ва хатарҳои эҳтимолии татбиқи сиёсати хориҷии бисёрсамта, ба инобат гирифтани шиддати вазъи байналхалқӣ ва рақобати қудратҳо, ҷиҳати пешгирии вобастагии шадид аз як қутб ва роҳ надодан ба табдили кишвар ба саҳнаи бархӯрди қудратҳо;

- нигоҳ доштани тавозун дар муносибат бо қудратҳои ҷаҳонӣ ва таҳкими платформаи ҳамкориҳои минтақавӣ ҷиҳати расидан ба сатҳи баланди ҳампаймонӣ;

- мутобиқ намудани фаъолияти кишварҳо дар соҳаи ҳамгироии минтақавӣ;

- таҳлил ва баҳодиҳии амиқи пешниҳодҳои кишварҳо ва аз ҷанбаҳои мусбати он истифода намудан;

- омӯзиш ва таҳлили ҳама гуна таҳдиду хатарҳои муосир ба кишварҳои минтақаву ҷаҳон ва ҳамбастагӣ дар самти таъмини амнияти дастаҷамъии минтақа;

- густариши бештари ҳамкорӣ ва мубодилаи таҷриба, фароҳам овардани имконияти истифодаи таҷрибаи якдигар дар самти сиёсати хориҷӣ, роҳандозии сиёсати хориҷӣ ва рушди хадамоти дипломатӣ.

- ташкил намудани курсҳои муштараки соҳавӣ дар самти кормандони мухталифи соҳа ҷиҳати мубодилаи дастовардҳо ва омӯзиши таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон;

- таъсиси ниҳоди омӯзиши моҳият ва махсусиятҳои сиёсати хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва ҳамоҳангии амалии барнома оид ба сиёсати хориҷӣ байнидавлатӣ;

- ҷорӣ намудани курсҳои махсуси таълимӣ вобаста ба асосҳои сиёсати хориҷии кишварҳо, қиёс ва натиҷагирии дастовардҳо дар ин самт;

- истифодаи онҳо дар амалияи хизмати дипломатӣ барои кормандони низоми вазорати корҳои хориҷӣ ва тахассусҳои марбути макотиби олии ҷумҳурӣ.

# I. РӮЙХАТИ САРЧАШМА ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


## Маводҳо аз бойгониҳои ҷорӣ

1. Бойгонии ҷории Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисобот дар фаъолияти солҳои 1992-2020.

2. Бойгонии ҷории Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисобот ва хулосаҳои оид ба ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии Қазоқистон, Федератсияи Русия, СҲШ, ИДМ.

## Санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ

3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

4. Договор о стратегическом партнерстве между Республикой Казахстан и Республикой Таджикистан (Вступил в силу 20 апреля 2017 года) [Текст] // Бюллетень международных договоров РК. – 2017. – №2. – С.27 [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://adilet.zan.kz/rus/docs/Z1600000019 (дата обращения: 12.11.2021).

5. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манобеи электронӣ]: бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст. – Низоми дастрасӣ: https://www.mfa.tj/tg/main/view/4255/konsepsiyai-sijosati-khorijii-jumhurii-tojikiston (санаи муроҷиат 20.10.2021).

6. Концепция внешней политики Республики Казахстан на 2014-2020 гг. [Электронный ресурс]: утверждена Указом Президента Республики Казахстан от 21 января 2014 года №741. – Режим доступа: http://mfa.gov.kz/ru/erevan/content-view/koncepcia-vnesnej-politiki-rk-na-2014-2020-gg (дата обращения: 24.04.2021).

7. Концепция внешней политики Республики Казахстан на 2020-2030 годы [Электронный ресурс]: указом Президента Республики Казахстан от 6 марта 2020 года №280. – Режим доступа:

https://www.akorda.kz/ru/legal_acts/decrees/o-koncepcii-vneshnei-politiki-respubliki-kazahstan-na-2020-2030-gody (дата обращения: 21.10.2022).

8. Мулоқоту музокироти сатҳи олӣ миёни Тоҷикистон ва Қазоқистон (14.03.2018, Қазоқистон) [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.president.tj/node/17259 (санаи муроҷиат: 14.09.2019).

9. Назарбаев: Казахстан готов к обсуждению любых вопросов с Таджикистаном [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://tj.sputniknews.ru/asia/20180314/1025002782/tajikistan-kazakhtan-rahmon-nazarbaev-vizit.html. (дата обращения: 10.11.2019).

10. Выступление Президента Республики Казахстан Н.А. Назарбаева на Саммите тысячелетия ООН (Нью-Йорк, 6 сентября 2000 года) [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://online.zakon.kz/Document/?doc_id=30007277 (дата обращения: 10.11.2019).

11. Закон Республики Казахстан «О ратификации Договора о стратегическом партнерстве между Республикой Казахстан и Республикой Таджикистан» от 31 октября 2016 года №19-VI ЗРК [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://adilet.zan.kz/rus/docs/Z1600000019 (дата обращения: 21.07.2019).

12. Паём ба аъзои Маҷлиси Миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30.04.2001 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.president.tj/node/15126 (санаи муроҷиат: 12.04.2021).

13. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.04.2002 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.president.tj/node/6694 (санаи муроҷиат:11.10.2021).

14. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 04.04.2003 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.president.tj/node/6637 (санаи муроҷиат:11.10.2021).

15. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30.04.2007 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://president.tj (санаи муроҷиат: 07.12.2021).

16. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15.04.2009 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://president.tj (санаи муроҷиат: 09.10.2020).

17. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 24.04.2010 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.president.tj/ node/192 (санаи муроҷиат: 09.10.2020).

18. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20.04.2012 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://www.president.tj/node/1084(санаи муроҷиат: 12.09.2020).

19. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23.04.2014 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://president.tj (санаи муроҷиат: 12.10.2021).

20. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 21.12.2021 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: http://prezident.tj/node/27417 (санаи муроҷат: 15.02.2022).

21. Послание Президента Республики Казахстан Н.А. Назарбаева народу Казахстана. Апрель 2002 г. [Электронный ресурс]. – Режим доступа: https://www.akorda.kz/ru/addresses/addresses_of_president/ poslanie-prezidenta-respubliki-kazakhstan-n-a-nazarbaeva-narodu-kazakhstana-aprel-2002g_1342416567 (дата обращения: 06.12.2019).

22. Суханронии Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо кормандони дипломатии кишвар ба ифтихори ифтитоҳи бинои нави ВКХ. 15.03.2013 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: https://khovar.tj/2013/03/suhanronii-e-ra-1203-mon-dar-voh-1263-r-1251-bo-kormandoni-diplomatii-kishvar-ba-iftihori-iftito-1203-i-binoi-navi-vkh/ (санаи муроҷиат: 05.09.2020).

23. Суханронӣ дар Форуми умумиҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои об 12.04.2015 [Манобеи электронӣ]. – Низоми дастрас: //http://president.tj/node/8647 (санаи муроҷиат: 05.09.2020).

**Адабиёти илмӣ**

**б) бо забони тоҷикӣ**

24. 25 қадам дар паҳнои олам [Матн] / зери назари С. Аслов. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 220 с.

25. Дипломатияи Тоҷикистон [Матн]: дирӯз ва имрӯз / зери назари Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2009. – Ҷ.1. – 296 с.

26. Зокиров, Г. Моҷарошиносӣ [Матн] / Г. Зокиров. – Душанбе, 2002. – 204 с.

27. Назаров, Т. Дипломатияи муосири тоҷик [Матн] / Т. Назаров, А. Сатторзода. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 224 с.

28. Раҳнамо, А. Афғонистон ва Осиёи Марказӣ [Матн]: хусусиятҳо ва дурнамои таъсирпазирӣ / А. Раҳнамо. – Душанбе, 2014. – 398 с.

29. Сайидзода, З. Мафҳумҳои бунёдии назариёти сиёсии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон [Матн] / З. Сайидзода, П. Давлатзода, А. Даминова. – Душанбе: Контраст, 2018. – 422 с.

30. Сайидзода, З.Ш. Фаъолияти байналмилалии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон [Матн]: бозгашти давлати миллии тоҷикон ба арсаи сиёсати ҷаҳонӣ / З.Ш. Сайидзода. – Душанбе: Контраст, 2016. – 216 с.

31. Сатторзода, А. Арзишҳои ваҳдати миллӣ [Матн] / А. Сатторзода. – Душанбе, 2017. – 252 с.

32. Саҳифаи нави дипломатияи тоҷик [Матн] / зери таҳрири умумии Ҳ. Зарифӣ. – Душанбе: Ирфон, 2013. – 160 с.

